**АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ КИШОВАРЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ИНСТИТУТИ ИҚТИСОДИЁТ ВА ТАҲЛИЛИ СИСТЕМАВИИ РУШДИ КИШОВАРЗӢ**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ВБД:** 338.43 (575.3)

**ИСМАТУЛЛОЗОДА БАҲРОМ АБДУҒАФОР**

# САРМОЯГУЗОРӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ САМАРАНОКИИ ИҚТИСОДИИ СОҲАИ КИШОВАРЗӢ
**(дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)**

ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ
аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессор Қудратов Р.Р.

**Душанбе – 2025**

# МУНДАРИҶА


**Номгӯи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ**

**Муқаддима...................................................................... 4-13**

**Боби 1. Асосҳои назариявӣ ва моҳияти сармоягузорӣ, хамчун самтҳои афзалиятноки баланд бардоштани самаранокии иқтисодии истеҳсолоти кишварзӣ**....................................... **14-58**

1.1.. Моҳияти иқтисодии сармоягузорӣ, асосҳои назариявии равандҳои сармоягузорӣ.................................................... 14-30

1.2.. Ҷанбаҳои асосии ҷалби сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ............................. 30-45

1.3.. Таҷрибаи хориҷии сармогузорӣ ба истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ..................................................................... 46-58

**Боби 2. Таҳлили потенсиалии сармоягузорӣ ва самарнок истифодабории он дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон**....................................,.................................... 59-101

2.1.. Ҳолат ва тамоилҳои рушди соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ........................................................................ 59-73

2.2.. Арзёбии ҳолати ҷалби сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ.......................................................................... 73-88

2.3.. Таҳлили самаранокии истифодаи сармоягузории воқеӣ дар соҳаи кишоварзӣ.......................................................... 88-101

**Боби 3. Роҳҳои баланд бардоштани самаранокии истифодабарии сармоягузориҳо дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон..................................................................... 102-147**

3.1.. Танзими давлатии сармоягузорӣ— ҳамчун шарти рушди самаранокӣ истеҳсолоти кишоварзӣ.............................. 102-114

3.2.. Роҳҳои асоси ва механизмҳои ҷалби сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ ……………………………………………........ 114-128

3.3.. Инкишофи лизинг хамчун шакли самаранокии сармоягузори дар соҳаи кишоварзӣ 128-147

**Хулоса**.......................................................................... **148-152**

Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия.............................. 148-151

Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот 151-152

**Рӯйхати адабиёти истифодашуда**……………………..…..... **153-175**

**Интишороти муаллиф аз рӯйи мавзуи диссертатсия.......... 175-176**

## НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

**ВМКБ** – Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон
**ИМА** – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико
**ИҶШС** – Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ
**КАС** – Комплекси агросаноатӣ
**КОА** – Комиссияи олии аттестатсионӣ
**ММД** – Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ
**МММ** – Маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ
**МУД** – Маҳсулоти умумии дохилӣ
**НТҶ** – Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ
**СМР –** Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030
**СУС** – Созмони Умумиҷаҳонии савдо
**ҶФГ-** Ҷумҳурии федеративии Германия
**ҶДГ-** Ҷумҳурии Демократии Германия
**КҲИ** – Комплекси ҳудудии истеҳсолӣ
**ИИТ** – Иттиҳодҳои илмӣ-таълимӣ
**ИА –** Иттиҳоди Аврупо
ФМССК- фонди марказии сармоягузории саҳомии кишоварзӣ
**ГМИ**- гӯрӯҳҳи молиявии иштирокчиён
**ҶМҶ**- Ҷумҳурии мардуми Чин
**МКФ**- Маркази маркази кумаки фермеристон
**КМҚ**- Коорпоратсияи молиявию қарзӣ
**ГМС-** Гӯрӯҳҳои молиявию қарзӣ
МТХ- Маркази хизматрасонии техника
**БСД** – Барномаи сармоягузории давлатӣ
НЭФ- Низоми эҳтиётии фермерӣ
**ARR** – (англ. *Accounting rate of return),* коэффитсиенти самаранокии сармоягузорӣ
**NPV** – (англ. *net present value),* Арзиши тозаи овардашуда
**SWOT** – Strengths, Weaknesses, Opportunities, Threats (ҷиҳатҳои қавӣ, ҷиҳатҳои заиф, имкониятҳо, таҳдидҳо)
**%** – Фоиз
**б/ф** – Банди фоиз
**га** – Гектар
**ҳаз.** – Ҳазор
**млн.** – Миллион
**млрд.** – Миллиард

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Истехсолоти пурсамари кишоварзӣ ба афзоиш ва навсозии пайваста ҳам ба сармояи асосӣ ва ҳам ба сармояи гардон ниёз дорад. Аз ин лиҳоз, сармоягузорӣ дар ташаккули онҳо аҳамияти хосе пайдо менамояд.

Дар марҳилаи муосир аксари корхонаҳои кишорварзӣ, на танҳо барои истеҳсолоти васеъ, балки ҳатто барои истеҳсолоти оддӣ низ фондҳои шахсии худро надоранд, ки дар натиҷа таҷдиди фондҳои асосӣ ва хариди воситаҳои гардон коҳиш меёбад. Ҳамин тариқ, коҳиши мунтазами истеҳсолот ба амал меояд.

Сармоягузорӣ унсури асосии баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ буда, ба рушди соҳа тавассути таҷдиди заминаи моддию техникӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсиони ва татбиқи лоиҳаҳои нав мусоидат мекунад. Дар раванди сармоягузорӣ на танҳо ҳаҷми маблағҳои гузоштащуда, балки интихоби усулҳо ва самтҳои оптималие, ки дар корхонаҳои соҳасамаранокии иқтисодӣ зиёд мешавад аҳамияти ҷиддӣ дорад.

Таъмини рушди иқтисодиёт дар соҳа бо тағйиротҳо ва ислоҳот дар соҳаи кишоварзӣ бо истифодаи омилҳои стратегии сармоягузорӣ дар КАС аҳамияти калон дорад.

Вазъияти ҳозираи маблаггузорӣ ба комплекси агросаноатӣ дигаргуниҳои ҷиддии такрористехсолкунии фондхои асосиро нишон медихад. Мушкилоти хозирае, ки дар кишоварзӣ ҷой дорад бештар ба хусусиятҳои ин соҳа ва истифодаи нокифояи иқтидорҳо вобастаанд. Аз ин рӯ, зарурати таҳияи тадбирҳо оид ба танзими равандҳои сармоягузорӣ аз ҷониби давлат барои беҳтар намудани пасандозҳо ва баланд бардоштани самаранокии сармоягузориҳо муҳим мегардад.

Ташкили стратегияи муассири афзоиши сармоягузорӣ дар бахши кишоварзии минтақа ҷузъи муҳими рушди иқтисодӣ буда, ба баланд бардоштани рақобатпазирии комплекси агросаноатии ватанӣ ва таъмини амнияти озуқавории кишвар мусоидат мекунад. Банақшагирии стратегӣ ва рушди раванди сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатии Тоҷикистон барои ташаккули муносибатҳои устувори иҷтимоию иқтисодӣ аҳамияти ҳалкунанда дорад. Сарфи назар аз стратегияҳои

гуногуни пешниҳодшуда, то ҳол тағйироти воқеӣ дар бахши кишоварзӣ ба даст наомадааст. Яке аз сабабҳои паст будани самаранокии банақшагирии стратегӣ набудани равишҳои илмӣ ва методологӣ мебошад, ки тамоюлҳои иқтисодии ҷаҳонӣ ва шароити мушаххаси Тоҷикистонро ба назар мегиранд. Барои рафъи зуҳуроти бӯҳронӣ дар иқтисоди мамлакат як қатор масъалаҳои назариявӣ ва амалии сиёсати давлатӣ оид ба ҷалб ва истифодаи самараноки захираҳои сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатиро ҳал кардан лозим аст.

Камбудиҳои асосии механизми пешрафти сармоягузорӣ дар он аст, ки дар сохтори он дастгоҳи илмӣ ва методӣ нест, ки барои рушди самарабахши стратегии сармоягузории комплекси агросаноатӣ, бо мақсади дар назар доштани омилҳои зикргардида, таъсис ва амалӣ созад. Таҳлили тадқиқотҳои хориҷӣ ва дохилӣ дар хусуси мушкилоти стратегияи рушди сармоягузории агросаноатии минтақавӣ шаҳодат медиҳад, ки дар ҳолати ҳозира воситаҳои арзёбии комплексӣ барои стратегияи сармоягузории бахши кишоварзӣ то ҳадди кофӣ таҳия нашудаанд. Ғайр аз ин, механизмҳои илмӣ ва методологӣ, ки метавонад барои таъсиси стратегияи самараноки рушди сармоягузории агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯмак расонад, мавҷуд нестанд. Такмили ташакули роҳҳои нав ва усулҳои идоракунии стратегӣ барои рушди сармоягузории агросаноатии минтақавӣ ба таври амиқ асоси илмӣ ва амалии рушди оянда дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ифода мекунад. Ин раванд ба вазъияти номувофиқияти иқтисодӣ, дуршавии пайвастаи равобити байни манбаи ашёи хом ва истеҳсолот, ҳамчунин байни истеҳсолот ва фурӯш, таҷассум ёфтааст. Дар маҷмӯъ, ин механизмҳо нишон медиҳанд, ки раванди такрористеҳсол намудани сохтори иҷтимоӣ ва иқтисодӣ байни сифатҳои гуногунномӣ дар ҳоли таъсиргузорӣ қарор доранд. Сарфи назар аз мизони номутаносибӣ ва монеаҳои ҷойгиршавӣ, такмили механизми идоракунӣ метавонад ба беҳтар шудани самаранокии соҳаи агросаноатӣ ва рушди устувори он мусоидат кунад.

Аз ҳама муҳим ин асоснок намудани мутаносиби оптималии давлатӣ ва бозоргонӣ, дар раванди ташаккули системаи муносибатҳои бозоргонӣ ҳангоми татбиқи таҷдиди пешбинишуда, гузаронидани тадқиқоти ба самти дарки назариявӣ

ва таҳияи вазифаҳои стратегии танзими системавии рушди сармоягузории сохаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронидашуда рӯзмарра арзёбӣ мегардад.

**Дараҷаи коркарди илмии проблемаи мавриди омӯзиш.**

Муносибатҳои методологӣ ва асосҳои ибтидоии рисолаи мазкур ба ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқоти мутахассисони тоҷик ва бегона, ки дар соҳаи менеҷмент, сармоягузорӣ ва қарздиҳӣ фаъолият мекунанд, такя мекунад.

Дар омӯзиши мушкилоти баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот, сиёсати сохторӣ ва фаъолияти сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатӣ, моделсозии равандҳои микроиқтисодӣ як қатор олимон саҳми назарраси худро гузоштаанд, аз ҷумла: В. Андерсен, А.М. Гатаулин, С.И. Грядов, А.П. Зинченко, К.Р. Камбелл, Г.Л. Келлер, Д. Линдсей, К.Р. Макконелл, В.В. Милосердов, А. Нельсон, С.С. Сергеев, Л Томас, И.Г. Ушачёв, Ф.К. Шокиров, С. Фишер, Э. Долан, Р. Дорнбуш ва дигарон.

Ба мушкилоти умумии сармоягузорӣ ва таҳлили ҷанбаҳои алоҳидаи фаъолияти сармоягузорӣ асарҳои аксари олимони рус сохаида шудааст, аз ҷумла: О.С. Белокрилова, Н.С. Гускова, А.Г. Зелнднер, В.И. Назаренко, И.Г. Ушачёва, Е.С. Савченко, В.Я. Узуна, В.Н. Хлистуна, А.Н. Борисенко ва дигарон.

Нақши минтақаҳо ва механизмҳои минтақавии рушди комплекси агросаноатӣ дар корҳои олимони тоҷик Қаюмов Н.Қ., Каримов Р.К., Умаров Ҳ.У., Қудратов Р.Р., Мадаминов А.А., Эргашев А.А. ва дигарон таҳқиқ карда шудааст.

Лекин муқаррароти алоҳидаи методологияи омӯзиши стратегияи рушди сармоягузории комплекси агросаноатии минтақавӣ, аз ҷумла маҷмӯи категорияҳо ва мафҳумҳои барои тавсифи соҳаи мавзӯъ кофӣ, дар адабиёти муосири иқтисодӣ ба таври бояду шояд инъикос наёфтаанд. Ин имкон намедиҳад, ки мазмуни иқтисодии стратегияи рушди сармоягузории комплекси агросаноатӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ, механизми ташаккул ва татбиқи рушди сармоягузории минтақа пурра ошкор карда шавад ва нисбат ба робитаҳои воқеии байни назария ва воқеият тасаввуроти ношаффофро ба амал оварда, пешгӯии илмиро душвор мегардонад.

Аксар вақт усулҳои стратегии таҳияи барномаҳои рушди сармоягузории

комплекси агросаноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои соҳавии лоиҳаҳои сармоягузориро ба инобат гирифта намегиранд ва имконияти ташаккули вазифаҳои мақсадноки рушди комплекси агросаноатӣ дар асоси таркиби соҳа ва шароити бозоргонӣ дар минтақаҳо вуҷуд надорад.

Ин ҳама зарурати такмили минбаъдаи ҷанбаҳои назариявию методологӣ ва ташкилию иқтисодии идоракунии стратегии рушди сармоягузории комплекси агросаноатии минтақавиро бо мақсади ташаккули стратегияи самарасохаи рушди сармоягузории соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ муайян мекунад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуи илмӣ.** Тадқиқоти диссертатсионии мазкур дар асоси нишондиҳандаҳои асосии мақсадноки «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2021-2025», барномаи ҷалби сармоягузорӣ барои давраи то соли 2027 ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро карда шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади тадқиқот** – Мақсади ниҳоии диссертатсияи мазкур омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии инкишоф ва идораи амалии принсипҳои асосии стратегияи рушди сармоягузории КАС дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфтааст.

**Вазифаҳои тадқиқот.** Барои расидан ба мақсадҳои ниҳоӣ дар диссертатсия ҳалли вазифаҳои зерин пешбинӣ шудаанд:

- омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ оиди мазмумуни «ҷолибияти ва стратегияи сармоягузорӣ»

- дар асоси омӯзиши мушкилоти соҳа ва баҳодиҳии самаранокии стратегӣ, пешниҳоди усули таҳлили иқтисодӣ бо мақсади ба даст овардани афзалиятҳои рақобатпазирӣ пешниҳод карда шавад.

- таҳқиқ ва гурӯҳбандии таснифоти омилҳои ташаккулдиҳандаи стратегияи рушди сармоягузории кишоварзӣ;

- муайян намудани ҷойгоҳ ва нақши танзими давлатӣ дар таъмини стратегияи

устувори рушди сармоягузории кишоварзии ҷумҳурӣ;

- асоснок намудани роҳҳо ва механизмҳои баҳодиҳии ҳамаҷонибаи ҷалби иқтидори сармоягузории кишоварзии мамлакат;

- коркарди механизмҳои асосии ҷалби сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Объекти тадқиқот** – соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раванди ташаккули стратегияи рушди сармоягузории комплекси агросаноатӣ мебошад.

**Мавзуи (предмет) тадқиқот** - маҷмӯи ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии ташаккули муносибатҳои идоракунии стратегии сармоягузорӣ дар соҳаи истеҳсолоти кишоварзии ҷумҳурӣ, инчунин маҷмӯи омилҳо ва шароитҳое мебошанд, ки ба рушди он мусоидат мекунанд.

**Фарзияи тадқиқот.** Дар сифати фарзияи илмии тадқиқот, қоидаҳое пешниҳод карда шудаанд, ки мувофиқи онҳо, равандҳои сармоягузорӣ дар ҳамаи бахшҳои истеҳсолот дар соҳаи кишоварзӣ ҳамчун омили асосӣ барои беҳтар намудани самаранокии соҳа фаъолият мекунанд.

**Асосҳои назариявии тадқиқотро** муқарраროти бунёдии илмии дар асарҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ пешниҳодгардида, тавсияҳои муассисаҳои илмӣ оид ба масъалаҳои фаъолгардонии равандҳои сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатӣ, инчунин дастовардҳои назариявӣ ва методии иқтисоддонҳои соҳаи кишоварӣ дар самти стратегияи рушди сармоягузории комплекси агросаноатӣ ташкил медиҳад. Санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, фармонҳои Президент, фармону қарорҳои Ҳукумат, мақолаҳо дар маҷмӯаҳои илмӣ, ки фаъолияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ мекунанд, мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтанд.

**Навгонии илмии тадқиқот.** Навгонии илмӣ дар он асос меёбад, ки масъалаҳои илмию амалии марбут ба асосноккунии илмии маҷмӯи тавсияҳои назариявӣ, методӣ ва амалӣ оид ба ҷалб ва баланд бардоштани самаранокии иқтисодии сармоягузорӣ дар сохаи кишоварзӣ хулосабандӣ ва ба таври нав ҳал карда шудаанд, ки дар муқарраროти зерин инъикос ёфтааст:

– муқарраროти назариявӣ, асос ва мазмуни категориҳои иқтисодии «ҷолибияти сармоягузорӣ» ва «стратегияи сармоягузорӣ» дар асоси ташаккули

муносибатҳо бо мушкилоти идоракунии стратегӣ дар рушди сармоягузориҳои кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ хулосабандӣ ва систематизатсия шудаанд;

– муносибати методологии таҳлили ҳамаҷонибаи ташкилию иқтисодии хусусиятҳои нишондиҳандаҳои стратегияи рушди сармоягузории кишоварзии ҷумҳурӣ дар ҳамбастагӣ бо низоми нишондиҳандаҳои мутавозин пешниҳод гардидааст ва мушкилоти рушди он муайян карда шуда, ҳадафи асосӣ муайян кардани мақсадҳои стратегӣ ва анҷом додани таҳлили амиқи ин равандҳо исботи стратегияи афзалиятҳои рақобатпазир мебошанд.

– таснифоти омилҳо, ки стратегияи сармоягузории комплекси кишоварзии ҷумҳуририро ташаккул дода, роҳҳои идоракунии онро дар асоси консепсияи дарозмуддати стратегии рушди минтакаҳо таъмин менамоянд, тартиб дода шудааст;

– дар асоси таҳлили стратегияи самарасохаи рушди сармоягузории кишоварзии иқтисодиёти мамлакат низоми илман асоснок карда шуда, ва консепсияи танзими давлатии истеҳсолоти кишоварзӣ пешниҳод карда шудааст;

– бо мақсади ҷалби сармоя роҳ ва механизмҳои асосии муттаҳидгардонидашуда, дар асоси ҳолати кунунӣ ва самаранокии истифодабарии сармоя дар соҳаи кишоварзӣ пешниҳод шудаанд ин механизмҳо ҷоннок намудани ҳолати кунонӣ ва таҳлили сармоягузориро таъмин менамоянд.

– системаи муносибатҳои нархӣ, молиявӣ, қарзӣ бо мақсади ҳавасманд намудани фаъолияти сармоягузорӣ ба эътибор гирифта шудааст. Низоми тадбирҳо барои афзун намудани самаранокии истифодаи сармоя дар соҳаи кишоварзӣ пешниҳод шуда, ин ҳамчунин такмили сиёсати сармоягузорӣ ва истеъмоли оқилонаи маблағгузории давлатиро дар бар мегирад. Ғайр аз ин, ин раванд ҳамчунин ташаккули пешниҳоди воситаҳои қарзӣ дар сарзаминҳои деҳот ва рушди лизингро низ инъикос менамояд.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

-асосҳои равиши гуногуни назариявии идоракунии рушди стратегии раванди сармоягузорӣ ҷамъбаст карда шудаанд;

-муносибатҳои методӣ барои арзёбии комплексии нишондиҳан-даҳои стратегияи тараққиёти сармоягузории зироатӣ пешниҳод шудааст;

-гурӯҳбандӣ ва класификатсияи аслии омилҳо ҳамчун асоси стратегия барои рушди сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ.

-пешниҳоди муносибатҳои агрегативӣ оиди муайян намудани иқтидори сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ;

-механизми амалгардонии самтҳои асосии ҳавасманднамудани сармоягузорӣ асоснок шудаанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳамияти амалии таҳқиқот аз рӯйи мубрамияти мақсади гузошташуда, дараҷаи ба даст овардашудаи коркарди мушкилоти рушди стратегии фаъолияти сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ, инчунин вобаста ба табдил додани муқаррарот, усулҳо ва моделҳои назариявӣ то ба дараҷаи тавсияҳои амалӣ, ки метавонанд аз ҷониби субъектҳои комплекси агросаноатӣ мавриди истифода қарор гирифта, устувории рушди соҳаи кишоварзии ҷумҳуриро баланд мебардоранд, муайян карда мешавад.

**Аҳамияти назариявии** тадқиқоти диссертатсионӣ дар асоснoккунии муқаррароти назариявӣ ва методологӣ оид ба масъалаҳои таҳияи стратегияи самараноки сармоягузории рушди комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода меёбад. Муқаррароти назариявии диссертатсияро дар раванди таълимии мактотиби олӣ ҳангоми омодасозии кадрҳо ва такмили ихтисоси мутахассисони соҳаи кишоварзӣ истифода бурдан мумкин аст.

Хулоса, пешниҳодот ва тавсияҳои асоснокро ҳамчун восита барои тасҳеҳи сиёсати минтақавӣ дар самти танзими механизми дастгирии давлатии корхонаҳои соҳаи кишоварзӣ ва ҳамчунин дар фаъолияти амалии корхонаҳои алоҳидаи кишоварзӣ ва комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ метавон истифода кард.

**Манбаи маълумоти** диссертатсия ва хулосаҳои бадастовардаи муаллиф бо ҷамъоварӣ, таҳлил ва ҷамъбасти миқдори зиёди иттилоот, ҳисобҳои анҷомдодашуда, санҷиши муқаррароти илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳо дар

амалия, инчунин бо тадқиқу баррасии фикру мулоҳизаҳои мутахассисони корхонаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба як қатор нуктаҳои илмии диссертатсия, муҳокимаи онҳо дар конференсия ва семинарҳои илмӣ-методӣ ва илмию амалӣ тасдиқ карда мешавад.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Пойгоҳи тадқиқотии диссертатсиониро сарчашмаҳои иттилоотие ташкил доданд, ки онҳо барои дастрасии озод иҷозат дода шудаанд: фондҳои китобхонаҳо, монографияҳои нашршуда, мақолаҳо, маводи конференсияҳои илмӣ, ҳисоботи Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба рушди комплекси агросаноатӣ, арзёбии экспертии муассисаҳои Тоҷикистону хориҷӣ ва олимони алоҳида – коршиносони варзида дар соҳаи масъалаҳои сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатӣ, маводи матбуоти даврӣ, захираҳои иттилоотии Интернетӣ.

Илова ба маълумоти расмии мақомоти омор, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Парлумони Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин маълумот аз тадқиқоти интихобӣ, ки муаллиф дар давраи солҳои 2018-2022 гузаронидааст, истифода шудааст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Натиҷаҳои кори диссертатсия эътимоднокии худро тавассути тадқиқоти гузаронидашуда, маълумоти дақиқ, ҳаҷми зарурии маводи омӯхташуда, таҳлили омории натиҷаҳои тадқиқот ва нашри мақолаҳои илмӣ асоснок мекунанд. Хулоса ва тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои тадқиқотҳои назариявию амалӣ асос ёфтаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Навовариҳо ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ мутобиқат мекунад: 3. Танзими давлатии хоҷагии қишлоқ ва дигар соҳаҳои КАС; 4. Хусусиятҳои хоси равандҳои такрористеҳсолкунӣ дар хоҷагии қишлоқ, аз он ҷумла такрористеҳсолкунии фондҳои асосӣ, захираҳои меҳнатӣ ва заминӣ, фаъолияти инвеститсионӣ,

маблағгузорӣ ва қарздиҳӣ; 9. Самаранокии фаъолияти корхонаҳо ва соҳаҳои КАС; 37. Сифат ва рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои (хоҷагиҳои) комплекси агросаноатӣ;

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Ҳамаи марҳилаҳои иҷрои нақшаи диссертатсия бо иштироки бевоситаи муаллиф анҷом дода шуданд, аз қабили интихоби мавзӯъ, асосноккунии мубрамияти он, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот. Муаллиф дар таҳияи пешниҳодҳо оид ба муайян намудани самтҳои афзалиятноки сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ дар марҳилаи муосири рушди он саҳм гузоштааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии назариявӣ ва амалии диссертатсия дар як қатор конференсияҳои илмию амалии байнидонишгоҳӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2015-2024 баргузор гардиданд, пешниҳод карда шудаанд.

**Муқаррароти асосии** тадқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои байнидонишгоҳии донишҷӯён ва аспирантҳо пешниҳод ва муҳокима карда шудаанд.

**Коркардҳои пешниҳоднамудаи муаллиф** то ба марҳилаи татбиқи амалӣ дар Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудаанд (санади татбиқ замима карда мешавад).

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Мазмуни асосии диссертатсия дар 11 мақолаи илмӣ, дар ҳаҷми умумии 3,4 ҷ.ч. нашр шудааст, ки натиҷаҳои илмию амалии бадастомада, хулосаҳо ва пешниҳодҳоро пурра инъикос мекунанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия** мантиқ, тартиби тадқиқот ва алгоритми ҳалли масъалаҳои гузошташударо инъикос мекунад. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва номгӯйи адабиёти илмӣ, ки аз 189 сарчашмаро дар бар мегирад, иборат аст. Рисолаи дар 176 саҳифаи матни компютерӣ пешниҳод гардида, аз 6 расм, 4 диаграмма ва 27 ҷадвал иборат аст.

**Дар муқаддима** хусусиятҳои назариявию методологии мавзӯи мавриди таҳқиқ, аҳамияти он, дараҷаи омӯзиш, ҳадафҳо, вазифаҳо ва объекти

тадқиқот асоснок карда шудааст.

**Дар боби якум** «Асосҳои назариявӣ ва моҳияти сармоягузорӣ ҳамчун самтҳои афзалиятноки баланд бардоштани самаранокии иқтисодии истеҳсолоти кишоварзӣ» моҳияти иқтисодии сармоягузориҳо, асосҳои назариявии равандҳои сармоягузорӣ баррасӣ гардида, ҷанбаҳои асосии ҷалби сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ ва таҷрибаи хориҷии маблағгузорӣ ба истеҳсолоти мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

**Дар боби дуюм** «Таҳлили иқтидори сармоягузорӣ ва самаранокии истифодаи он дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳолат ва тамоюлҳои рушди кишоварзии ҷумҳурӣ, сармоягузорӣ ба саҳа ва самарасохаии истифодаи сармоягузории воқеӣ ба соҳаи кишоварзӣ таҳлил карда шудааст.

**Дар боби сеюм** «Роҳҳои баланд бардоштани самаранокии истифодаи сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон» масъалаҳои танзими давлатии сармоягузориҳо хамчун шарти рушди босамари истеҳсолоти кишоварзӣ таҳқиқ гардида, роҳҳо ва механизмҳои асосии ҷалби сармоягузорӣ ва нақши бонкҳо дар инкишофи лизинг ҳамчун шакли самарасохаи сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ асоснок карда шудааст.

**Дар хулоса ва пешниҳодот** натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷамъбаст карда шудааст

# БОБИ I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МОҲИЯТИ САРМОЯГУЗОРӢ ҲАМЧУН САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ САМАРАНОКИИ ИҚТИСОДИИ ИСТЕҲСОЛОТИ КИШОВАРЗӢ

## 1.1. Асосҳои назариявӣ ва моҳияти иқтисодии равандҳои сармоягузорӣ

Раванди сармоягузорӣ омили рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии ҳар як мамлакат ба ҳисоб меравад. Ба масъалаҳои фаъолгардонии фаъолияти сармоягузорӣ дар кишварҳои муттарақӣ ва аз ҷиҳати инноватсионӣ рушдкарда дар сатҳи мақомоти болоии идоракунии давлатӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда мешавад. Дар робита ба таввaҷуҳи зиёд зоҳир намудан ба раванди сармоягузорӣ бо он рабт дорад, ки рушди номукамали фаъолнокии фаъолияти сармоягузорӣ ҳамчун таҳдид ба амнияти озуқаворӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ  иқтисодиёти миллӣ маънидод мегардад. Захираи такондиҳандаи рушди истеҳсолот маҳз сармоягузориҳои инноватсионӣ буда, ба ташкили истеҳсолоти рақобатпазир суръат бахшида, сифат ва суръати баланди рушди иқтисодиётро таъмин менамоянд.

Дар чорчубаи сиёсати умумии иқтисодӣ давлат ва субъектҳои шаклоҳои гуногуни сармоягузорӣ ва равндҳои муракабро амалӣ менамояд. Сармоягузориҳо ҳаҷми зарурии гузоштани воситаҳои молиявиро барои таҷдид ва навкунии сохтори воситаҳои асосӣ ва баланд бардоштани сатҳи техникию технологии онҳо, асосноккунии, сарчашмаҳо, сохтор ва самтҳои истифодаи онҳоро асоснок менамоянд. Дар адабиёти иқтисодӣ олимони гуногуни соҳаи иқтисодӣ як қатор таърифи мафҳуми сармоягузорӣ пешниҳод намудаанд.

Марҳилаҳои гуногуни инкишофи назарияи иқтисодӣ ба тағйир ёфтани худи мафҳуми сармоягузорӣ мусоидат карданд. Аз ақидаҳои  меркантилизм ки дар асри XVII нисбат ба дигар равия ва мактабҳои иқтисодӣ пешсаф буданд, бармеояд, ки намояндагони он боигарии миллатро бо пул ва пулро бошад - бо металлҳои қиматбаҳо муайян мекарданд. Дар сатҳилозимӣ нигоҳ доштани тавозуни  мусбии савдо ба ақидаи бисёри олдимон манбаи асосии

савдои берунӣ ба ҳисоб меравад.

Дар асарҳои физиократҳо ақидаҳои гуногуни иқтисодӣ нисбат ба равандҳои сармоягузорӣ инъикос ёфтаанд. Ф. Кэне аввалин шуда сохтори табиию моддиии сармоягузориро муайян намуда, онҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо намудааст.

Ба ақидаи Ф. Кэне ба гурӯҳи аввал пешпардохт маблағи аввалия дониста шудааст, ки он хароҷоти деҳқононро дар чунин самтҳо дар бар мегирад: ба даст овардани машинаҳои кишоварзӣ, биноҳо, ҳайвоноти корӣ, техникаи ва мошинолотҳои кишоварзӣ, ки муҳлати истифода шудаги онҳо беш аз 10 солро ташкил медиҳад. Ба гурӯҳи дуюм бошад, пешпардохтҳои ҷорӣ ворид карда мешаванд, аз ҷумла: хароҷот барои хариди тухмӣ, музди меҳнати кормандон, суишворӣ, нуриҳои маъданӣ ва ғайраҳо. Дар баробари ин, сармоягузорӣ ҳамчун раванди ба иннватсионии афзун намудани ҳаҷми истеҳсолот баррасӣ гардидааст, ки бо ёрии он на танҳо чрушди истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ ба миён меояд, балки маҷмуи маҳсулоти миллӣ миллӣ дар маҷмуъ афзоиш меёбад.

Асосгузори мактаби классикӣ А.Смит қайд кардааст [116. С.377], ки “...натиҷаи меҳнати солонаи ҳар як давлатро бо ду роҳ зиёд кардан мумкин аст: аз ҳисоби зиёд кардани шумораи коргарони сермаҳсул ва ё бо роҳи зиёд кардани қувваи истеҳсолии коргарони қаблан кирояшуда”. Барои ба ин мақсад расиданбарои тасиси ҷойҳои нави корӣ ва хариди воситаҳои нави инноватсионии технологӣ маблаггузорӣ намудан лозим аст.

Вобаста ба ин А.Смит [116. С.377] муносибати мантиқӣ муайян намудааст, ки чунин аст: “боигарии халқиятҳо – шумораи коргарони фаъоли дар истеҳсолот машғулбуда; қувваи истеҳсолкунада – ҳаҷми сармояи дар воситаҳои истеҳсолот сарфшуда. Тибқи ақидаи ӯ қайд менамояд, ки барои афзун гардондани сарвати миллӣ чунин номгуй ва ҳаҷми сармяоро истифода бурдан мумкин аст:

- сармояи инсонӣ малака ва дониш;

-фондҳои асосӣ (амволи ғайриманқулӣ, истеҳсолӣ;

- омилҳое таъсиррасон ба маҳсули замин, об ва иншоотҳои обӣ, сифати хок ва ғайра;

- техника ва мошиноолотҳо.”

Ҳамин тариқ, хароҷоти барои ҷуброн кардан ё зиёд кардани сармоя равона гардидаро ки дар шаклҳои болозикр арзи вуҷуд доранд А.Смит, , ба сармоягузорӣ мансуб донистааст [116. С.377].

Инкишофи минбаъдаи рушди назарияи сармоягузорӣ тавассути К. Маркс муаррифӣ гардид. Ӯ дар ин ҷо раванди сармоягузориро ба манзилҳои инфиродӣ ва иҷтимоӣ тақсим мекунад, инчунин мазмуни онҳо ва самти мақсадноки онҳоро таъриф мекунад. Вай шароити умумии мувозинат дар бозорҳои сармоягузорӣ ва молиро баррасӣ мекунад. К.Маркс қайд менамояд, ки, ки гардиши сармояи сармояи "бардурӯғ" ва қарздиҳии он, ки боиси дур шудани захираҳо аз раванди воқеии сармоягузорӣ мегардад, барои истеҳсолот номувофиқ мебошад [79. С. 371-377].

Намояндагони мактаби неоклассикӣ, ки А. Маршалл асосгузори он мебошад, таҳлили равандҳои сармоягузорӣ барраси намуда, механизми воридоти онро ба бозори сармоя коркард намудаанд [82. С.302].

Тибқи қидаи онҳо бозори сармоя бо таъсири байниҳамдигарии талабот ва пешниҳод амал намуда, ба сифати субъектҳои бозор субъектҳои иқтисодии алоҳидае баромад мекунанд, ки барои фаъолияти худ ҳавасмандии гуногун доранд [82. С.302].

В. Никифорова: моҳияти иқтисодии сармоягузориро тавсиф намуда, қайд менамояд, ки “...дар адабиёти муосир оид ба иқтисод, мафҳуми сармоягузорӣ ба унвони «гурӯҳе аз хароҷотҳо, ки ҳамчун гузориши воситаҳои молиявӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисод, бо мақсади ба даст овардани даромади тиҷоратӣ ё фоиз ба амал бароварда мешавад” [90. С-26].

В. Никифорова сармоягузориро ҳамчун раванди маблағгузорӣ ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт дар шаклу намудҳои гуногун тавсиф менамояд. Ӯ мавҷудияти сармоягузориро дар шакли андухти пулӣ, ки дар давраи муайяни фаъолияти хоҷагидорӣ истифода истифода нагардидааст ва он ба

соҳаҳои воқеии иқтисодиёт аз нав ҷалб мегардад, тавзеҳ медиҳад. Ба маҳсулноки воситаҳои сармоягузорӣ истифодаи тамоми омилҳои такрористеҳсол, ки онҳо моҳияти такрористеҳсолро пурра ва ҳаматарафа тавсиф менамоянд ва табиатан борҳо такрор меёбанд хос аст [90. С-26]. Чунин таърифи мафҳуми сармоягузорӣ, ба андешаи мо, таҳлили макроиқтисодии таъсири сармяогузориро ба иқтисодиёт душвор гардонида, фаҳмиши объектҳои сармоягузориро нисбатан васеъ мегардонад.

Аз нуқтаи назари мо, моҳияти мафҳуми сармоягузорӣ дар асарҳои А.Е. Когута, С.Ю.Бахарева, Д.В.Шопенко нисбатан пурра ва асоснок ифшо карда шудааст [71. С.277]. Ҳангоми муайян намудани мазмуни сармоягузорӣ онҳо мафҳумеро асос овардаанд, ки тибқи он сармоягузорӣ - ин сармояи моддӣ ва молиявӣ, ҳамчунин арзишҳои зеҳнӣ мебошад, ки дар доираи фаъолияти тиҷоратӣ бо ҳадафи ба даст овардани фоида ё натиҷаи мусбии дигар гузошта мешаванд.

Бо дарназдошти шарҳи мафҳуми иқтисодии сармоягузорӣ, ки дар боло оварда шуд, қайд кардан ба маврид аст, ки дар мадди аввал ҳадафи сармоягузорӣ ин бо хоҳиши худ набуда, балки мақсади ниҳоии он ба даст овардани нафъи иқтисодӣ мебошад. Дар ин замина масоили мухталифи иқтисодӣ-иҷтимоӣ бартараф карда мешавад. Бинобар ин, ҷараёни боздеҳии сармоя ниҳоятан шаклгирии иҷтимоиро дар худ таҷассум мекунад.

Дар марҳилаи дуюм, омилҳои зерин ҳангоми баҳодиҳии лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба инобат гирифта мешаванд:

– нафъи тиҷоратӣ (молиявӣ), ки натиҷаи молиявии амлишавии лоиҳаи сармоягузориро ифода менамояд;

– нафъи буҷетӣ, ки натиҷаи молиявии таъсири лоиҳаи сармоягузорӣ ба буҷетҳои маҳаллӣ ва ҷумҳуриявиро инъикос менамояд;

– самаранокии технологӣ, ки афзалиятҳои инноватсияи воридшударо ва дигар самтҳои фоидовари лоиҳаи сармоягузориро амалан ифода намуда, хароҷот ва натиҷаҳои бадастовардашударо, ки бо татбиқи лоиҳаҳо вобастаанд, дар шароити муамлгардонии истеҳсолот, ифода менамоянд.

Сеюм, равандҳои сармоягузориро дар алоҳидагӣ аз дигар равандҳо ва ҳодисаҳои иҷтимоию иқтисодии дар иқтисодиёт ба амалоянда баррасӣ кардан номумкин аст ва ҳатто бештар аз ин, ҳангоми татбиқи онҳо бар зарари ҳамдигар - мувофиқати тарафайн зарур аст.

Омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии олимони хориҷӣ ва ватанӣ нишон дод, ки "сармоягузорӣ" унсурҳои зеринро дар бар мегирад:

- самти захиравӣ ва хароҷотӣ;
- истифодаи воситаҳои сармоягузории мақсаднок ташаккул ёфта;
- самаранокии фаъолияти сармоягузорӣ бо назардошти мувофиқати онҳо ба захираҳо;
- нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва тамоюлҳои онҳо;
- мавҷудияти хатарҳо ва номуайянӣ дар пешгӯии натиҷаҳои бадастовардашаванда.

Омӯзиш ва таҳқиқи асарҳои олимони хориҷию ватанӣ имкон дод, ки мо тахти сармоягузорӣ бояд гузориши хафноки воситаои пулӣ ва ҷисмонӣ, инчунин арзишҳои зеҳнӣро бо мақсади афзун шудани онҳо дар объектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ ва бо ин роҳ ба даст овардани даромад ё дар оянда ба даст овардани самара дар соҳаи иқтисод фаҳмем.

Мазмуни иқтисодии сармоягузориҳо ин як миқдори захираҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ мебошанд, ки аз фонди истеъмолӣ ҷудо карда шуда, бо мақсади дар оянда ба даст даровардани фоида ба соҳаҳои гуогуни истеҳсолот ва иҷтимоиёт гузошта мешаванд. Рушди раванди сармоягузорӣ нишондиҳандаи асосии равнақи истеҳсолот буда, таносуби байни гузоштани воситаҳо ва ҳаҷми истеҳсолот ифода мекунад. Раванди сармоягузорӣ захираҳои мавҷударо байни фонди истеъмол ва нақшаҳоиояндаи ҷомеа барои дар оянда зиндагонӣ намудан тақсим мекунад.

Амалиёти гуногуни иштирокчиёни раванди такрористеҳсолбо мақсади афзун намудани сармояи умумимиллӣ раванди сармоягузори ба объектҳои гуногун мебошад. Дар марҳилаи давраҳои такрористеҳсол (истеҳсол, тақсим, мубодила ва истеъмол) дигаргунсозии иқтисодӣ, ки ба раванд ва сиёсати

иқтисодии давлат бевосита дахл дорад амалӣ карда мешавад.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ тавсифи равандҳои сармоягузориҳо дар ду шакл: якум, дар шакли тамоюли андозаҳои ҷисмонӣ ва дуюм, дар шакли нишондиҳандаҳои молиявӣ баррасӣ мешаванд.

Дар ҳар ду ҳолат сармоягузориҳо бо гурӯҳи махсуси нишондиҳандаҳо ва омилҳо баррасӣ мгарданд. Аз нуқтаи назари тамоюли андозаҳои ҷисмонӣ раванди сармоягузорӣ маҷмуи бузургиҳои зеринро ифода мекунад:

– пешниҳоди таҷҳизотҳои сармоягузорӣ (мошину таҷҳизот, инноватсияҳо бо патент);

– нақшагирии истеҳсолот бо назардошти потенсиали реали бо мақсади таъмини захираҳои нави истеҳсолӣ ва таъмини самаранокии онҳо;

– баланд бардоштани иқтидори фаъолияти объект бо мақсади истеҳсоли маҳсулот (хизматрасонӣ).

Яке аз хусусияти хоси сармоягузориҳо дар фавран зоҳир нашудани смараи онҳо н ифода меёбад. Раванди сармоягузориро метавон ба марҳилаҳо тақсим кард, чунки он раванди мураккаб ва дорои хосиятҳои хоси худ мебошад.

Намунаҳои гуногуни муайян кардани марҳилаҳои асосии раванди сармоягузорӣ дар хориҷӣ оварда шудаанд. Масалан, Громова А.В. дар асари худ «Рушди шаклҳои фаъолияти сармоягузорӣ дар хоҷаги ҷаҳонӣ» [211. С.22]. чор марҳилаи фаъолияти сармоягузориро ҷудо мекунад:

1) Тарҳрезии сармоягузорӣ ва мустаҳкам намудани пойгоҳи техникӣ;
2) Асосноккунии иқтисодии лоиҳаи сармоягузорӣ;
3) Кабули қарор оид ба маблағгузории лоиҳа;
4) Шаклҳои маблағгузории лоиҳаи сармоягузорӣ.

Давраҳои зерин дар раванди амалӣ кардани лоиҳаи сармоягузорӣ, дохил карда мешаваннд:

- таҳияи накшаҳои муфассали раванди сармоягузорӣ;
- истеҳсоли воситаҳои сармоягузорӣ;
- истифодаи воситаҳои сармоягузорӣ;

- омӯзиш ва баланд бардоштани тахассуияти кадрҳо ва ғайра.

Аз лаҳзаи аввали ба истифода додани объект марҳилаи истифодабарии он огоз мегардад. Анҷоми раванди сармоягузорӣ қабули қарор дар бораи раванди нави сармоягузорӣ анҷом меёбад.

Моҳияти давраҳои сармоягузориро, ки аз як гардиши сармоягузорӣ, яъне ҳаракати арзиши воситаҳои гузошташуда ба моликияти асосӣ, аз давраи ҷамъшавии воситаҳои пулӣ то то пурра ҷамъ шудани маблағи гузошташуда, давраи аввал ва охири раванди сармоягузорӣ мебошанд. Тибқи ақидаи мо, давраҳои фаъолияти сармоягузориро, ба ҳашт марҳилаи зерин тақсим намуда, моҳият ва мақсади онро васеътар ва муфассалтар дарк намудан мумкин аст:

– давраи аввал – муайян намудани мақсади сармоягузорӣ;

– давраи дуюм – муайян намудани маҳакҳои интихоби объектҳои сармоягузорӣ;

– давраи сеюм – интихоби объекти сармоягузорӣ;

– давраи чорум – интихоби роҳҳо ва воситаҳои молиявии сармоягузорӣ;

– давраи панҷум – гузоштани сармоя;

– давраи шашум – табдил додани захираҳои сармоягузорӣ ба маблағгузорӣ;

– давраи ҳафтум – ба даст овардани самара;

– давраи ҳаштум – бозпасгардонии маблағи гузошташуда ва афзоиши воситаҳои худӣ.

Ба объектҳои соҳибкорӣ сармоягузориҳо дар шаклҳои гуногун ва бисёрҷониба гузошта мешаванд. Дар адабиёти иқтисоди байналмилалӣ гурӯҳбандии сармоягузориҳо ба усулҳои гуногун такя мекунад.

Иқтисодчиёни амрикоӣ, аз ҷумла С. Фишер, Р. Дорнбуш ва Р. Шмалензи [88. С.126], хароҷоти сармоягузориро ҳамчун натиҷаи ба вуҷуд овардани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ, гузоштани воситаҳои молиявӣ барои манзил, бунёди иншоотҳои саноатӣ ва кишоварзӣ, инчунин воситаҳои захиравӣ

баррасӣ мекунанд. Онҳо се гурӯҳи сармоягузориро ҷудо менамоянд:

– сармоягузорӣ ба сохтмони манзили нав;

– сармоягузории ширкатҳо ба иқтидор ва дастгоҳҳои истеҳсолӣ;

– маблағгузории бо мақсади мустаҳкам намудани захираҳои истеҳсолӣ.

Таҳқиқотчиёни болозикр дар он ақидаанд, ки сармоягузорӣ ба баланд бардоштани имконоятҳои истеҳсолӣ муҳимтар аз ҳама шаклҳои маблагғузорӣ ба ҳисоб меравад.

Хоҳиши зиёд намуданифаъолият зарурият ба сармоягузориро дар ширкатҳо маҳсулоти истеҳсоли худиро барои ба даст овардани бартариятҳо дар истеҳсоли маҳсулоти худӣ аз технологияи сарфакундаи захираҳо истифода бурда, маҳсулот истеҳсол менамоянд. Бо истеҳсоли маҳсулоти нав сармоягузорӣ комилан алоқаманданд.

Таъмини сапмоягузорӣ бо қоғазҳои қиматнок ва ғайринакдӣ ва дигар арзишҳои моддӣ ба ақидаи мо нишони хоси рушди сармоягузорӣ мебошад.

Тадқиқотчии олмонӣ Вайнрих [28. С.288] "...сармоягузориро аз рӯйи объекти татбиқ ва хусусияти истифодабарӣ" тасниф мекунад. Се намуди сармоягузори вобаста ба обекти сармояшавандаро муаллиф муайян мекунад:

– сармояҳо ба амволи молиявӣ саҳмияҳо ва дигар қоғазҳои қиматнок ҳамчун сармоягузории молиявӣ;

– сармоягузорӣ ба амволи моддӣ (сармоягузории моддӣ). Ин ҷо гузориши воситаҳои дар назар дошат мешавад, ки онҳо бевосита дар раванди истеҳсолот иштирок мекунанд (масалан, маблағгузорӣ ба таҷҳизот, биноҳо, масолеҳ);

– сармоягузории ғайримоддӣ, яъне маблағгузорӣ ба дороиҳои ғайримоддӣ (масалан, маблағгузорӣ ба интихоби кадрҳо, таҳқиқот илмӣ, таблиғот ва ғайра).

Аз рӯйи объекти истифодабарии маблағҳои сармоягузорӣ Вайнрих сармоягузориҳоро ҷудо намуда, ба гурӯҳи якум маблағгузориҳоеро мансуб донистаст, ки ба ақидаи олимони амрикоӣ, дар маҷмуъ мувофиқат менамояд.

Ба механизми такрористеҳсоли васеъ сармоягузории ғайримустақим

сармоя таъсир калон мерасонанд, зеро дар он ҳадди аққал ду соҳибмулк (капиталист) иштирок мекунанд: шахсе, ки пасандозҳоро ташкил медиҳад ва шахсе, ки маблағгузориро татбиқ мекунад. Ба ибораи дигар, механизми сармоягузорӣ, ки ба гардиши васеъи сармоя асос ёфтааст, дар се марҳила амалӣ карда мешавад: ташаккули пасандозҳо дар баъзе аз субъектҳои хоҷагидорӣ, пайдоиши талабот дар байни дигарон ва таъсири мутақобилаи онҳо.

Балабанов И.Т. Яке аз муҳакиқони рус дар китоби худ «Асосҳо менеҷменти молиявӣ. Чи гуна сармояиро идора кард?» пешниҳод менамояд, сармоягузориҳо таваккалӣ, мустақим, портфелӣ ва аннуитетӣ мешаванд [30. С.306]. Таҳти сармоягузориро ба ҳайси барориши саҳмияҳои нав, муҳаққиқ сармоягузориҳои хайфнок ё сармояи венчуриро пешниҳод менамояд, ки онҳо дар соҳаҳои инноватсионидошта ба вуҷуд меоянд.

Амалан лоиҳаҳои байни ҳам алоқанадошта, бо мақсади зуд баргаштани воситаҳои гузошташуда ба сармояи венчурӣ ворид карда мешавад. Тавассути харидорӣ намудани як қисми саҳмияҳо, ё ба ширкатҳо пешниҳод намудани маблағҳо дар намуди қарз бо ҳуқуқи табдил додани он ба саҳмияҳо чунин намуди сармоягузорӣ амалӣ карда мешавад. Зарурати маблағгузории ширкатҳои хурди бо воситаҳои технологияҳои инноватсионӣ амалкунанда ба соҳаи технологияҳои иннватсионӣ вобаста аст. Сармояи хавфнок шаклҳои гуногуни татбиқи сармояро дар бар мегирад: қарӣз, саҳмиявӣ, соҳибкорӣ. Он ҳамчун миёнарав дар таъсиси ширкатҳои илмталаби оғозбахш баромад мекунад.

Сармоягузории мустақим ин маблағгузорӣ (сармоягузории) маблағҳо ба истеҳсолоти моддӣ ва фурӯш бо мақсади иштирок дар идоракунии корхона ё ширкате, ки маблағ ба он гузошта шудааст ва гирифтани даромад аз иштирок дар фаъолияти онҳо.

Зери сармоягузории портфелӣ, муаллиф концепсияи ташкили портфелро бо роҳи харидории коғазҳои қиматнок ва дигар намудҳои дороиҳо шарҳ медиҳад.

Портфели сармоягузорӣ - маҷмӯи арзишҳои гуногуни муттаҳидкардашудаи сармоягузорӣ мебошад, ки ҳамчун воситаи ноил шудан ба ҳадафи мушаххаси сармоягузории сармоягузор хизмат мекунанд. Ба портфели сармоягузории портфелӣ коғазҳои қиматнок (саҳмияҳо ё дороиҳои гуногуни сармоягузорӣ, вомбаргҳо, сертификатҳои амонатӣ ва депозитӣ, шаҳодатномаҳои қарзӣ, шаҳодатномаи суғуртавӣ ва ғайра) дохил мешаванд.

Олими рус Балабанов И.Т. дар гуруҳбандии сармоягузорӣ гуруҳи алоҳидаи тансифотӣ “аннуитатӣ”-ро ҳамчунсармоягузории портфелӣ дод фосилаҳои муқаррарии вақт даромади муайян меорад (масалан, пардохти дивидендҳо аз рӯи саҳмияҳои имтиёзнок)” [30. С-306. (89-93)].

Принсипи фарқ кардани сармоягузории мустақим ва сармоягузории портфелӣ, аз рӯйи нишонаҳои ба монанди иштирок дар идоракунии корхона, норавшан аст, зеро онҳо метавонанд ҳуқуқи иштирок дар идоракунии субъекти хоҷагидорро таъмин намоянд.

В.В.Кормаров [71. С.322 (198)] таснифоти зерини сармоягузориро пешниҳод кардааст (расми 1.1.)




**Расми 1.1. - Таснифи фаъолияти сармоягузорӣ**

**Сарчашма:** гуруҳбандии муаллиф.

1. Аз рӯйи объектҳои маблағгузоришаванда:

*Сармоягузории воқеӣ* – ин гузориши воситаҳо бо мақсади ба даст овардани ҳама намудҳои дороиҳои ғайримолиявӣ (истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ) мебошад.

Суръати афзоиши иктисодиёт ва ташаккули таносуби байнисоҳавии такрористеҳсолкунии маҷмӯи истеҳсолоти ҷамъиятӣ ба маблағгузориҳои воқеӣ вобаста аст.

Дар зери таъсири сохторҳои соҳавӣ, технологӣ ва сармоягузорӣ (маблағгузории асосӣ ташаккули таносуби байнисоҳавӣ сурат мегирад.

Маблағгузориҳои воқеӣ ба рушди такрористеҳсол таъсир расонида ва истеҳсоли нисбатан зиёди маҳсулоти умумии ҷамъиятиро бо назардошти ҳамаи намудҳои ин сарватҳо — меҳнатӣ, иттилоотӣ, моддию техникӣ, таъмин мекунанд. Дар сармоягузории партфелӣ ва мустақим, ба андешаи мо хавҳо мушоҳида мешаванд. Бо вуҷуди ин, мо метавонем бо муаллифӣ намоем, ки хавф бояд ҳангоми сармоягузорӣ ба назар гирифта шавад.

Масъалаи интихоби муносиби шаклҳои ҷалби сармоя дар таҳияи лоиҳаи сармоягузорӣ ба пешниҳоди бештари сармояи худӣ ё ҷалби сармояи қарзӣ вобаста аст.

*Сармоягузории молиявӣ* – ин пешниҳоди (гузошонтани воситаҳои молиявӣ ба активҳои объектҳо дар ду шакл:

а) ҳаракати сармоягузориҳои воқеӣ, яъне сармоягузориҳои молиявии ба истеҳсолот;

б) сармоягузориҳои молиявӣ ба қоғазҳои қимматнок бо мақсади зиёд кардани ҳаҷми пул ва асъори кишварҳои гуногуни манфиатдор нигаронида шудаанд.

Яке аз хусусиятҳои асосии гӯрҳбандии сармоягузорӣ ин ҷудо кардани онҳо ба сармоягузориҳои воқеӣ ва молиявӣ мебошад. Гузориши сармоя барои такрористеҳсоли оддӣ ва васеъи фондҳои асосии истеҳсолӣ ин шакли асосии сармоягузориҳо воқеӣ ва молиявӣ мебошанд. Ҳама намуди

сармоягузорӣ ба фаъолияти истеҳсолии объектҳои сармоягузорӣ, инчунин истеҳсолоти ғайримоддӣба сармоягузории воқеӣ ва молиявӣ мансуб мебошанд.

2. Аз рӯйи хусусияти иштирок дар раванди сармоягузорӣ:

- дар интихоби объектҳои сармоягузорӣ ва маблағгузорӣ *агар сармяогузор бевосита иштирок намояд сармоягузории мустақим* номида мешавад. Баъзе таҳқиқотчиён ва истеҳсолотчиён сармоягузории воқеиро ба сармоягузории мустақим мансуб медонанд, ки бо моҳияти иқтисодии ва таърифи пешниҳоднамудаи олимони америкоӣ мухолиф аст. Ба ақидаи муҳақиқони илми иқтисод сармоягузории мустақим гуфта гузориши воситаҳоеро мефаҳманд, ки агар он ба 10%-и сармояи объектисармоягузоришаванда баробар бошад. Дар ҳолати сармоягузориҳои хориҷӣ дар амалияи ҷаҳонӣ меъёри интихоб шудааст, ки он ба 25%-и сармояи ширкат баробар аст. Ба сармоягузории мустақим сармоягузориҳоеро таалуқ медонанд, ки зиёда аз 25% сармояи обекти сармоягузориро ташкил медиҳад [38. С.411 (72)] Намудҳои зерини сармоягузориҳои воқеӣ гурӯхбандӣ намудан мумкин аст;

- сармоягузорӣ ба сохтмони ва иншоотӣ ҷадид;

- мустаҳкам намудани иқтидорҳои истеҳсолии объектҳои сармоягузорӣ;

- таҷдид ва навкунии техникии истеҳсолоти мавҷудбуда;

ба кор андохтани таҷҳизот, биноҳо ва иншоотҳо азкормонда.

Тартиби гузаштани воситаҳои молиявӣ пеш аз ҳама аз сармоягузороне, ки метавонанд дар сатҳи кофӣ дар объектҳои сармоягузорӣ сармоягузории мустақимро самаранок истифодабаранд, ки ин ҳолат бо воситаи миёнаравҳои сармоягузори молиявӣ ҳолати сармоягузории мустақимро нишон медиҳад.

Сармоягузороне, ки дар сатҳи кофӣ доир ба объекти сармоягузорӣ маълумоти муфассал доранд, тартиби гузоштани воситаҳои молиявиро хуб медонанд ва чун қоида, дар ин самт таҷриба ва малакаи бой доранд ба сармоягузорони омӯзонидашуда дохил шуда, сармоягузориҳои мустақимро амалӣ мегардонанд.

Дар ҳолате, ки сармоягузориҳо бо воситаи миёнаравҳои сармоягузорӣ ё дигар миёнаравҳои молиявӣ миёнаравӣ сармоягузорӣ менамоянд, *сармоягузории ғайримустақим* мебошанд.

3. Аз рӯйи давраҳои сармоягузорӣ:

– *Сармоягузории кӯтоҳмуддат* – сармоягузорӣ ба объектҳо ба мӯҳлати на бештар аз як сол мебошад (масалан, пасандозҳои кӯтоҳмуддат, харидорӣ намудани сертификатҳои амонатии кӯтоҳмуддат ва ғайра).

– *Сармоягузории дарозмуддат* – сармоягузориҳое мебошанд, ки таъиноти ғаритиҷоратӣ доранд ва барои молиякунонӣ, ташкил, зиёд намудани ҳаҷми объектҳои сармоягузоришаванда ва ба даст овардани активҳои ғайригардон ба муддати зиёда аз як сол истифода бурда мешаванд.

4. Аз рӯйи намуди моликияти захираҳои сармоягузорӣ:

– *Сармоягузориҳои хусусӣ* - сармоягузориҳое мебошанд, ки моликияти давлатӣ нестанд ва аз тарафи шаҳрвандон ва субъектҳои соҳибкории хусусӣ маблағгузорӣ карда мешаванд;

– *Сармоягузории давлатӣ* - сармяогузорие, ки бо воситаи мақомоти давлатӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ (буҷет, фондҳои ғайрибуҷетӣ маблағгузориҳои корхонаҳо) истифода бурда мешавад – ба категорияи сармоягузории давлатӣ дохил мешавад.

– *Сармоягузориҳои хориҷӣ* –аз ҷониби шахсони алоҳида, ташилоту ширкатҳо ва ё давлатҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти дигар мамлакатҳо гузориши воситаҳои молиявӣ ба амал меояд. Сармоягузорони хориҷӣ метавонанд шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии хориҷӣ, давлатҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ бошанд.

5. гурӯбании ҳудудӣ:

– *Истифодаи воситаҳои пулӣ ба объектҳо дар қаламрави ҷумҳурӣ – ҳамчун сармоягузории дохилӣ.*

– *Истифодаи воситаҳои пулӣ аз хориҷи кишвар ба объектҳои сармоягузорӣ – ҳамчун сармоягузории хориҷӣ.*

Ба андешаи мо, таснифи овардашудаи фаъолияти сармоягузорӣ,

хусусиятҳои асосӣ ва муҳими сармоягузориро инъикос мекунад. Новобаста ба хусусиятҳои муҳими овардашуда, он метавонад ҳангоми гузаронидани таҳқиқотҳои илмӣ васеътар карда шавад.

**Ҷадвали 1.1. - Андешаи олимон оид ба муайян кардани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ**

| № | Олимон | Солҳо | Нуқтаи назар |
|---|---|---|---|
| **Олимони рус** | | | |
| **1** | Н.И. Холод, И.А. Минаков, О.Ф Лопатина | 1995 | Бо ақидаи баъзе аз иқтисоддонҳо (Н.И. Холод, И.А. Минаков, О.Ф Лопатина) розӣ шудан мумкин аст, ки ба андешаи онҳо самарараноки истеҳсолоти ҷамъиятӣ – ин категорияи калидии назарияи иқтисодӣ мебошад, ки ҳамчун муқоисаи натиҷаҳои истеҳсолот бо хароҷоти меҳнати ҷамъиятии ба даст овардани онҳо, таносуби ҳаҷми арзишҳои истеъмолии офаридашуда бо хароҷоти умумии меҳнати зинда ва ҷамъияти муайян карда мешавад [118.С-233]. |
| **2** | Л.И. Абалкин | 1994 | Вазифаҳои нисбатан васеи самаранокиро Л.И. Абалкин пешкаш намуда, тасдиқ мекунад, ки самаранокӣ дар худ шаклеро таҷассум мекунад, ки тавассути он қонуни умумии сарфаи вақт амал менамояд ва зоҳир мегардад, самаранокиро ҳамчун «ба даст овардани самараи муайян ба воҳиди захираҳои истифодашуда» тавсиф мекунад [122.С-9-11]. |
| **3** | Балыков В. Кузнецов В.В., Жученко А.А. | 2000 1997 1996 | Солҳои охир дар илм мафҳуми «самаранокии энергетикӣ» бештар истифода мешавад. Истифодаи равиши энергетикӣ истеҳсолоти кишоварзиро имкон медиҳад ҳамчун низоме тасаввур карда шавад, ки дар вуруд ва баромади он бузургиҳо бо воҳидҳои ченаки энергетикии аз таъсири омили нархии тағирёбии нархи молу захираҳо озодбуда инъикос мегарданд [144.С-66]. |
| 5 | Н.Н. Коновалов Д.Д. Москвин | 1992 | Дар адабиёти иқтисодӣ мафҳумҳои «критерия» ва «нишондиҳанда» аксар вақт ҳаммаъно маънидод карда мешаванд. Баъзе иктисодчиён, масалан, Н. Коновалов ва Д. Москвин, мазмуни критерияи самаранокиро бо қонуни иқтисодӣ асоснок намуда, онро бо мақсади истеҳсолот ҳаммаъно муайян мекунад [108.С-66]. |
| 6 | И.Н. Буздалов П.А. Шумейкин | | Дигарон критерияи самаранокиро бо нишондиҳандаи иҷтимоии (мутаҳидкардашудаи) самаранокии истеҳсолот баробар мекунанд ва сеюмӣ сарфаи вақти зарурии иҷтимоӣ ба истеҳсоли воҳиди арзиши истеъмолиро критерияи самаранокии истеҳсолот [illegible] [30.С-16]. |

Идомаи ҷадвали 1.2.

| **Олимони тоҷик** | | | |
|---|---|---|---|
| **1** | Каюмов Ф.К. | 1992 | Натиҷаи ниҳоии истеҳсолоти ҷамъиятӣ (самара), дар шакли нисбатан умумишуда, аз ҷиҳати миқдорӣ ва сифатӣ дар ҳаҷми даромади миллӣ ифода меёбад. Дар он аслан ҳамаи омилҳои гуногуне, ки натиҷаҳои истеҳсолотро муайян мекунанд, инъикос меёбанд [144.С-66]. |
| **2** | Асроров И.А. | 1984 | Низоми нишондиҳандаҳо ҷанбаҳои гуногуни раванди истеҳсолотро тавсиф мекунад. Дар динамика онҳо доир ба такмили ҷузъҳои таркибии раванди истеҳсолот - техника, технология, ташкили истеҳсолот, самаранокии он маълумот медиҳанд [123.С-322]. |
| **3** | Шарифов З.Р | 2008 | Критерияи асосии қонеъ гардондани самарасохаи талаботи ҷамъият ва шахс - ин истифодаи нисбатан сарфакоронаи захираҳои мавҷуда мебошад [204.С-131]. |
| **4** | Носиров Р. | 2018 | Ҳангоми муайян намудани самараи иқтисодии кишоварзӣ хусусиятхҳои онро нисбат ба дигар соҳаҳои хоҷагии қишлоқ ба назар гирифтан лозим аст. |
| **5** | Кудратов Р.Р | 2005 | Ба андешаи профессор Қудратов Р.Р. чунин афзоиши омилҳо ба назар гирифта мешаванд, масалан дар ҳолати маблағи ибтидоии сармоя, афзоиши сармоя ва давраҳои вақтӣ, ки дар муддати он сармоягузориҳои мустақим анҷом дода мешаванд [151.С-33]. |
| **6** | Пиризода Ҷ. С. | 2002 | Академик Пиризода Ҷ.С. қайд мекунад, ки усулҳои муайян кардани самаранокии истифодаи техникаи нави кишоварзӣ, инчунин як қатор тавсияҳои методии соҳавӣ оид ба муайян кардани самаранокии иқтисодии истифодаи захираҳои сармоягузорӣ таҳия карда шудаанд [173.С-33-35]. |
| **7** | Қудратова Ф.Р. | 2021 | Дар соҳаи тадқиқот саҳми назаррасро Қудратова Ф.Р. гузоштааст, ки зимнан самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ ба дараҷаи ҳосилхезии замин низ вобаста аст. Вале корхонахои барномаи корхонаҳои давлатӣ оид ба баланд бардоштани ҳосилхезии замин мунтазам иҷро карда намешавад [212.С-27-33]. |
| **Назари муаллиф** | | | |
| 1 | Хусусияти сармоягузориҳо дар он ифода меёбад, ки самараи татбиқи онҳо фавран зоҳир намегардад. Ҳамчун маҷмӯи падидаҳо ва равандҳои мураккаб раванди сармоягузориро метавон шартан ба марҳилаҳо тақсим кард. | | |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Мо чунин мешуморем, ки самаранокӣ дараҷаи истифодаи иқтидори захираҳои корхонаро дар истеҳсол ва фурӯши маҳсулот, ба даст овардани даромади умумӣ ва қисми таркибии он — фоида ифода мекунад. Афзоиши

самаранокӣ – ин дар асл афзоиши ҳадди аксари коэффитсиенти самаранокии захираҳои истеҳсолии истеъмолшаванда мебошад.

Принсипи муайян намудани арзиши дисконтирониашудаи асоси назарияи классикии сармоягузориро ифода менамояд. Зиёд намудани арзиши сармояи ба таври илова гузошташуда агар аз хароҷоти он зиёд бошад ба принсипи асосии назарияи неокласикии сармоягузорӣ мувофмқат мекунад.

Ин принсип ба иқтисодиёти анъанавӣ хос аст. Дар вақти муайян намудани арзиши сармоя ва хароҷоти он номуайянӣ ва ихтилофҳо ба вуҷу меоянд, ки асосан ба сохт ва шакли истеҳсолот ва арзи иловашуда вобастаанд. Бештари таҳқиқоти назариявӣ ва амалии олимони хориҷӣ, ки ба сармоягузории соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт таҳқиқоти илмӣ бурданд ба ҳамин масъалаҳо бахшида шудаанд. Тибқи ақидаи олимони хориҷӣ ду муносибати ба ҳам монанд мавҷуд аст. Тибқи муносибати аввал, арзиши сармоя дар дилхоҳ давра (маҳсулоти ниҳоии он) бо хароҷоти мутаносиби рентаи замин ё хароҷоти истифодабарандаи объекти сармоягузорӣ муқоиса карда мешавад, ки онҳоро метавон бо меъёрҳои фоизӣ, пардохтҳои амортизатсия, андозҳои дахлдор ва нархҳои харид муайян кард. Захираи интизории сармояи корхона бо роҳи баробар кардани маҳсулоти ниҳоӣ ва хароҷоти истифодабаранда муайян карда мешавад. Тахмин карда мешавад, ки захираи воқеӣ ё дар натиҷаи раванди истеҳсолот, ё дар натиҷаи арзиши муқоисаи даромад ба хароҷот муайян карда мешавад [53. С.502 (388)].

Тибқи муносибати дуюм арзиши сармоягузориҳои ниҳоӣ бо роҳи муқоиса бо нархи хариди онҳо муайян карда шуда, ҳангоми дар бозори дуюмдараҷаи сармоя хӯқуқи сармоягузори карданро тавасути фуруши коғазҳои киматтнок ба даст овардан амлӣ мегардад.

Дар кишварҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафта, сармоягузорон гузориши воситаҳои худро боз медоранд, агар нархҳо аз хароҷоти миёнаи дарозмуддат зиёд бошанд. Аз тарафи дигар, бо мақсади бартарафсозии талафоти амалиёти асосӣ сармоягузор метавонад муддати тӯлонӣ дар фуруши коғазҳои қимматнок ширкат варзад, дар ҳоле, ки нархҳо аз хароҷоти миёнаи

дарозмуддат паст бошанд.

Вобаста ба маълумоти болозикр ва бо назардошти хусусиятҳои фаъолияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба мафҳумҳои бебозгашти сармоягузорӣ муфассалтар таваҷҷӯҳ кард. Фикреро боял дақиқ кард, ки хароҷоти сармоягузорӣ метавонад бе бозгашт бошад? Дар ҳолати ба корхона, истеҳсолот ё ширкати мушаххас равона сохатни маблағҳои сармоягузорӣ онҳо ба ба хароҷоти бебозгашт табдил меёбанд.

Қисми зиёди сармоягузориҳо тибқи таблиғи молу маҳсулот ба истеҳсолот ё як ширкати мушаххас нигаронида шудаанд ва онҳо наметавонанд бозпас гарданд, яъне хароҷоти бебозгашт мебошанд. Аз нуқтаи назари дигар, корхонаи кишоварзӣ ё коркард – ин истеҳсолкунандаи намуди муайяни маҳсулот аст. Азбаски чунин корхонаро ба дигар шахс фурӯхтан мумкин аст, хароҷоти сармоягузорӣ дар ин ҳолат ҷуброн карда мешавад.

Барои баҳодиҳии самаранокии гузориши воситаҳои сармоягузорӣ усулҳои мухталифи муайянкунии онҳо мавҷуд аст, ки аз онҳо усулҳои зерин мушаххастар мебошанд:

– усули арзиши ҷорӣ, муқоисаи тамоми воситаҳои сармоягузориро бо нархҳои ҷорӣ , инчунин бо ҳаҷми сармоягузорӣ ифода мекунад;

– усули даромаднокии сармоягузорӣ, ки ҷуброни арзиши аслии сармоягузорӣ ифода менамояд.

### 1.2. Ҷанбаҳои асосии ҷалбӣ сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ

Афзун намудани саармоягузорӣ ва баланд бардоштани самаранокии он, барои баланд бардоштани даромаднокии иқтисодиёт ва рушди он шарти асосӣ мебошад. Дар низоми гуногуни менеҷмент натиҷаҳои ниҳои фаъолияти хоҷагидорӣ, бо нишондиҳандаҳои ҳаҷми ҷалби сармоя, механизм ва сохти он, ичунин самаранокии истифодаи сармояҳо муайян карда мешаванд.

Хусусиятҳои хоси комплекси агросаноатӣ ва соҳаи кишоварзӣ фаъоияти сармоягуорӣ ва механизми онро дар ин соҳа муайян мекунанд. Ба ин

хусусиятҳо инҳоро вори намудан мумкин аст:

– байни нархи маҳсулоти саноатӣ ва кишоварзӣ мавҷуд будани нобаробарии назаррас;

– мавсинокии истеҳсолоти кишоварзӣ;

– ҳаҷми зиёди хароҷоти хислати сармоявидошта барои обёрӣ, беҳтар намудани сифати замин, аз навкунии техникӣ ва ғайра, ки арзиши аслии маҳсулоти кишоварзиро баланд бардошта, мутаносибан сатҳи бозгардии сармоягузориро кихиш медиҳад;

– воситаи асосии истеҳсолот замин вобаста ба ҳолати он, дар соҳаи кишоварзӣ воситаи асосии истеҳсолот мебошад;

– давомнокии нисбатан дарози истеҳсолот нисбати дигар соҳаҳо.

Вобаста ба ин дар соҳаи кишоварзӣ сармоягузорӣ дар асоси муносибатҳо ва заминаҳои зерин ташаккул меёбад:

– фаъол гардонидани сиёсати сармоягузории давлатӣ – ҳамчун афзалияти асосии стратегияи сармоягузорӣ дар соҳа;

– ҳамоҳангсоз намудани механизмҳои бозоргонии иқтисодӣ ба усулҳои танзими давлатӣ;

– ҷорӣ намудани инноватисияҳо ва технологияҳои инноватсионӣ бо мақсади истифодаи афзалиятҳои рушди истеҳсолоти самарабахш бо мақсади баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулот.

– сармоягузорӣ ба лоиҳаҳои гуногун аз ҷумла лоиҳаҳои барномавӣ, ки дар асоси озмунҳо ба даст оварда мешаванд.

Таҷдиди сохтори истеҳсолот барои мутобиқнамудани хароҷот ба муҳити нави инвеститсионӣ.

Инчунин, бояд самараи ҳамгироии мутақобилаи комплексии агросаноатӣ бо дигар соҳаҳои хоҷагии халқ арзёбӣ карда шавад.

Механизмҳои зерин дар баҳодиҳии сармоягузории соҳа бояд бпа эътибор гирифта шавад:

– ба эътимод овардони сохтори дарозмуддати сармоягузорӣ;

– самтҳои афзалиятноки ташаккули иқтидор ва имкониятҳои истеҳсолӣ;

– таъмини такрористеҳсолкунии оддӣ ва васеи фондҳои асосӣ;

– механизми амалигардонии ҳадафҳои стратегии рушди иқтисодиёт;

– механизми асосии муфидгардонии сохтори дороиҳо;

– механизми самарасохаи ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ дар кишоварзӣ;

– воситаи асосии татбиқи сиёсати инноватсионӣ.

Муносибатҳои асосии фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ бо истифода аз механизми иқтисодӣ амалӣ карда мешаванд.

Таҳқиқотчиёни соҳаи иқтисод шаклҳои таъсиргузорӣ ба манфиатҳои молиявии истеҳсолкунандагони маҳсулот дар соҳаи кишоварзиро ҳамчун низоми усулҳо барои ҳавасмандгардонии фаъолияти истеҳсолӣ ва сармоягузорӣ дар ин соҳаро механизми таъсиррасонӣ меноманд. Мақсади асоси механизми таъсиррасонӣ ба соҳаи кишоварзӣ ин рушди комплекси агросаноатӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣи мамлакат мебошад.

Танзими истеҳсолоти кишоварзӣ тавассути чунин фишангҳои асосии иқтисодӣ ба монанди нарх, андоз, қарз, суғурта, дастгирии давлатӣ ба амал меояд. Дар ин маврид танзими истеҳсолоти кишоварзӣ бо воситаи фишангҳои молиявӣ комплекси агросаноатиро ҳамчун сохти алоҳида ё ҳамчун қисми таркибии тамоми механизми хоҷагии халқ муайян мекунад [106. С-51].

Тибқи андешаи мо, механизми иқтисодии сармоягузории соҳаи кишоварзиро маҷмӯи муносибатҳои нархӣ, молиявӣ ва қарзӣ мебошад, ки барои ноил шудан ба мақсади гузошташуда нигаронида шудааст.

Механизми иқтисодии сармоягузории соҳаи кишоварзӣ маҷмуи муносибатҳои иқтисодие мбошад, ки барои рушди такрористеҳсолкунии васеи маҳсулот ва даромадӣ ҷамъиятӣ нигаронида шудааст. Ба инобат гирифтани (талабот, пешниҳод, гардиши пул, таносуб, тақсимот, мубодила ва истеъмол), ҳамчун асосҳои назариявии ба инобат гирифташудани “қонуни арзиш”.

Асоси фаъолияти сармоягузориро азнавкунии фондҳои истеҳсолӣ ва диагр таҷҳизоти техникӣ ҳамчун роҳи ба таври моддӣ иваз намудани онҳо

барои давраи такрористеҳсолкунӣ ва ҳалли масъалаҳои ҷойдошта хизмат менамояд. Ин раванд, яке аз ҷузҳои нинноватсионӣ буда, ба пешрафти илмӣ-техникӣ асос ёфтааст ва дар раванди сармоягузорӣ  аҳамияти махсус дорад.

Сабаби асосии мушкилоти иҷтимои дар деҳот ба амал омада, ин коҳиш ёфтани суръати рушди иқтисодиёт кишоварзӣ, мавҷуд набудани шуғли пурра дар минтақаҳои деҳот ва сатҳи пасти рушди  инфрасохтори иҷтимоии муҳандисӣ буда, боиси суст ташаккул ёфтани ҳудудҳои деҳод мегардад. Тибқи пурсишҳо гузаронидаи мо тақрибан 55% истиқоматкунандагони деҳот даромади миёна ва 22% - и онҳо сатҳи камтари даромадро соҳибанд. Сабабҳои асосии рушди сусти соҳаи кишоварзӣ инҳоянд:

– суръати пасти азнавкунии фондҳои асосӣ ва таҷдиди сохторию технологӣ барои такрористеҳсолкунии иқтидори табиию экологӣ;

– вазъи номатлуби соҳаи кишоварзӣ, қабл аз ҳама бо сабаби ғайриқаноатбахш будани инфрасохтори бозор марбут аст, ки истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ба бозорҳои захираҳои молиявӣ, моддӣ, техникӣ, иттилоотӣ ва маҳсулоти тайёр дастрасии кофӣ надоранд;

– ноустувории бозорҳои маҳсулоти кишоварзӣ, ашёи хом ва озуқаворӣ, ки ҳамчун натиҷаи ноустувории молиявии соҳаи кишоварзӣ;

– ба рушди кишоварзӣ ба қадри кофӣ дохил нашудани сармоягузории хусусӣ ва номукамал будани суғуртакунӣ маҳсулоти кишоварзӣ;

– норасоии кадрҳои баландихтисос ва паст будани сатҳи дониши мутахассисони мавҷудубда.

Дар чунин ҳолат Таъсиси муҳити мусоиди барои рушди устувори деҳот ва тезонидани суръати афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, бо такя ба баланд бардоштани қобилияти рақобатпазирии он муҳимтарин раванди сиёсати иқтисодии кишоварзӣ мегардад.

Рушди мунтазам ва самараноки соҳаи кишоварзӣ бояд татбиқи ҳамаи ҳадафҳои рушди иҷтимоию иқтисодии кишварро, ки дар “Стратегии миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон бар давраи то соли 2030” омадаанд  таъмин намояд. Аз ҷумла афзоиши дукаратаи маҷмуъи маҳсулоти дохилӣ ҳалли

мушкилоти истеҳсолӣ, молиявӣ ва ичтимои нчунин, он бояд заминаи ҳалли мушкилоти дар соҳаҳои истеҳсолӣ, молиявӣ ва иҷтимоии паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва таъмини амнияти озуқаворechии кишвар хизмат кунад.

Қонеъ намудани аҳолӣ бо маҳсулоти сифати баланд ва аз ҷиҳати экологӣ тоза, мақсади асоссии ҷалби сармоя ба соҳа бо мақсади баланд намудани сатҳи зиндакгии аҳолӣ ва рақобатнокии он мебошад.

Механизми ҷалби сармоягузорӣ ба сохаи кишоварзӣ аз хусусиятҳои зерини тавлидоти маҳсулоти кишоварзӣ вобаста мебошанд:

а) Такрористеҳсол дар соҳаи кишоварзӣ ба равандҳои табиӣ, яъне тасир намудани ба боигариҳои табиӣ ва аз нав истеҳсол кардани маҳсулот, вобастагии зич дорад.

Вобаста ба ин хусусият ҳамчун унсурҳои асосии экосистема, организмҳои зинда, ба монанди ҳайвонот, растаниҳо ва микроорганизмҳои гуногун амал менамоянд. Инчунин, замин ҳамчун омили биологӣ ва хосилнокии он аҳамияти калон дорад. Аз ин чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки ҳангоми ба амал баровардани механизми амалисозии сармоягузорӣ, муҳим аст, ки қонуниятҳои рушди соҳаи кишоварзӣ ба назар гирафта шаванд.

б) яистеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ характери даврӣ дорад, яъне давраи истеҳсолот бо мавсимӣ истеҳсолот мувофиқати надорад, ки ин боиси мавсимияти истеҳсолот мешевад. Ин хусусият бо ташкил ва самаранокии истифодаи технология, захираҳои меҳнатӣ, инчунин ба ҷалби сармоягузорӣ қисман бартараф карда мешавад.

в) Ба сифати воситаи асосии тағйирнаёбандаи истеҳсолоти кишоварзӣ замин баромад мекунад. Аз сабаби мавҷудияти тафовут дар ҳосилхезии замин ва ҷойгиршавии хоҷагиҳо нисбат ба нуқтаҳои фурӯши маҳсулот, дар самти ба даст овардани даромад аз маблағгузориҳо шароити нобаробар фароҳам оварда мешавад.

г) Маҳсулоти истеҳсолшуда бевосита дар раванди минбаъдаи истеҳсолот низ иштирок мекунад. Миқдори муаяни картошка, пиёз, ғалла инчунин дигар

зироатҳо бо мақсади тухмӣ, маҳсулоти кишт ва ҳамчун хурок барои чорво равона карда мешавад;

қисми зиёди чорво барои барқарор намудан ва васеъ кардани саршумори ҷорво истифода мешавад. Бино бар ин, ҷиҳати таъсис додани майдон барои чорво, анборҳои хуроки чорво, анборҳо барои нигоҳдории тухмӣ ва маҳсулоти киштшаванда ва ғайра, ки маблағгузории иловагӣ барои сохтмони бино ва иншоотҳои истеҳсолиро талаб мекунад.

д) ба натиҷаи ниҳоии фаъолият дар соҳа парвариши маҳсулот дар заминҳои бо назардошти шароити табии -иқлимиро тақозо мекунад.

Дар майдонҳои кушод ҷойгир будани истеҳсолоти кишоварзӣ барои интиқоли бештари маводҳои истеҳсолӣ таъсири калон мерасонад. Масалан кашонидани нуриҳои минералӣ, сузишворӣ, равғанҳои молиданӣ, хуроки чорво, қисмҳои эҳтиётӣ ва махсусан ҳосили зироатҳои кишварзӣ хароҷоти зиёди нақлиётиро талаб менамоянд. Ҳолати мавҷуда барои соҳаи кишоварзӣ афзоиши талаботи захираҳои энергетикӣ ва воситаҳои иловагии истеҳсолотро талаб менамояд, ки барои ин сармоягузориҳои нисбатан зиёд лозим мегарданд.

е) Хоҷагии қишлоқ дорои хусусиятҳои махсуси худ мебошад, ки ба омилҳои минтақа, шароити муҳити зист ва хислатҳои мавсимии истеҳсолот алоқаманд аст.

Фосилаҳои сарфи меҳнат, ки дар давраи кишт, нигоҳдории ниҳолҳо ва ҷамъоварии маҳсулот анҷом дода мешаванд, бо мурури вақт ба коҳиш ёфтани сатҳи истифодаи техника оварда мерасонанд, дар ҳоле ки талабот ба фондҳои асосӣ афзоиш меёбад.

Аксари амалиётҳое, ки ба ин ё он раванди мавсимии мушаххас таалуқ доранд, як маротиба дар муддати кӯтоҳ иҷро карда мешаванд. Ба ин муносибат, барои дар давоми сол ба таври дуру дароз ва сарфакорона таъмин намудани истифода бурдани машинаҳо, дар баробари махсусгардонии онҳо вобаста ба хусусияти зироатҳои парваришшаванда ва минтакахои кишт, бояд умумияти онҳо ба назар гирифта шавад, ки он дар

ҳаҷми сармоягузорӣ дар рафти хариди техникаи лозимаи кишоварзӣ бар ивази воситаҳои техникии фарсудашуда ифода меёбад.

ж) Яке аз хусусиятҳои фарққунадаи соҳаи кишоварзӣ аз он иборат аст, ки натиҷаҳои истеҳсолот ва маҳсулнокии меҳнат дар корхонаҳои кишоварзӣ аз омилҳои агроиқлимӣ вобастагии амаиқ дорад. Дар ин ҳолат сол аз сол тағйирёбии ҳосилнокии зироатҳо вобаста ба шароитҳои агроиқлимӣ ба миён меояд. Чунин вазиятро ҳангоми таҳияи сиёсати сармоягузорӣ вобаста ба соҳаҳои коркард ва нигаҳдорӣ низ ба назар гирифтан лозим аст. Вобаста ба зиёд шудани иқтидорҳои истеҳсолӣ маблағгузорӣ низ афзоиш ёфта, он аз ҳосили соҳои оянда барагардонида мешавад.

з) Дар соҳаи кишоварзӣ ташкили истеҳсолот ва раванди меҳнат дар ду соҳаи асосии он: растанипарварӣ ва чорводорӣ хусусиятҳои хос дорадн. Кормандони хоҷагиҳои деҳқонӣ вобаста ба фасли сол ва хусусияти иқлимӣ корҳои гуногунро иҷро менамоянд, аммо ҷойи кори доимӣ надоранд. Инчунин, ҳар як намудаи кор дар давоми рӯзи корӣ низ вобаста ба шароитҳои иқлимӣ метавонад, дигаргун гардад.намуди кор на танҳо ҳар рӯз, балки вобаста ба вақти сол, дар давоми як рӯзи корӣ низ метавонад тағйир ёбад. Ин хусусиятҳо дар соҳаи кишоварзӣ талабот ба сармоягузории зеҳнӣ ва иҷтимоиро бештар менамоянд.

Бояд қайд кард, ки хусусиятҳои болозикри кишоварзӣ ҷолибияти соҳаро барои сармоягузорон хеле паст намуда, зарурати дахолат ва дастгирии доимии давлатро ба миён меоранд.

Вале, дахолати давлат ба истеҳсолоти кишоварзӣ ҳамеша мухолифи ақидаи баъзе коршинос аст. Оид ба дахолати давлат ба раванди истеҳсолоти кишоварзӣ ду гурӯҳи ақидаи олимони вуҷуд дорад:

а) давлат набояд ба соҳаи кишрварзӣ оидитаъимини бехатарии озуқавориро дахолат намояд;

б) ба истеҳсолоти кишоварзӣ давлат бевосита бояд дахолат кунад.

Мо нуктаи назари дуюмро дастгирӣ намуда, барои асоснок кардани он далелҳо меорем. Дар шароити бозор мушкилоти асосии истеҳсолот дар

комплекси агросаноатӣ ин пеш аз ҳама паст ва ноустувор будани талабот аб қисми зиёди маҳсулоти истеҳсолшаванда, ва сатҳи баланди ивазшавандагии як маҳсулоти озуқаворӣ бо намуди дигари он ба амал меоянд. Мавҷуд будани шумораи зиёди истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ва шароити ҷуғрофию иқтисодии рушди соҳа имкон намедиҳад, ки бо истифода аз усулҳои фурӯш ба талабот таъсир расонида шавад. Сеюм, истеҳсолкунандагони кишоварзӣ бо усулҳои номукаммали маркетингӣ маҳсулоти худро мефурушанд ва ин боиси паст шудани нархи маҳсулоти истеҳсолшуда мегардад.

Қисми аз муҳақиқон унсурҳои танзими нақшавӣ ва бозоргониро дар якҷоягӣ барои танзими давлатии соҳаи кишоварзӣ пешниҳод менамоянд. Аз амалияи хоҷагидории давлатҳои пешрафтаи кишоварзӣ бармеояд, ки ҳукумати ин кишварҳо бо роҳи пешгирӣ намудани хавфи истеҳсоли барзиёди маҳсулот, бештар ба инкишофи истеҳсолоти саноати кишоварзӣ ва бозори озуқаворӣ такя намудаанд. Зарурияти таъмини амнияти озуқавории аҳолӣ аҳамияти дастгирии давлатиро дар соҳа, ки дар “Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2021-2025” пешбини намудааст, чун ҳадафи асосӣ пешбинӣ менамояд:

-рушди устувори ҳудудҳо деҳот, баланд бардоштани сатҳи шуғл ва сатҳи зиндагии мардуми деҳот;

-дар асоси устувории молиявӣ ва навсозии соҳаи кишоварзӣ баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзӣ;

-муҳофизат ва беҳтар намудани сифати замин ва дигар сарватҳои табиии дар истеҳсолоти кишоварзӣ истифодашаванда [13]. .

Барои ба ин ҳадафҳо ноил шудан бояд дар доираи зербарномаҳо вазифаҳои зерин ҳал карда шаванд:

-беҳтар намудани шароити умумии фаъолияти соҳаи кишоварзӣ тариқи ҳифз ва нигоҳдории афзоиши ҳосилнокии замин, ташкили низоми давлатии таъминоти иттилоотӣ дар соҳаи кишоварзӣ, ҷалб намудани ассотсиатсияҳои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ба иштирок дар ташаккули

сиесати давлатии аграрӣ;

-рушди босуръати кишоварзӣ (махсусан дар чорводорӣ зиёд намудани чорвои зотӣ ва афзоиш додани ҳиссаи майдони кишти тухмии элита);

-диққати махсус бахшидан ба устувории молиявии кишоварзӣ аз ҳисоби тадбирҳои баланд бардоштани дастрасии истеҳсолкунандагони кишоварзӣ ба захираҳои қарзӣ бо шартҳои имтиезнок ва то 40 % афзоиш додани ҳиссаи майдони кишти суғурташуда дар ҳаҷми умумии майдонҳои умумӣ;

-такмил намудани механизми танзими гумрукию-тарифи оиди воридоти маҳсулоти соҳа ва таҳияи стандартҳо, ҷорӣ намоии механизми бозории маҳсулотро тақозо мекунад, инчунин то 70% зиёд намудани ҳиссаи маҳсулоти озуқаворӣи маҳаллӣ дар савдои чаканаи маҳсулоти озуқаворӣ.

Ба фикри мо аз буҷаи давлатӣ бо мақсади дастгирии давлатии соҳа принсипҳои зерин:

-баланд бардоштани самаранокии лоиҳаҳо;

-баланд бардоштани рақобатнокӣ бо амалӣ намудани лоиҳаи муштарак, таъхирнопазирӣ, пардохтнокӣ ва баргардонидашавии воситаҳое, ки барои ниёзҳои сармоягузорӣ ҷудо карда мешаванд асос меёбанд.

Дар раванди гузоштани сармоя нақши давлати ҳамчун гузорандаи сармоя ба лоиҳаҳои ба итимоиёт нигаронидашуда, харидорӣ маҳсулоти кишоварзӣ, хизматрасонии алоқа ва дигар унсурҳои инфрасохторӣ инъикос мегардад. Давлат дар бозори сармоя ҳамчун иштирокчии фаъол баромад намуда, нақши муҳими танзими бозо идоракунии онро иҷро менамояд. Вазифаи идоракунии давлат асосан аз рӯйи таносуби макроиқтисодӣ ва имтиёзҳои иҷтимоию иқтисоди муайян карда мешавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти сармоягузорӣ тибқи қонунгузории умумии давлатӣ ва бо низоми санадҳои меъёрии махсуси сатҳи ҷумҳуриявӣ ва идоравӣ танзим карда мешавад.

Ба гурӯҳи аввали санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ инҳо дохил мешаванд: Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси андоз, Кодекси меҳнат қонунҳо дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ, дар бораи гарав, фаъолияти

иқтисодии хориҷӣ, назорати гумрукӣ ва танзими асъор, муносибатҳои иҷоравӣ ва сугуртавӣ ва ғайра.

Ба гурӯҳи дуюми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қонунҳое дохил мешаванд, ки раванди сармоягузориро ба танзим медароранд, яъне раванди татбиқ ва бамалбарории сармоягузориҳо ба монанди Қонуни ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сармоягузориҳо ва гайра.

Тибқи андешаҳои боло давлат сиёсати сармоягузориро муайян ва амалӣ менамояд. Сиёсати сармоягузории давлат дар соҳаи кишоварзӣ ба ҳифз ва нигоҳдории иқтидори мавҷудаи истеҳсолӣ нигаронида мешавад. Воситаи асосии баамалбарори сиёсати сармоягузори давлат дар соҳаи кишоварзӣ дар заминаи навкунии иқтидорҳои истеҳсолӣ ва истифодаи инноватсия ҳамчун муҷаҳазкунии техника ва технологияҳои нав, ташкили лоиҳаҳои сармоягузории зуд натиҷадиҳанда мебошаннд.

Дар соҳаи кишоварзӣ давлат метавонад бо сиёсати сармоягузорӣ хоҷагиҳои зотпарварӣ ва тухмипарварӣ, соҳаи коркард ва нигоҳдории маҳсулоти кишоварзӣ, бунёди инфрасохтори иҷтимоии деҳотро дастгирӣ намояд. Принсипҳои зерини асосии сиёсати сармоягузориро дар соҳаи кишоварзӣ аз тарафи муҳаққиқони илмӣ иқтисодиёт муайян гардидааст: [191. С.88]

- афзоиши фондҳои истеҳсолӣ дар ҳаҷми умумии гузориши воситаҳо, гуруҳбандии равандҳои сармоягузорӣ, ҳамчун яке аз манбаъҳои маблағгузории фаъолияти сармоягузории соҳа;

- рушди маблағгузории муштараки давлатӣ ва хусусӣ, пардохтпазирӣ ва самаранокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ;

- барои таъмини самаранокии маблағгузории лоиҳаҳои муштарак ташкили назорати қатътии давлат;

- ташкили фаъолияти суғуртаи хавфи сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатӣ ва махсусан дар соҳаи кишоварзӣ;

- ҳавасмандгардонии ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва ҷалби пасандозҳои аҳолӣ.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи таъхирнопазир ва аввалиндараҷаи ҳукумат ин сафарбар намудани захираҳои эҳтимолии сармоягузорӣ ва истифодаи онҳо дар самти навкунии техникии соҳаҳои воқеии иқтисодиёт мебошад. Ҳалли ин масъала аз истифодаи яккатор омилҳое вобаста аст, ки дар маҷмуъ моҳияти мафҳуми «ҷолибияти сармоягузорӣ»-ро ташкил медиҳанд. Мафҳуми ҷолибияти сармоягузорӣ аз ҷиҳати назариявӣ таносуби интизории фоида ва хатари сармоягузорӣ дар ин ё он кишвар дар муқоиса бо дигар кишварҳо ифода менамояд.

Ба назари мо нишондодҳое, ки дар расми 1.2. оварда шудаанд, сатҳи ҷолибияти сармоягузории ҳам соҳа ва ҳам корхонаи алоҳидаро ифода мекунанд.

Ҷолибияти сармоягузорӣ - мавҷудияти шароитҳои муайяне мебошад, ки ба афзалиятҳои сармоягузор дар интихоби объекти сармоягузорӣ таъсир мерасонанд

Нишондиҳандаҳои ҷолибияти сармоягузорӣ

Минтақа:
-иқтидори сармоягузорӣ;
-хавфи сармоягузорӣ

Корхона:
-вазъи оғозбахшии корхона, ки бо инҳо тавсиф меёбад:
*иқтидори истеҳсолӣ (мавҷудияти заминҳои таъиноти кишоварзӣ, фондҳои истеҳсолӣ (чорвои маҳсулнок ва техника), таъминоти кадрӣ, мавҷудияти воситаҳои гардон ва ғайра);
*вазъи молиявии корхона, ҳамчун объекти эҳтимолии сармоягузорӣ то замони татбиқи лоиҳаи сармоягузорӣ.
-сатҳи самаранокии ақидаҳои тиҷоратӣ – тавассути нишондиҳандаҳои самаранокии сармоягузориҳо ифода меёбад: давраи бозпасгардӣ RB, меъёри миёнаи даромаднокӣ, даромади бадастомадаи холис NPV, шохиси даромаднокӣ PI, меъёри дохилии даромаднокӣ IRR, меъёри дохилии таҷдидшудаи даромаднокӣ. Чӣ қадаре ки самаранокии сармоягузорӣ ба лоиҳа баланд бошад, сатҳи ҷолибияти он ҳамон қадар баландтар мешавад

**Расми 1.2. -Нишондиҳандаҳои ҷолибияти сармоягузории ҷумҳурӣ ва корхона**
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф.

Дар айни замон усулҳои зерини арзёбии ҷолибияти сармоягузории минтақа вуҷуд доранд:

- аниқ намудани рейтинги минтақаҳо;
- муайян намудани сатҳи даромад аз сармояи гузошташуда;
- муайян намудани нишондиҳандаи маҷмуии эътимоднокии фазои

сармоягузорӣ, ки барои арзёбии он маҷмӯи нишондиҳандаҳои хусусӣ истифода мегардад.

- (хусусиятхои иҷтимоию сиёсӣ, табиию иқтисодӣ ва равонӣ) ташаккул дода мешавад;

- баҳодиҳӣ дар асоси нишондиҳандаҳои муттаҳидгардонидашудаи иқтидор ва хавфи сармоягузорӣ;

- таҳияи амсилаи дарбаргирандаи унсурҳои иқтисодӣ ва хавф.

- Мафҳумҳои зерин сатҳи ҷолибияти сармоягузории ҷумҳуриро мафҳумҳои зеринро дар бар мегирад:

- фазои сармоягузорӣ;

- иқтидори сармоягузорӣ;

- хавфи сармоягузорӣ.

Талаботи шадид ба сармоягузорӣ дар сатҳи минтақавӣ, ки дар мавҷудияти рақобат дар ин самт ифода ёфтааст - ин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷои як сармоягузор имконияти мавҷуд будани сармоягузорони сершумори мустақил аз ҷумла сармоягузорони хориҷӣ мебошад, ки баҳои воқеии сатҳи ҷолибияти сармоягузории минтақаҳои ҷумҳуриро муайян карда тавонад.

Фазои сармоягузорӣ дараҷаи хатари сармоягузориҳо ва имконияти истифодаи самараноки онҳоро ифода намуда аз маҷмуи маҷмӯи омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, минтақавӣ ва ғайра иборат аст.

Мафҳуми фазои сармоягузорӣ васеъ ва бисёртарафа буда, он ҳам дар сатҳи макроиқтисодӣ ва ҳам дар сатҳи микроиқтисодӣ тавсиф карда мешавад. Дар сатҳи макроиқтисодӣ он нишондиҳандаҳои муҳити сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии сармоягузориро дар бар мегирад. Дар сатҳи минтақавӣ бошад, фазои сармоягузорӣ ин маҷмуи муносибатҳои дутарафаи байни соҳтбкорони хусусӣ, ташкилотҳои молиявӣ ва дигар субъектҳои муносибатҳои иқтисодӣ, инчунин мақомоти маҳаллӣ мебошад.

Барои сармоягузорони эҳтимолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вазъи сиёсии давлат, сиёсати сармоягузории хориҷӣ, эҳтимолияти миллигардонии

моликияти хориҷӣ, иштироки кишвар дар низоми шартномаҳои байналмилалӣ оид ба масъалаҳои гуногуни сармоягузорӣ, ба буҳрони молиявӣ устувор будани муассисаҳои давлатӣ, дараҷаи дахолати давлат ба иқтисодиёт, афзалияти моликияти хусусӣ ва дигар омилҳо нақши калидӣ доранд.

Вазъи низоми асъорӣ ва молиявию қарзӣ, низоми гумрукӣ нишондиҳандаҳои асосие мебошанд, ки ҳангоми арзёбии фазои сармоягузорӣ истифода шуда, ба ба ҳолати умумии иқтисодиёти мамлакат тавасути онҳо баҳо дода мешавад.

Бо истифодаи муносибатҳои дутарафаи байни давлат ва сармоягузор, субъектҳои соҳибкорӣ, миёнарав ва пудратчиён, харидорон ва ташкилотҳои молиявии қарзӣ ва ташкилотҳои сармояқабулкунанда, дар сатҳи макроиқтисодӣ фазои ҷолиби сармоягузориро таъмин бояд кард. Мушаххассозии баҳодиҳии фазои сармоягузорӣ дар ҷараёни ҳамдигарии сармоягузор тарафи қабулкунандаи саромоя сурат мегирад.

Вазъи кунунии молиявӣ ва моддию техникии соҳаи кишоварзӣ дар сохаи кишоварзии кишвар дар , бо дарназардошти, тағйир додани сифатии муносибатҳои идоракунии соҳа фазои мусоиди сармоягузорӣ фароҳам меорад. Фазои сармоягузорӣ ба шароити бозоргонӣ мутобиқ намудани ҳар як субъекти хоҷагидориро ва онҳоро талаб мекунад.

Ташаккул додани механизми амалигардонии фаъолияти сармоягузорӣ, мувофиқ намудани он ба хусусиятҳои иқтисоди муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ муҳим арзёбӣ мегардад. Фазои сармоягузорӣ дорои қобилияти фароҳам овардани шароити мусоиди иқтисодие мебошад, ки ба ғанигардонии фондҳои кишоварзӣ ва баланд бардоштани самараи истифодаи он мусоидат мекунад. Дар ин ҳолат механизми иқтисодие лозим аст, ки ҳамоҳангсозии муфиди фишангҳо ва воситаҳои танзими давлатии иқтисодӣ, худидоракунии бозор ва вобастакунии васеи ваколатҳои ҷумҳуриявӣ ба мақомоти ҳокимияти минтақавӣ ва маҳаллиро дар худ муттаҳид намояд. Барои фаъолияти пурраи ин механизм бояд:

- рушди босуръати соҳаи кишоварзии дар баробари инкишофи бозори коғазҳои қиматнок ва сармояи қарзӣ, лизинг, бонкҳо ва ширкатҳои сармоягузории худӣ ва ғайра;

- рушди робитаҳои мустаҳками хоҷагидорӣ дар байни ҳамаи субъектҳои раванди сармоягузорӣ дар асоси манфиати ҳамгиро ва масъулияти моддӣ;

- дар заминаи соҳибкории навоварӣ рушди объектҳои нави сармоягузорӣ.

- иқтидори сармоягузори муайян карда мешавад:

- аз нуқтаи назарии ММД;

- бо дарназардошти сатҳи даромад ва хароҷот барои ҳар нафар ахоли;

- бо дарназардошти ҳолати низоми молиявӣ;

- бо дарназардошти вазъи тавозуни буҷети давлат;

- бо дарназардошти мавҷудияти захираҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва табиӣ, хусусиятҳои ҷуғрофии ҷойгиршавӣ ва дигар омилҳои воқеии марбут ба рушди фаъолиятҳои сармоягузорӣ.

Ҳангоми баҳодиҳи ҷолибияти сармоягузории кишвар баҳодиҳии хавфҳои сармоягузорӣ мавқеи махсусро ишғол мекунанд.

Нисбат ба дигар соҳаҳои иқтисодиёт соҳаи кишоварзӣ хавфи бештари маблағгузориро соҳиб мебошад, чунки ин соҳа нисбат ба хафҳо ноустувор аст. Коҳиш додани таъсири омилҳои манфӣ ва мутамарказонидани имконият ва иқтидорҳои объекти сармоягузорӣ вазифаи асосии сармоягузор мебошад. Аз шумораи зиёди хавфҳои фаолияти соҳибкорӣ намудҳои сиёсӣ, соҳавӣ ва мушаххас фарқ карда мешаванд.

- *Хавфи соҳавӣ.* Умуман, кишоварзии ҷумҳурӣ дар айни замой назар ба соҳаҳои пешгӯишавандаи соҳаи дорои дараҷаи баланди хавфнокӣ мебошад. Шароитҳои агроиқлимӣ, арзиши сӯзишворӣ, нуриҳои маъданӣ, воситаҳои ва олотҳои техникии кишоварз, инчунин захираҳои меҳнатӣ ва моддӣ ба парвариш ва ҷамъоварии ҳосили зироатҳои кишоварзӣ таъсир мекунанд. Сатҳи пасти омодагии кадрҳо ва норасоии кадрҳои соҳибхтисос мушкилотест, ки ҳамаи истеҳсолкунандагони кишоварзӣ ва сармоягузорон ба

он рӯ ба рӯ мешаванд. Инчунин, хусусиятҳои хоси кишоварзӣ ин мушкилоти дигаре мебошад, ки сармяогузорон ва истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ мувачеҳ мегарданд.

- *Хавфҳои машаххас.* Омилҳои таъсиркунандаи хоҷагиҳои майдамолӣ дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол эҳсос мегардад, ки он натиҷаи нисбатан паст будани сифати маҳсулоти истеҳсолшаванда, баланд буданиарзиши аслии он ва номукамал будани маркетинги фуруши маҳсулот мебошад. Хоҷагиҳои майдамолӣ (хоҷагиҳои еҳқонии хурд асосан маҳсулоташонро ба бозорҳои дохили бароварда, сари вақт онро тибқи шартнома ба корхонаҳои коркарди махсулот пешниҳод намоянд. Инчунин, хоҷагиҳои майдамолӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)-и инфиродӣ, ки таъмини имкониятҳои зарурӣ оиди пешгирии сироят ва касалиҳо, шароити мусоиди дар замони кунунӣ таъмин карда наметавонанд.

Иқтидори сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил намуда, қайд намудан зарур аст, ки сатҳи иқтидори инфрасохторӣ, захираҳои табиӣ, сайёҳӣ ва меҳнатӣ дар маҷмуъ аз сатҳи иқтидори сармоягузории минтақа пайваста зиёд мебошад. Дар охири соли 2022 дар муқоиса бо соли 2010 рейтинги умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон боло рафт, яъне. сатҳи ҷолибияти сармоягузорӣ баланд ва сатҳи хавфҳои сармоягузорӣ коҳиш ёфт.

Бо вуҷуди ин, аз нуқтаи назари соҳа, ин мавзӯъ ба таври кофӣ таҳқиқнашуда боқӣ мемонад ва чун қоида, хусусияти баррасии вазъи сармоягузориро дорад. Он махсусан дар самти муносибат ба сохаи кишоварзии иқтисодиёти минтақаҳои ҷумҳурӣ суст инкишоф ёфтааст, гарчанде он барои баҳодиҳии даромаднокӣ ва такмил додани танзими давлатии равандҳои иқтисодӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Минтақаҳо, чун қоида, аз рӯйи нишондиҳандаҳои алоҳидаи иқтисодӣ ба гурӯҳҳо ҷудо карда мешаванд, ба монанди - ҳаҷми истеҳсолот, маҳсулнокии зироатҳои кишоварзӣ, маҳсулнокии чорво, ҳаҷми сармоягузорӣ ва ғайра. Аммо ин муносибат имкон намедиҳад, ки вазъияти кишоварзӣ аз нуктаи назари минтақавӣ ҳаматарафа таҳлил карда шавад.

Дар чунин шароит таҳияи асосҳои методологии типологияи фаъолияти сармоягузорӣ дар сохаи кишоварзии иқтисодиёти вилоят ва дар ин замина ташкили мониторинги фаъолияти истеҳсолӣ ва сармоягузории молистеҳсолкунандагони кишоварзӣ зарур арзёбӣ мегардад. Дар мачмуъ, на танҳо гурухбандии минтақаҳо бо назардошти шиддатнокии равандҳои сармоягузорӣ, балки ҳамчунин арзёбии таъсиррасонии омилҳои гуногун ба онҳо низ аҳамияти зиёд дорад, ки дар баробари ин, имкон медихад, ки самаранокии танзими иқтисоди давлат низ арзёби гардад.

Барои гурӯҳбандии минтақаҳо нишондиҳандаҳо ва меъёрҳое интихоб карда мешаванд, ки баҳодиҳии ҳаҷми сармоягузориро нисбат ба сармоягузорӣ ба сармояи асосии соҳаи кишоварзӣ дар муқоиса бо динамикаи умумии ҷумҳуриявӣ ва мавқеъи ин ё он минтақа дар ташаккули захираҳои озуқаворӣи кишвар ҳамаҷониба нишон дода тавонад. Бо ин мақсад мо пешниҳод менамоем, ки нишондиҳандаҳои зерин истифода бурда шаванд:

1. Ҳиссаи умумии маблағгузорӣ ба фондҳои асосии корхонаҳои кишоварзии минтақа дар ҳаҷми умумии сармоягузорӣ ба сармояи асосии соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ.

2. Ҳиссаи маҷмуи маҳсулоти кишоварзии минтақа дар истеҳсолоти умумии миллӣ.

3. Ҳиссаи умумии сармоягузорӣ ба сармояи асосии саноати хӯроквории ноҳияҳо ба ҳаҷми умумии сармоягузорӣ ба сармояи асосии саноати хӯроквории ҷумҳурӣ.

4. Ҳиссаи махсулоти истеҳсолкардаи ташкилотҳои саноати хуроквории минтақа дар истеҳсолоти ҷумҳурӣ.

Истифодаи ду нишондиҳандаи охир дар самти арзёбии ҷолибияти сармоягузории сохаи кишоварзии иқтисоди минтақаи таҳқиқшаванда ба таври куллӣ муҳим ба назар мерасад, зеро дар солҳои охир ҷалби сармоя ба соҳаи кишоварзӣ асосан тавассути ташкилотҳои саноати хӯрокворӣ ба назар мерасад.

### 1.3. Таҷрибаи хориҷии сармоягузорӣ ба истеҳсолоти кишоварзӣ

Натиҷаҳои таҳқиқот гувоҳ медиҳанд, ки такмил додани раванди сармоягузорӣ дар истеҳсолоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба омухтани таҷрибаи кишварҳои дорои иқтисоди бозоргонии мутараққӣ мувофиқи мақсад мебошад. Таҳлили фаъолияти сармоягузории кишварҳое, ки бо мушкилоти мушобеҳ рӯ ба рӯ шудаанд ва онро бомуваффақият ҳал кардаанд, низ ҷолиб аст.

Дар ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ-ичтимоии кишвар, нақши муҳимро такмили раванди сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ мебозад.

Барои ин, лозим аст, ки таҷрибаҳои кишварҳои мутараққӣ, махсусан онҳое, ки ба муваффақият дар соҳаи кишоварзӣ расидаанд, омӯзиш карда шаванд. Таҳлили бештар ва амиқи моделҳои сармоягузорӣ, инчунин механизмҳои дастгирӣ, ки дар давлатҳои дигар муваффақ нашуданд, метавонад барои Тоҷикистон беназир бошад.

Кишварҳои чун Олмон, Нидерланд ва Австралия бо истифодаи технологии инноватсионӣ ва муаммоҳои экологӣ ин раванди сармоягузорӣ дар кишоварзиро такмил доданд. Онҳо нишон медиҳанд, ки истифодаи самараноки захираҳои табиӣ, инноватсия ва татбиқи усулҳои муосир низ дар Тоҷикистон имконпазир аст. Иловатан, дастгирии давлат ва секторахои хусусӣ метавонад имкониятҳои нав барои рушди устувор ва рушди соҳаҳои кишоварзиро фароҳам оварад. Ин таҳлили ҷузъҳои оддии ин раванди бисёрзабона ва интериализатсия метавонад ба кишвари мо равишҳои нав ва самаранок пешкаш намояд.

Бояд қайд кард, ки ММД-и Ҷумҳурии мардумии Чин шаш маротиба истеҳсоли ғалла 200 млн. тон, суръати рушди иқтисод 9%-ро ташкил медиҳад ва дар омади соҳаи кишоварзӣ чанд маротиба зиёд шуд.

Дар қонини ин мамлакат “Қонун дарбораи кишоварзӣ” ва Қонун “Оиди ворид намудани пешрафтиҳои кишоварзӣ дар истеҳсолот” соҳаи мазкур ба яке аз соҳаҳои пешрафти Чин мубадал гашт ва “Низомномаи муваққатии сармоягузории хориҷӣ” шароити мусоид барои раванди сармоягузорӣ ба

соҳаи кишоварзӣ фароҳам овარданд.

Дар асоси манбаъҳои маблағгузорӣ ба истеҳсолоти кишоварзии Ҷумхурии Мардумии Чин инҳо мебошанд:

– *Молияи давлатӣ.* Ба ақидаи мо маблағгузории технологияи инноватсионии соҳаи кишоварзӣ аз ҳадди ақал аз буҷети давлатӣ ташкил карда шуда худи давлат бо ҳамоҳангии мақомоти маҳаллӣ ҳадди ақали рушди солонаи сохаро таъмин кунад.

– *Қарзҳои аз ҷониби бонкҳои давлатӣ пешниҳодшаванда.* Маблағгузорӣ аз буҷети давлатӣ барои фондҳои асосии истеҳсолӣ дар соли 1998 нисбат ба як сол қабл ба 47,8% афзуд. Дар маҷмӯи маблағгузорӣ ҳамин тариқ саҳми кишоварзӣ аз 2,6% то 3,2% афзуд. Ҳамчунин маблағгузориҳо ба соҳаи мазкур дар соли 1999 ҳатто ба 44% афзоиш ёфт. Бо вуҷуди ин, манбаъҳои асосии маблағгузорӣ ҳамчун пешина маблағҳои дохилии корхонаҳо боқӣ мемонанд.

Мо ба ҳайси мутахассисони соҳаи навоварӣ, таҷрибаи Ҷумҳурии Мардумии Чин (ҶМЧ) — кишваре, ки дар марҳилаи гузариш қарор дорад, хеле ҷолиб мешуморем. Чин дар фосилаи кӯтоҳе суръати назарраси рушди иқтисодиро ба даст овард, ки афзоиши 9%-и ҳарсолаи ММД ифода мекунад. Дар натиҷа, ҳаҷми ММД-и кишвар 6 маротиба зиёд гардида [42. С-22-27].

9 ҳазор лоиҳа тибқи сармоягузории хориҷӣ амалӣ танҳо дар соли 1999 дар сохаи кишоварзӣ гардидааст.

Дигар кишваре ки дорои таҷрибаи ҷолиб дар танзими давлатии сармоягузории соҳаи кишоварзи мебошад ин Полша аст. Созмонҳо ва фондҳои махсуси таъсисёфта дар муҳимтарин ҷузъҳои идораи давлатиро ташкил намуда, дар зери роҳбарии вазоратҳои марбут қарор доранд, вале дар асоси принципҳои худидоракунӣ ва худтаъминкунӣ фаъолият мекунанд. Сармоягузориҳо аз ҷониби онҳо асосан дар шакли ғайримустақим таъмин карда мешаванд. Ин механизмҳо бо мақсади баланд бардоштани самаранокии кор дар соҳаи кишоварзӣ ва осон кардани дастрасӣ ба манбаъҳои молиявӣ таъсис ёфтаанд. Сармоягузорӣ на танҳо барои инкишофи инфрасохтор, балки барои баланд бардоштани технологияи истеҳсолот,

беҳтар намудани сифати маҳсулот ва ҳифзи муҳити зист равона шудааст. ПБарои баланд бардоштани самаранокии сармоягузорӣ дар Полша таҷрибаи давлатҳои дигар “ноу-хау”-ро мунтазам ҷорӣ менамоянд. Ин раванд бо иштироки ҷомеа, созмонҳои ғайридавлатӣ ва бахши хусусӣ такмил меёбад, ки баҳри дастгирии рушди устувор ва инноватсионӣ дар соҳаи кишоварзӣ муҳим аст.

Дар Полша, механизмҳои қарздиҳӣ ва дастгирии молиявӣ барои кишоварзон ба таври фаъол бо ниятҳои муайян сохта шудаанд. Созмонҳои хусусӣ ва давлатӣ, бо ҳамкорӣ бо институтҳои байналмилалӣ, интихоби самаранок ва ҳалли масъалаҳо барои беҳтар кардани дастрасӣ ба сармоягузориҳо ва маблағгузории лоиҳаҳои кишоварзӣ таъмин менамоянд. Ин ҳамкориҳо, бо мақсади ворид кардани технологияи инноватсионӣ, нақши муҳими худро иҷро мекунанд. Афзалияти Полша дар соҳаи кишоварзӣ на танҳо дар таҷрибаи идоракунӣ, балки дар стратегияҳои маркетингии он низ зоҳир мешавад. Лоиҳаҳо ва барномаҳои махсус барои дастгирии истеҳсолкунандагон ва кооперативҳои кишоварзӣ таъсис ёфтаанд, ки ба он имконият медиҳанд, ки маҳсулоташонро ба бозорҳои байналмилалӣ пешниҳод кунанд. Ин равиш, дар навбати худ, ба афзоиши даромад ва беҳбуди зиндагии деҳқонҳо оварда мерасонад.

Дар Болгария мушкилоти кишоварзӣ дар сиёсати иқтисодӣ масъалаи афзалиятнок шуморида намешаванд. Дар буҷети соли 1994 ба сохаи кишоварзӣ ҳамагӣ 2,8%-и хароҷот ҷудо карда шуда буд ва барои рӯйпушсозии хароҷоти нигоҳдории Вазорати кишоварзӣ ва озуқаворӣ 1,9%. Маблағгузориҳои буҷетӣ асосан ба кӯмаки хоҷагиҳои заиф равона карда шудаанд.

Дар Болгария, масъалаҳои кишоварзӣ дар доираи сиёсати иқтисодӣ дар қатори афзалиятҳои муҳим қарор намегирад. Ба ҳайси намуна, дар буҷети соли 1994, танҳо 2,8%-и ҳамаи хароҷот ба соҳаи кишоварзӣ ихтисос ёфта буд, дар ҳоле ки барои пардохти хароҷоти нигоҳдории Вазорати кишоварзӣ ва озуқаворӣ танҳо 1,9% таъин карда шуд. Маблағгузориҳои буҷетӣ асосан

барои кӯмак ба хоҷагиҳои заъиф равона карда шудаанд.

Фоизҳои пасти фонди махсуси «Кишоварзӣ» меъёрҳои фоизии барои деҳқонон ҷудошударо танзим менамояд. Ҳар сол ба он 0,5%-и ММД ва як қисми даромад аз кӯмаки мақсадноки хориҷӣ ворид мегардад.

Муасисаҳои таҳқиқотӣ ва озмоишӣ дар соҳаи кишоварзӣ давлат дар давоми солҳои охир, оиди рушди инженерингӣ агрономӣ дастгирӣ менамояд. Ин кор метавонад ба баланд бардоштани сифати маҳсулот ва ҳосили заҳматкашон оварда созад. Бо дастгирии технологияҳои нав, деҳқонон имконияти беҳтар кардани парвариши зироатҳои гуногун пайдо мекунанд.

Масалан, дар солҳои охир бо мақсади дастгирии истеҳсоли органикӣ ва муназзам кардани истифодаи коҳиши кимиёвӣ, ин фонди махсуси «Кишоварзӣ» барномаҳои махсуси омӯзишӣ ва семинарҳо барои деҳқонон гузаронидааст. Ин ба баланд бардоштани дастовардҳо ва интиқоли таҷрибаи муосир дар кишоварзӣ мусоидат мекунад.

Сиёсати давлатии сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ ба Ҷумҳурии Булғория имкон медиҳад, ки корхонаҳои кишоварзӣ на танҳо захираҳои маҳалили худро истифода баранд, балки бо занҷирҳои таъминот дар бозорҳои байналмиллалӣ низ ҳамкорӣ кунанд.

Дар Ҳолланд манбаи маъмултарини сармоягузорӣ бонки кооперативии Рабобанк мебошад. Бонки мазкур шашсад бонки маҳаллӣ ва як бонки марказиро дар бар мегирад. Бо ҳадафи афзоиши ҳаҷми сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ, ба мутахасисоне муроҷиат мекунад, ки лоиҳаҳои сармоягузориро бодиққат арзёбӣ намуда, вобаста ба иқтидори кишоварзӣ, техникӣ ва молиявии онҳо, рӯйпушгардии қарзи деҳқононро ҳисоб мекунанд.

Тартиби баррасии имкониятҳои бақайдгирии захираҳои сармоягузорӣ, содда, камзинагӣ ва махфиятро дар назар дорад, ки ин ба деҳқонон кӯмак мекунад, то бо осонии бештар ба маблағгузорӣ дастрасӣ пайдо кунанд. Бонкҳои маҳаллӣ ҳуқуқ доранд, ки мустақилона то 4 миллион гулден (2,5 миллион доллари ИМА) қарз диҳанд, ки ин барои рушди соҳаи кишоварзӣ ва дастгирии фаъолиятҳои деҳқонон аҳамияти муҳим дорад.

Давоми солҳои охир, Рабобанк кӯшиш мекунад, ки бо истифода аз технологияи муосир ва методҳои инноватсионӣ, хизматрасониҳо ва шартҳои муассирро пешниҳод намояд. Вай чунин барномаҳои иттилоотиро таҳия кардааст, ки ба фаъолияти самараноки деҳқонон мусоидат намояд, ки кишоварзон тавонанд стратегияи самараноки сармоягузорӣ ва пешбурди лоиҳаҳои кишоварзии худро пиёда созанд. Барои ин, бонк курсҳо ва семинарҳои омӯзишӣ дар соҳаҳои гуногун, барои идоракунии молиявӣ, гузаронида ва бо хидматҳои муфид дастгирии амалии худро тақдим менамояд.

Истифодаи навоварӣ дар амалия нишон медиҳад, ки сармоягузории бонк ба деҳқонон имкон медиҳад, ки фаъолияти худро боз ҳам самараноктар ва устувортар созанд. Ҷалби мутахассисон ва машваратчиёни молиявӣ дар таҳлили лоиҳаҳои сармоягузорӣ, барои мусоидат ба руйпушгардии қарзҳо, бисёр аҳамияти муҳим дорад. Аз ин рӯ, Рабобанк метавонанд алоқаи пурсамар бо деҳқонон ва соҳибкорон бунёд намуда, онҳоро дар равандҳои рушди кишоварзӣ дастгирӣ намояд.

Сармоягузорӣ дар шакли маъмул асосан ба сохтмон ва ё азнавсозии биноҳо, иншоот ва хариди таҷҳизот гузошта мешавад. Сиёсати сармоягузории кишоварзии Иттиҳоди Аврупо Субсидияҳо асосан ба баланд бардоштани сифати маҳсулот ва ҳифзи муҳити зист нигаронида шудааст. Ин сиёсат асосан ба равонасозии қарзҳои бонкӣ маҳз ба фермерҳои боэътимод ва сармоягузор мусоидат мекунанд[98. С.53-58].

Дар Ҳолланд барои рушди фермерони навкор, ки дар оғози фаъолияти худ бо монеаҳои молиявӣ рӯбарӯ мешаванд, як иқдоми хеле муҳим пешкаш мегардад. Фермерон имкон доранд, ки бо пешниҳоди замин ва иншоотҳои мавҷуда, қарз ба муҳлати 50-сол, имтиёзи панҷ сол ва фоизи катарин гирифта, маҳсулоти худро ба бозор ворид кунанд. Ин дастгирӣ метавонад нақши ҳалкунандае дар ноилоҷиҳои молиявии онҳо дошта бошад, чунки имтиёзҳои фоизӣ ва муҳлат ба онҳо фурсат медиҳанд, ки дар давраи аввалини фаъолияти худ рушди устувор дошта бошанд.

Ин ба онҳо кӯмак мекунад, то на танҳо назорати молиявиро нигоҳ доранд, балки инчунин дар пешрафти фоидаоварии истеҳсолот иштирок намоянд. Барои таъмини муваффақияти ин барнома, хонаводаҳои фермерӣ бояд на фақат ба омӯзиши бозор диққат диҳанд, балки вариантҳои нав, инчунин ҳамкориҳоро бо созмонҳои маблағгузорӣ ба роҳ монанд.

Рабобанк фонди лоиҳаҳои иҷтимоии худро барои дастгирии тадқиқотҳо, таҳияи нақшаҳо, ҳамоҳангсозии фаъолиятҳо, ва иттилоотонии лоиҳаҳои таълимӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва ҷаъиятҳои деҳқонӣ равона месозад. Ин маблағгузорӣ кӯмак мекунад, то эҳтиёҷот ва талаботи кишоварзон ва ҷомеаи деҳот дарк шавад ва роҳҳои самаранок барои рушди устувор ва муваффақияти деҳқонон пайдо гардад. Лоиҳаҳои қабулшуда метавонанд дар самтҳои гуногун, аз ҷумла такмили технологӣ, омӯзиши методҳои нав, ва рушди қобилиятҳои деҳқонон амалӣ гарданд.

Ҳифзи муҳити зист, парвариши навҳои нави зироат ва тадқиқот дар самти соҳаи биотехнологӣ, ки барои иқтисодиёти ҳоланд хеле заруранд анҷом дода мешаванд. Маблағгузории чунин лоиҳаҳо ба таъмини:

- Устувории соҳаи кишоварзӣ;
- Беҳ намудани муҳити зист, кам намудани таъсири манфии фаъолият, рушди зироатҳои илдовагӣ;
- Ҷори намудани технологияҳои муосири биотехнологӣ дар мусоидаи менамояд.

Маблағгузориҳо метавонанд дар шаклҳои гуногуни грантҳо, қарзҳо ва сармоягузориҳои мустақим пешниҳод шаванд. Ҳамкорӣ бо ниҳодҳои давлатӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва муассисаҳои таҳсилотии олӣ таъмини молиявӣ яке аз шароитҳои асосии сармоягузорӣ ба иқтисодиёт мебошад. Барои таъмини амнияти озуқаворӣ ва ҳифзи муҳити зист ва барои рушди иқтисодии ҷомеа, балки низ аҳамияти калон дорад.

Дар баробари сиёсати дастгирии давлатӣ сохтори бонкии дар боло зикршуда афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва шукуфоии соҳибкории кишоварзиро кафолат медиҳад.

Дар ИМА дар рафти баррасии мушкилоти сармоягузорӣ вазъияти ғайристандартиро мушоҳида кардан мумкин аст. Ҳаҷми пардохтҳо ба барномаҳои ҳифзи нархҳои кишоварзӣ, муҳофизати замин ва ғайра ба афзоиши ҳаҷми истеҳсолот вобаста мебошад, аз ин рӯ, истеҳсолоткунандагони калон маблағгузории бештарро соҳиб мегарданд. Кооператсияи молию қарзӣ низ ба хоҷагиҳои кишоварзӣ аз ҷиҳати пешниҳоди қарзҳо манфиатҳои бузург меорад ва 95% қарзҳо ба хоҷагиҳои бузурги молӣ пешниҳод карда шуданд. Масъалаи маҳдудсозии субсидияҳо ба хоҷагиҳои калон ва равона кардани кӯмаки давлатӣ ба деҳқонони миёна ва хурд имрӯз муҳим боқӣ мемонад [120. С.18-22].

Ҳолатҳои фоҷиавии хавфпазирӣ ба яке аз мушкилотҳои танзими давлатии сармоягузорӣ дар ИМА ба ҳисоб меравад. Дар раванди сармоягузорӣ аксар вақт таъхири пардохтҳо ба миён меояд, ки он хислати ҳатмӣ дорад.

Сармоягузорӣ дар шакли бартаридошта қарздиҳӣ аз ҷониби муассисаҳои зерин амалӣ карда мешавад:

1. Бонкҳои тиҷоратӣ. Низоми эҳтиётии фермерӣ (НЭФ) ба онҳо шароит муҳаё мекунад, ки тавассути азнавсозии сохтори қарзҳо муҳлати пардохтро тағйир диҳанд. Ба воситаи чунин механизмҳо, бонкҳо метавонанд ба фаъолияти иқтисодии деҳқонон бевосита таъсири мусбат намоянд. Ташкили шартҳои мақбул, фермеронро водор мекунад, то ба такмили истеҳсолоти худ шурӯъ кунанд, дар натиҷа, самаранокии онҳо ба куллӣ афзоиш меёбад.

2. Ташкилотҳои қарзии деҳқонӣ дар шакли муассисаҳои молиявӣ, ки бо мақсади таъмин кардани бозорҳои маҳаллӣ ва дастгирии рушди иқтисодиёти деҳот таъсис ёфтаанд, нақши ҳалкунанда доранд. Ташкилотҳои қарзии деҳқонӣ на танҳо манбаи муҳими қарз барои хариди амволи ғайриманқул ва амволи кишоварзӣ мебошанд, балки ба фаъолиятҳои кооперативҳои кишоварзӣ нуруи тоза мебахшанд.

Мизоҷони асосии онҳо - хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ, ки 75%-и умумии мизоҷонро ташкил мекунанд.

3. Воситаҳои (пулӣ) маъмурият оид ба корҳои фермерон (МКФ) ба фермерон имконият медиҳанд, ки ба рушди хоҷагиҳо ва танзими самараноки иқтисоди хеш даст ёбанд. Фермерон, ки ба МКФ муроҷиат мекунанд, бояд собит кунанд, ки на танҳо барои таъмини амнияти молии худ, балки ҳамчунин барои нигоҳ доштани фаъолияти хоҷагиашон ба маблағгузорӣ ниёз доранд.

4. Ташкилотҳои суғуртавӣ дар ҷаҳони муосир на танҳо як воситаи муҳофизат аз хатарҳои молиявӣ, балки манбаи муҳим барои маблағгузориҳои дарозмуҳлат мебошанд. Маблағи пешбинишудаи ташкилотҳои суғуртавӣ ба ҳисоби миёна 100 ҳазор доллари ИМА мебошад.

5. Сармоягузорони инфиродӣ маблағгузориро бо тарзи ғайринақдӣ амалӣ менамоянд.

6. Корпоратсияи молию қарзӣ (КМҚ) ба рушди соҳаи кишоварзӣ ва таъмин намудани амнияти ғизоии кишвар масъул мебошад. Он асосан барои таъмини қарзи молӣ ба деҳқонон ва кишоварзон фаъолият мекунад, то имкониятҳои ба даст овардани маҳсулоти бештар ва баланд бардоштани сифати зироатҳоро фароҳам созад. КМҚ ба воситаи пешниҳоди қарз ва дастгирии техно-логӣ, ҳавасманд кардани соҳибкороне ки дар соҳаи кишоварзӣ қарор доранд, нақши муҳим мебозад.

7. Маблағгузории венчурӣ, ки аз ҷониби сармоягузорони инфиродии ғайрирасмӣ амалӣ карда шуда, бо номи «фариштаҳои тиҷоратӣ» маъруф аст. Маблағгузории онҳо ба лоиҳаҳои сердаромад, ки хусусияти инноватсионӣ доранд, равона шудааст. Ин лоиҳаҳо барои парвариши ҳайвонот ва зироатҳои дурагакардашударо ва дигар равияҳои муосирро сармоягузорӣ менамоянд. Шарти зарурии шартномабандӣ иштироки саҳмдори “фариштаи тиҷоратӣ” дар сармояи ин корхонаи кишоварзӣ мебошад [87. С-78-83].

8. Дар Канада ҳукумати мамлакат ба соҳаи кишоварзӣ диққати махсус зоҳир менамояд. Маблағгузории хоҷагиҳои ғаллапарварӣ, ҳамчун яке аз самтҳои муҳимтарини иқтисодиёти мамлакат ба ҳисоб меравад. Дар мавриди даромади пулии соф (муттаҳидкардашуда ё ба ҳисоби 1 тонна ғалла) аз

ҳисоби миёнаи давраи панҷсолаи гузашта паст гардад, кишоварзон аз ҳисоби пасандози фонди махсус ташкилшуда музди иловагӣ мегиранд.

Дар Канада аз соли 1991 инҷониб, қарзҳои бефоиз ба маблағи 50 ҳазор доллар, бо шарти гарав гузоштан захираҳои ғалла ва зироатҳои равғандор, ба мӯҳлати 1 сол дода мешавад.

Ба яке аз қазияҳои соҳа паст намудани эрозияи замин ҳаҷми маблағгузорӣ барои ХДФ зиёд шуда истодааст.

Механизмҳои қабул ва амалӣ намудани сармоягузорӣ, дар таҷрибаи байналмиллалӣ дар се марҳила амали мешавад (пеш аз сармоягузорӣ, асосӣ, истеҳсолӣ/иҷроиш).

Барои расидан ба ҳадафҳои асосӣ ва марҳилаҳои дигар марҳилаи аввал аҳамияти хос дорад, ки он ба се давр ҷудо мешавад:

- масъалаҳои маблағгузорӣ дар даври аввал, ки имконияти татбиқи идеяи лоҳиаро мусоид меорад, амалӣ мешавад;

- омузиши муҳити рақобатпазирии талабот бо молҳо, хизматрасониҳо, инчунин ҳалли қазияҳои техникӣ барои объекти оянда дар марҳилаи дуюм маблағгузорӣ карда мешавад.

- интихоби на камтар аз се таклифи алтернативӣ бо иштироки ширкатҳои машваратӣ оиди интихоби вариантҳои лоиҳавӣ дар марҳилаи сеюм амалӣ карда мешавад.

Баҳодиҳии афзоиши марҳилаҳои гуногуни лоиҳа, таҳлилӣ умумӣ, даро оғозхнамоии лоиҳап, ки кафолатнокии он ва манбаҳои молиявиро таъмин менамояд ба даст оварда мешавад.

Ин арзишгузориҳо бо додани натиҷаҳои наздик тавассути таҳлилҳои муфассал ва коркардҳои пешакӣ, ба баҳогузории ниҳоии лоиҳа кӯмак мерасонанд, ки имкон медиҳад, марҳилаҳои гуногуни лоиҳаро чун музди нақш дошта бошад. Бинобар ин, дар ин раванд, арзишгузориҳои марбут ба хулосаи коркардашударо масъулиятан ба инобат гирифтан муҳим ast, зеро онҳо метавонанд асоси мустаҳкам барои қабули қарорҳо оиди манобеъ ва ресурсҳо бошанд. Дар муввафақияти ниҳоии лоиҳа нақши муҳим дастгирии

дарозмуддат дар давраи амалигардонӣ аз тарафи маблағгузор таъмин мегарданд нақши муҳим мебозад.

Омузиши аниқи марҳилаи лоиҳаҳо, асосноккунии қарори лоиҳавӣ, баҳои арзиши такроршаванда шабеҳи лоиҳа лоиҳа дар ҳудуди ±15-16% эътимоднок аст.

Ҳангоми таҳия бонкҳо ва қарзгирандагон барои муайян намудани дурнамои татбиқи лоиҳаҳо дар мамлакатҳои Ғарб ширкатҳои машварати фаъолият мекунанд, ки якҷоя бо бонкҳои хизматрасонӣ оиди асосноккунии пеш аз лоиҳавӣ ва лоиҳавиро пешниҳод мекунанд.

Дар Ғарб, системаи ширкатҳои машваратӣ на танҳо дар самти молиявӣ, балки дар ҳаллу фасли масъалаҳои стратегӣ низ баромад мекунанд. Ин ширкатҳо бо истифода аз таҳлили амиқи маълумот ва таҷрибаи зиёд, ба таҳиягарон ва муассисаҳои қарзӣ барои ба даст овардани тавозун кӯмак мерасонанд. Онҳо пешниҳодоти хидматиро бо мақсади паст кардани хавф пешкаш мекунанд, ки ин ҳадаф тавассути таҳқиқоти дақиқ, арзёбии бозор, ва пешгӯиҳои таҳаввулоти иқтисодӣ амалӣ мешавад.

Масалан, дар заминаи амалиёти сохтмон, ширкатҳои машваратӣ метавонанд нақши муассир дар таҳлили эҳтимолии буҷаи лоиҳа ва захираҳои зарурӣ дошта бошанд. Онҳо метавонистанд дастурҳои дақиқи марбут ба иҷрои лоиҳа ва тактикаи марбутро анҷом диҳанд, ки боиси коҳиш додани хатоҳо ва хароҷот ва беҳтар кардани сифати натиҷаҳо мегардад. Ин раванд на танҳо таъминкунандаи амнияти молиявӣ барои ҳамаи тарафҳо мебошад, балки ҳусни иҷрои лоиҳаҳоро низ афзоиш медиҳад.

Илова бар ин, ширкати машваратӣ метавонад ба рушди устувори лоиҳаҳо таваҷҷуҳи махсус зоҳир кунад. Сарфи назар аз он ки лоиҳаҳо дар бахшҳои гуногуни иқтисодӣ амалӣ мешаванд, принсипҳои устуворӣ ва масъулияти иҷтимоӣ дар пайравӣ ва амалишавии лоиҳаҳо боиси манфиати дарозмуддат мегардад. Ҳамчунин ин раванд метавонад маърифати ҷомеъаро дар самти ҷамъоварӣ ва истифодаи захираҳои табиӣ низ баланд барад.

Бо ҳмкори бо шарикони тиҷоратии сармоягузор, омузиши техникӣ-

иқтисодии вариантҳои гуногуро гузаронда дар он хизматрасониҳо барои коркард (1,5-5,5%)-и афзоиши лоиҳаи инвеститсионӣ (0,25-1%) барои идеяи лоиҳа ватаҳлили техникӣ-иқтисодӣ, (1-3%) бароиомузиш ва қабули қарор ба ухда мегирад.Дар ҳама давраҳои сармоягузорӣ пеш аз ҷамбасти таҳқиқоти ибтидоӣ, ҳисоботоиди омилҳои хатари лоиҳа омода мешавад.Дар давраи муосир ва дурнамои наздик бисёре аз молистеҳсолкунандагон имконияти пардохти ҳаққи хизматрасонии ширкатҳои машваратиро надоранд.

Ташкилотҳои ғарбӣ ба ҷалби мутахассисони касбӣ дар лоиҳаҳои сармоягузорӣ аҳамияти зиёд мебахшанд. Тибқи маълумоти коршиносони байналмилалӣ, маълум аст, ки нокомии зиёди лоиҳаҳо вобаста ба идоракунии нодуруст мебошад. Барои муваффақият, лозим аст, ки ҳамаи захираҳо хирадмандона истифода шаванд, муҳлатҳои мушаххаси иҷрои лоиҳаи сармоягузорӣ муайян шаванд, ва фоидаҳои ҳатмӣ бояд сари вақт ба даст оянд, то ки қарзҳо баргардонида шаванд. Ин амалҳо ба сифати идоракунии лоиҳа ниёз доранд, ки бояд дар рафти татбиқи лоиҳаҳои иқтисодӣ метавонист муваффақиятро таъмин намоянд.

Ду усули маблағгузории лоиҳа имконпазир аст. Дар яке аз мавридҳо менеҷер тақрибан пурра ё як кисми хароҷоти ҷориро аз ҳисоби воситаҳои худӣ амалӣ менамояд. Дар ин ҳолат, ӯ яке аз шарикони фармоишгар - сарпарасти лоиҳа мегардад ва дар ҳамон андоза ба татбиқи бомуваффақияти он аз ҷиҳати молиявӣ манфиатдор аст. Ба шарофати менеҷер, муштарӣ имкон пайдо мекунад, ки захираҳои худӣ ва қарзиро чандир идора намояд ва ҳамзамон аз болои хароҷот фишангҳои назорати иловагӣ дошта бошад.

Дар аксари шартномаҳо роҳбар ҳамчун шахси боваринок баромад намуда, манфиатҳои муштариро ҳамчун ҳуқуқи ихтиёрдории идоракунии захираҳои бонкӣ баромад мекунад.

Дар ин ҳолат, маблағи аввалияи барои оғози лоиҳа зарурӣ мувофиқа карда мешавад ва баъдан ҷараёнҳои молиявии зарурӣ бо супориши менеҷер аз бонк ба суратҳисоби ширкат гузаронида мешаванд [112. С.102].

## Хулоса доир ба боби аввал

Натиҷаҳои боби аввалро ҷамъбаст намуда, бояд таъкид кард, ки сармоягузорӣ унсури марказии рушди иқтисоди миллӣ ва бахшҳои он мебошад. Маҳз сармоягузориҳоӣ босуръат афзоянда дар асоси инноватсия дар соҳаи кишоварзӣ истеҳсолоти рақобатпазирро ба вуҷуд оварда, дар баробари ин рушди устувори иқтисодиро таъмин мекунанд.

Ақидаҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ ҷамъбаст намуда, чунин хулосарбаррӣ намудан мумкин аст, ки маънои илмии "Сармоягузорӣ" ин усулҳои захирагузорӣ ва хароҷотҳоро мефаҳмонад.

Таҳқиқоти мо ба ҳамин версияи моҳияти сармоягузорӣ асос ёфтааст. Хусусияти сармоягузориҳо дар он ифода меёбад, ки самараи татбиқи онҳо фавран зоҳир мешавад.

Барои муайян кардани самаранокии (даромаднокии) сармоягузорӣ ду усули ҳисобкунӣ таҳия шудааст:

- усули арзиши ҷорӣ;
- усули рӯйпушшавии (бозгардӣ) маблағгузорӣ.

Мо бо бисёре аз назариятҳои алимон оид ба иқтисод розӣ ҳастем, чунки онҳо ба корномаҳои кишоварзӣ таваҷҷуҳ мекунанд. Онҳо бар ин назар мебошанд, ки сармоягузорӣ василаи асосии ташаккули қобилияти истеҳсолӣ, механизми беҳбуди сохтори дороиҳо, такрористеҳсолкунӣ, ва инчунин механизм комил барои ҳал кардани масоили иҷтимоӣ мебошад.

Ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии сармоягузориро ҳамчун омили баланд бардоштани самаранокии иқтисодии истеҳсолоти кишоварзӣ ҷамъбаст намуда, бояд қайд кард, ки сатҳи иқтидори инфрасохторӣ, табиию захиравӣ ва меҳнатӣ аз сатҳи иқтидори сармоягузории кулли ҷумҳурӣ пайваста боло рафта истодааст. Таҳлили таҷрибаи байналмилалии сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ нишон дод, ки онро дар шароити равнақи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдан имконпазир мебошад. Аз назарии мо, зарур аст, ки диққати бештар ба танзими давлатии соҳаи кишоварзӣ равона шавад. Устувор кардани ҳаҷми сармоягузориҳои буҷетӣ,

ба роҳ мондани интихоби озмунӣ барои субсидияҳои давлатӣ, таъсиси квотаҳо ва дигар имтиёзҳо, ҳамчунин амалӣ кардани сармоягузорӣ бо назардошти маҳсулот ва беҳтар кардани механизмҳои қарз лозим аст.

Ҷалби Бонки миллии Тоҷикистон ва ё бонкҳои тиҷоратӣ барои сармоягузорӣ ба истеҳсолоти соҳа дар мавқеъгирии нисбатан устувори онҳо дар мисоли Робобанки Ҳоланд дар дастгирии молистеҳсол-кунандагони кишоварзӣ мусоидат менамояд.Раддабандии сармоягузориҳои хориҷӣ бо назардошти дараҷаи самарасохаии онҳо дар рушди иқтисодиёт имконият медиҳад, ки сармояи хориҷӣ ба таври окилона истифода шавад.

Ба назари мо, маблағгузории венчурӣ ҳамчун манбаи ояндадори сармоягузорӣ барои кишоварзии ҷумҳурӣ дар оянда мушоҳида мегардад. Дар рафти таҳияи лоиҳаи сармоягузорӣ муроҷиат намудан ба маслиҳати ширкатҳои махсусгардонидашуда ва ҷалби менеҷери касбӣ барои фаъолият дар самти татбиқи лоиҳа мувофиқи мақсад мебошад.

Таҷрибаи нисбатан қобили қабули хориҷии сармоягузории кишоварзӣ, инҳоро дохил намудан мумкин аст:

– маблағгузорӣ аз захираҳои буҷети давлатӣ;

– Ҷалби бештари сармоягузории хориҷӣ ба соҳаҳои, чорводорӣ, нигоҳдорӣ ва коркарди маҳсулоти аграрӣ;

– Дар назди вазоратҳои дахдор таъсис намудани муассисаҳои махсусгардонидашуда;

– ташкили сохтори карздихии истехсолкунандагони маҳсулоти аграрӣ ва пешниход намудани карзхои имтиёзнок, инчунин зиёд намудани фондхои асосӣ ва маблағҳои муомилот бо чалби маблағҳои давлат;

– Таҳияи механизми дастгирии молиявӣ барои субсидияҳои мелиоративӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии соҳа.

– ҷалби мутахассисон бо мақсади баҳодиҳии ҳамаҷонибаи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ;

– сармоягузорӣ ба лоиҳаҳои истифодаи ҷамъиятии заминҳо, ҳифзи муҳити зист, парвариши зироатҳои нав ва тадқиқотҳои биотехнологӣ.

# БОБИ II. ТАҲЛИЛИ ПОТЕНСИАЛИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА САМАРНОКИИ ИСТИФОДАБОРИИ ОН ДАР СОҲАИ КИШОВАРЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 2.1. Ҳолат ва тамоилҳои рушди соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ

Ваъи муосири иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ аз бештар ҷиҳат аз рӯйи хусусиятҳои таърихии рушди комплекси хоҷагидории он муайян карда мешавад.

Аз замони ба даст овардани истиқлолият дар соли 1991 Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мушкилоти ҷиддие, ки аз оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва сохтори бесамари иқтисодӣ бармеояд, дучор шуд. Паст рафтани иқтисоди истеҳсолӣ ва сатҳи зиндагии мардум, пеш аз ҳамадар давраи ҷанги шаҳрвандии солҳои 90-ум ба вуқуъ омад. Тақсимоти ғайриоқилонаи қувваҳои истеҳсолкунанда вазъиятро боз ҳам тезу тунд гардонд: қисми зиёди иқтисодиёт дар соҳаи кишоварзӣ мутамарказ шуда буд, ки ин кишварро ба омилҳои беруна осебпазир мегардонд. Соҳаи саноат, махсусан коркарди маҳсулоти кишоварзӣ суст рушд мекард. Зарурати ислоҳоти иқтисодӣ аён гардид, вале татбиқи он бинобар ноустувории сиёсӣ ва набудани сармоягузорӣ мушкил гардид.

Ислоҳоти иқтисодие, ки аз охири солҳои 90-ум гузаронида шуд, ба диверсификатсияи иқтисодиёт, беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва рушди соҳаҳои нав ниёз дошт. Аммо барои ноил шудан ба рушди устувор ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум муносибати комплексиро талаб мекард. Вале тавре қайд намудем он замон бар асари сохтори ғайриоқилонаи иқтисодиёт ҷойгиркунии нодурусти қувваҳои истеҳсолӣ ба амал омадаанд. Аз ҷумла бунёди корхонаҳои саноати вазнин ва самти онҳо ба тавлидоти маҳсулот барои таъиноти истеҳсолӣ, зарурати таъмини кооперативии маводи моддӣ ва ҷузъҳои маҳсулот аз дигар кишварҳо ба миён овард, ки дар навбати худ тавлидоти саноатиро аз воридоти ҷузҳои истеҳсолӣ аз хориҷи давлат комилан вобаста гардонд.

Инчунин истифодаи нокифояи ашёи хом ва заминаи захираҳои ватанӣ дар истеҳсолоти моддӣ барои рушди иқтисоди соҳавӣ монеаи ҷиддӣ эҷод намуд.

Бо вуҷуди шароити мусоиди табиию иқлимӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон иқтидори баланди захираҳои заминро надорад.

Ҳамзамон, созмон додани афзалиятҳои рақобатпазирии минтақавӣ бо тарзи дастгирии дуруст ва сармоягузории давлатӣ, шарти асосии мусоидат ба соҳаи кишоварзии кишвар аст, то аз бӯҳрон раҳо ёфта, соҳаи мазкур рушд кунад.

Рақобатпазирии афзалиятҳо, асосан, бо хусусиятҳои иқлимӣ ва табиӣ алоқаманд аст. Ин гуногунии, ки аз хусусиятҳои географӣ ва хусусияти кӯҳӣ ва релефи минтақаҳо бармеояд, на танҳо аз нигоҳи таъмин бо захираҳои табиӣ, балки аз ҷиҳати хосияти истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва ҷойгиршавии марказҳои асосии коркард, фарқиятҳои муҳими минтақавӣро ба вуҷуд меорад.

Бар асоси маълумоти расмӣ, масоҳати заминҳои кишоварзӣ ба 3666,4 ҳазор гектар расида, ки тахминан 18,3 дарсади он аз замини корам (661,0 ҳазор гектар) иборат аст. Инчунин барои хӯроки чорво 2814,8 ҳазор гектар заминҳои кишоварзӣ ташкил дода ҳосилхезии он ниҳоят баланд мебошад. Аз соли 2010, дида шуда истодааст, ки заминҳои кишоварзӣ бо суръат хориҷ мешаванд, ки ин асосан тавассути хориҷ кардани чарогоҳҳо аз гардиши кишоварзӣ ва гузаронидани он ба категорияи заминҳои захиравӣ, амалӣ мешавад.

Сабаби асосии ғайри қобили талабот будани заминҳои кишоварзӣ ин вазъияти душвори молиявии истеҳсолоткунандагони мол дар дехот мебошад. Ба категорияи эҳтиётӣ ё худ захиравӣ гузарондани заминҳои кишоварзӣ асосан ба минтақаҳои доманакӯҳҳо ва пеш аз ҳама ба минтакаҳои кухсори кишоварзӣ хос мебошад.

Таъминот бо озуқавории ватанӣ ва саноати ҷумҳурӣ, аз ҷумла таъминоти шаҳрҳо сухан меравад воридоти аз дигар мамлакатҳо

воридшударо ба назар гирифтан лозим аст.

Таъминоти шаҳр, марказҳои саноатӣ биноҳои нав ва ғайра мушкил шуда истодааст, гарчанде ки ҳисаи аҳолии шаҳр 26,5% ва аҳолии деҳот 73,5%-и аҳолии ҷумҳуриро ташкил медиҳад, низоми нави таъминотӣ ва ҳамкориҳои муфидро ҳамчун як низоми озуқаворими мамлакат тақозо мекунад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 93%-ро кӯҳо ва 7% ҳамвориҳо ташкил медиҳанд ва соҳаи кишоварзӣ 21,1%-и ММД (2022)-ро ташкил дода аҳолиро бо 50-55%-и маҳсулоти ватанӣ таъмин менамояд.

Ҳамасола ҳаҷми заминҳои корам ба ҳар як сари аҳоли кам шуда истодааст.

Ҳамин тариқ, самти асосии рушди истеҳсолоти кишоварзиро бояд интенсификатсияи он ва истифодаи самарасохаи захираҳои замин ташкил диҳад. Заминҳои ҳосилхезтарин хоси минтақаҳои даштӣ мебошад, ки 200 ҳазор га.-ро ишғол мекунанд.

Заминҳои табиие, ки барои таъминоти чорво истифода мешаванд, асосан чарогоҳҳоро дарбар мегиранд ва беш аз 20%-и ҳудуди ҷумҳуриро ташкил медиҳанд. Қисми асосии қаламравро кӯҳҳои бо барфу пиряхҳо дар бар мегиранд. Заминҳои кишоварзӣ, ки асосан аз чарогоҳҳои баландкӯҳӣ ки зиёда аз 43%-и заминҳои барои хуроки чорво равона шудаанд, беш аз 1/5 масоҳати умумии ҷумҳуриро ишғол мекунанд. Дар солҳои ахир Ҷумҳурии Тоҷикистон муваффақ гардид, ки таназзулҳои солҳои тулониро пешгирӣ намуда, нишондиҳандаҳои муҳими макроиктисодиро тадриҷан афзоиш диҳад.

Дар рушди иқтисодиёти кишвар, соҳаи агросаноатӣ нақши асосиро иҷро мекунад. Дар ҷумҳурӣ, соҳаи кишоварзӣ ва саноати хӯрокворӣ вазифаҳои ҷиддии иҷтимоиву иқтисодӣ доранд.

Дар соҳаи кишоварзӣ ва саноати хӯрокворими ҷумҳур беш аз як чоряки аҳолии қобили кор фаъолият мекунад.




**Диаграммаи 2.1. -Ҳиссаи кишоварзӣ дар ММД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 1991-2022**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф аз рӯйи маълумоти маҷмааи омории Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2023. –С.15.

Ҳаҷми истеҳсоли маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ дар моҳи январи соли 2023 дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳо 874,4 миллион сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли 2022 ба 105,7% (бо нархҳои қиёсӣ) баробар гардид, аз ҷумла, ҳаҷми маҳсулоти растанипарварӣ 5,2 миллион сомонӣ ё худ 95,3 % ва чорводорӣ 869,2 миллион сомонӣ ё худ 105,7%-ро ташкил дод.

Таҳлили анҷомдода гувоҳӣ медиҳад, ки байни минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ пешсаф аст (ҷадвали 2.1.).

Дар моҳи январи соли 2023 дар ҳаҷми умумии маҷмуи маҳсулот ҳиссаи хоҷагиҳои ҷамъиятӣ 18,8%-ро ташкил дод, яъне дар хоҷагиҳои вилояти Суғд 25,0%, вилояти Хатлон 7,2% ва дар хоҷагиҳои шаҳри Душанбе ва НТҶ 34,8%. Дар маҷмуъ 6,4%-и ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ ба хоҷагиҳои деҳқонӣ рост меояд (Ҷадвали 2.1.).

Дар низоми иқтисодии кишвар, ҷумҳурӣ ҳамчун истеҳсолкунандаи калидӣ дар соҳаи мева, буттамева, сабзавоти тару тоза, инчунин маҳсулоти спиртӣ, шароб ва коньяк шомил мешавад.

Нишондиҳандаҳои ҷадвали 2.1. нгишон медиҳанд, ки ҳаҷми асосии

маҳсулот дар хоҷагиҳои аҳолӣ 74,8% дар Вилояти мухтори куҳистони Бадахшон 98,1%, дар вилояти Хатлон – 84,4%, дар вилояти Суғд – 68,9% ва дар хоҷагиҳои шаҳри Душанбе ва НТҶ — 62,2% ташкил медиҳад.

**Ҷадвали 2.1. – Истеҳсоли маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон,** ***бо млн. сомонӣ***

| Номгӯй | Ҳаҷми маҷмуи маҳсулот дар январи соли 2023 (бо %) | Ҳаҷми маҷмуи маҳсулот дар январи соли 2023 (бо нархҳои қиёсии соли 2022) | Вазни қиёсӣ бо фоиз | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Ҳаҷми маҷмуи маҳсулот дар январи соли 2023, бо % нисбат ба январи | Хоҷагиҳо и ҷамъиятӣ | Хоҷагиҳои деҳқонӣ | Хоҷагиҳои аҳолӣ |
| Ҳаҷми маҷмуи маҳсулот - ҳамалӣ | 972,6 | 874,4 | 105,7 | 18,8 | 6,4 | 74,8 |
| ВМКБ | 13,5 | 13,4 | 103,0 | - | 1,9 | 98,1 |
| Вилояти Суғд | 379,8 | 326,6 | 105,1 | 25,0 | 6,1 | 68,9 |
| Вилояти Хатлон | 391,6 | 374,9 | 104,3 | 7,2 | 8,4 | 84,4 |
| НТҶ | 187.7 | 159,5 | 110,6 | 34,8 | 3,0 | 62,2 |
| растанипарварӣ | 6,8 | 5,2 | 95,3 | 64,4 | 18,5 | 17,1 |
| ВМКБ | - | - | - | - | - | - |
| Вилояти Суғд | 1,6 | 1,5 | 124,3 | 56,3 | 26,5 | 17,2 |
| Вилояти Хатлон | 5,0 | 3,5 | 102,0 | 68,1 | 15,2 | 16,7 |
| НТҶ | 0,2 | 0,2 | 22,9 | 63,1 | 14,5 | 22,4 |
| чорводорӣ | 965,8 | 869,2 | 105,7 | 18,5 | 6,4 | 75,1 |
| ВМКБ | 13,5 | 13,4 | 103,0 | - | 1,9 | 98,1 |
| Вилояти Суғд | 378,2 | 325,1 | 105,0 | 24,8 | 6,0 | 69,2 |
| Вилояти Хатлон | 386.6 | 371,4 | 104,3 | 6,6 | 8,3 | 85,1 |
| НТҶ | 187,5 | 159.3 | 111,2 | 34,7 | 3,0 | 62,3 |

**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф аз рӯйи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Вазъи иҷтимоию иқтисодии љумњурии Тољикистон. –Душанбе, 2023. -С.162.”

Соли 2022 аз ҷониби ташкилотҳои кишоварзӣ фурӯши тамоми маҳсулоти асосии кишоварзӣ нисбат ба соли 2018 коҳиш ёфт. Соҳаҳои асосии махсусгардонии кишоварзӣ гӯшту шир, ғаллапарварӣ, пахтакорӣ ва сабзавоткорӣ боқӣ мемонанд (ҷадвали 2.2).

Мувофиқи тадқиқотҳо, дигаргуниҳои миёни ду соҳаи асосии кишоварзӣ, ки барои устувор сохтани мақоми зироаткорӣ дар кишвар таъсири калон доранд, барои ҳамаи бахшҳо хосиятҳои умумии хос дошта, бо баланд шудани самаранокии кор ва истифодаи захираҳои дастрас дар соҳаи чорводорӣ алоқаманд мебошанд.

Дар сохтори умумии кишоварзӣ ҳиссаи маҳсулоти растанипарварӣ дар давраи солҳои 2018-2022 афзудааст.

**Ҷадвали 2.2. - Динамикаи истеҳсоли навъҳои асосии маҳсулоти кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2018-2022. (тонна)**

| Номугӯи маҳсулот | Солҳо | | | | | 2022 бо% нисбат ба 2018 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | |
| Ғалладона ва лубиёгиҳо (бо назардошти ҷуворимакка барои ғалла) | 1933524 | 1647637 | 1895421 | 1926067 | 1952000 | 110,0 |
| Пахтаи хом | 300342 | 403008 | 396015 | 388804 | 403230 | 134,3 |
| Картошка | 964643 | 994433 | 1022545 | 1041316 | 1105400 | 114,6 |
| Сабзавот | 2119392 | 2182556 | 2479360 | 2597577 | 2610180 | 123,2 |
| Полезӣ | 641784 | 701263 | 756962 | 818829 | 8700050 | 135,3 |
| Гушт | 261927 | 272521 | 300182 | 327720 | 351520 | 134,2 |
| Шир | 983053 | 1000563 | 1020978 | 1042612 | 1105360 | 112,4 |
| Тухм ҳаз. тонна | 450284 | 725695 | 963065 | 1053450 | 1081230 | 2,4раза |
| Пашм | 7638 | 7771 | 8017 | 8152 | 8740 | 114,4 |

**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф аз рӯйи маълумоти Кишоварзии ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2023. -С.139-160.

Тули солҳои 2018 – 2022 тамоми нишондиҳандаҳои истеҳсолӣ дар соҳа мувофиқи таҳлили ҷадвали 2.2 афзоиш ёфта истодаанд.

Маҳсулоти умумии кишоварзӣ ба 39 769,4 млн. сомонӣ дар соли 2022 аз онҷумла растанипарварӣ -28743,5 млн.сонӣ, чорводорӣ -11025,5 млн.сомонӣ рост меояд. Нишондиҳандаҳои соли 2022 нисбат ба соли 2018 дар растанипарварӣ -29% ва чорводорӣ – 33,4% афзоиш ёфт.

Дар натиҷаи ин, соли 2022 марҳалаи афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба назар мерасад. Мизони истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ тамоми истеҳсолкунандагони ин соҳа, ки аз ташкилотҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва соҳибкорони инфиродӣ иборат мебошад, нишон медиҳад, ки истеҳсолот бо суръати бештар рушд мекунад.

Беш аз 10,3 ҳазор ташкилот дар комплекси агросаноатии мамлакат фаъолият мекунад, ки ин шумора 21,0%-и умумии ташкилотҳоро ташкил

медиҳад. Мо динамикаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва хосиятҳои гуногуни хоҷагиҳоро баррасӣ мекунем (ҷадвали 2.3).

**Ҷадвали 2.3. - Тақсимоти шумораи ташкилотҳо аз рӯйи намуди фаъолияти иқтисодӣ ба ҳолати 1 январи соли 2022**

| Номгӯй | Шумораи ташкилотҳо | | Аз онҳо вобаста ба намуди моликият | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | Воҳид | Бо% дар ҷамбаст | Давлатӣ ва маҳаллӣ | Хусусӣ | Омехта |
| Ҳамагӣ | 48625 | 100 | 4563 | 37265 | 1163 |
| Хоҷагии қишлоқ, шикор ва хоҷагии ҷангал | 10252 | 21,0 | 256 | 4292 | 15 |
| Истеҳсоли махсулоти озуқаворӣ, аз ҷумла нушокӣ ва тамоку | 3658 | 7,5 | 3658 | 2162 | 84 |

**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф аз рӯйи маълумоти Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон

Аз маълумоти ҷадвали 2.4 мушоҳида мегардад, ки дар солҳои охир дар вилоят таъминот бо маҳсулоти асосии озуқаворӣ ба ҳар сари аҳолӣ, бидуни назардошти меваю буттамева ва шир, дар маҷмуъ беҳтар гардидааст. Таъминнокии зеркомплекси сабзавот дар давраи солҳои 2018-2022 13,2% беҳтар гардидааст, яъне ҳамасола ба ҳар сар аҳолӣ таъминот бо сабзавот 2,6% афзудааст.

Ба назари мо, бо назардошти афзоиши босуръати аҳолӣ, чунин суръати афзоиш ба ҳадафҳои стратегӣ мувофиқат намекунад.

**Ҷадвали 2.4. – Динамикаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳар сари аҳолӣ (кг)**

| Номгӯйи маҳсулот | Солҳо | | | | | 2022 бо% нисбат ба 2018 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | |
| Ғалладона | 141,5 | 152,2 | 165,0 | 161,8 | 169,4 | 119,7 |
| Картошка | 106,8 | 107,9 | 108,7 | 106,2 | 108,4 | 101,5 |
| Сабзавот | 234,7 | 236,7 | 263,5 | 264,9 | 265,7 | 113,2 |
| Полезӣ | 71,1 | 76,1 | 80,5 | 83,5 | 85,1 | 119,7 |
| Меваҷот ва буттамеваҳо | 49,6 | 51,4 | 49,7 | 45,3 | 74,0 | -94,8 |
| Ангур | 26,8 | 26,8 | 25,4 | 27,3 | 28,0 | 104,5 |
| Гушт (дар вазни забҳшуда) | 14,5 | 14,8 | 16,0 | 16,7 | 17,3 | 119,3 |
| Тухм (дона) | 49,9 | 78,7 | 104,5 | 107,4 | 108,2 | 2,2 мар. |

**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф аз рӯйи маълумоти Кишоварзии ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2023. -С.15.

Бо назардошти он, ки дар ҷумҳурӣ барои тараққӣ додани истеҳсоли

озуқаврии худӣ чораи алтернативӣ мавҷуд нест, давлат ҷиҳати рушди афзалиятноки комплекси агросаноатӣ, ҳамчун кафили амнияти озукаврии он маблағ ҷустуҷӯ намуда, шароит фароҳам овардааст. Ба шарофати тадбирҳои андешидашуда, ибтидо аз соли 2000 дар ҷумҳурӣ истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳар сари аҳолӣ тадриҷан афзоиш ёфта истодааст (ҷадвали 2.4).

Дар давлатҳои рӯ ба тараққӣ 50 фоизи ҷойҳои корӣ ва 70 фоизи мардуми камбизоатро соҳаи кишоварзӣ таъмин менамояд.

**Ҷадвали 2.5. – Динамикаи майдони заминҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳо солҳои 2018-2022 (ҳазор гектар)**

| Нишондиҳандаҳо | | Солҳо | | | | | 2022 бо% нисбат ба 2018 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | |
| № 1 | Майдони умумии замин | 1437,9 | 1437,9 | 1437,9 | 1437,9 | 1437,9 | 100 |
| 2 | Заминҳои кишоварзӣ дар маҷмуъ | 3669,4 | 3674,1 | 3673,6 | 3666,4 | 3665,8 | -99,9 |
| | Аз он ҷумла: | | | | | | |
| 2.1 | Майдонҳои кишт | 659,0 | 663,9 | 661,9 | 661,0 | 659,8 | 100,1 |
| 2.2 | Ниҳолҳои бисёрсола | 150,9 | 152,8 | 153,8 | 154,7 | 155,0 | 102,7 |
| 2.3 | Майдони хошок | 15,8 | 15,8 | 16,2 | 16,2 | 16,2 | 102,5 |
| 2.4 | Чарогоҳҳо | 2818,0 | 2820,8 | 2821,7 | 2814,8 | 2817,1 | -99,9 |
| 2.5 | Бакорхобида (Залежи) | 25,9 | 20,6 | 20,0 | 19,8 | 19,8 | 76,4 |

**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф аз рӯйи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Кишоварзӣ. –Душанбе,2023. –С.22-25.

Маълумоти ҷадвали 2.5 нишон медиҳад, ки вазъи истифодаи замин дар солҳои охир чандон самаранок намебошад. Ҳамин тариқ, дар давоми солҳои 2018-2022 майдони умумии заминҳои кишоварзӣ коҳиш ёфтааст. Сабаб дар он аст, ки як қисми замини корам барои сохтани биноҳои шахсии истиқоматӣ ба ихтиёри аҳолӣ дода шудааст.

Соли 2022 сармоягузорӣ аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ 60% афзоиш ёфтааст. Соли 2022 маблағгузорӣ аз буҷаи давлат 761,4 млн. сомонӣ ба соҳаи кишоварзӣ ташкил дод, кинисбати соли 2018 саршумори чорво зиёдшуда истодааст аз он ҷумла саршумори чорвои калони шохдор 5,0%, чорвои хурди

шохдор 93%, асп 4,6%, ҳамаи намудҳои паррандаҳо 81,3%, оилаи занбурҳо 17,1% афзоиш ёфтааст. Дар ин давра саршумори хар бошад, ба 4,5% кам гардидааст.

**Ҷадвали 2.6. – Динамикаи саршумори ҳайвонот дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2018-2022**

| Нишондиҳандаҳо | | Солҳо | | | | | 2022 бо % нисбат ба 2018 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | |
| №1 | Чорвои калони шохдор | 2327,0 | 2362,0 | 2391,0 | 2468,0 | 2473,0 | 105,0 |
| 2 | Аз он ҷумла гов: | 120,7 | 122,7 | 124,7 | 129,0 | 131,0 | 108,6 |
| 2.1 | Чорвои хурди шохдор (бузу гусфанд) | 5620 | 5686,0 | 5797,0 | 6052,0 | 6140,0 | 109,9 |
| 2.2 | Асп | 80,8 | 81,3 | 82,6 | 83,8 | 84,5 | 104,6 |
| 2.3 | Ҳамаи намуди парандаҳо | 6636,0 | 9036,5 | 9782,7 | 11117,7 | 12030,0 | 101,0 |
| 2.4 | Аз саршумори умумӣ | 26,8 | 27,2 | 27,4 | 26,1 | 27,0 | 101,0 |
| 2.5 | Чорвои калони шохдор кутозҳо | 136,7 | 136,0 | 133,1 | 131,2 | 130,5 | 95,5 |
| 2.6 | Оилаи занбурҳо | 223,3 | 231,7 | 236,0 | 257,2 | 261,4 | 117,1 |

**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф аз рӯйи маълумоти Кишоварзии ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2023. –С.255-267.

Зиёд кардани ҳам субсидияҳо ва ҳам сармоягузориҳои асосӣ метавонад ба истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ кӯмакҳои иловагӣ расонида, ба соҳаи кишоварзӣ роҳҳои нави даромаднокӣ фароҳам оварад. Нишондиҳандаҳои ҷадвали 2.7 нишон медиҳанд, ки субсидияҳои ҷудонамуда ба зиёдшавӣ дар ҳаҷми 3-4% дорамаднокии ташкилотҳои кишоварзиро таъмин мекунанд.

Такмили ҳамзамон ва ҳамгироии манбаъҳои молиявӣ барои кишоварзӣ на танҳо фоида ба бор меорад, балки имкониятҳои беҳтар барои рушди устувори соҳаи истеҳсолоти хӯрокворӣ низ фароҳам мекунад. Чорабиниҳои мазкур имкон медиҳанд, ки молистеҳсолкунандагони ватанӣ маҳсулоти худроба стандартҳои ҷаҳонӣ ва экологӣ мувофиқ намоянд. Натиҷаи ниҳоӣ дар ин ҳолат, ноил шудан ба беҳбудии иқтисодии низоми кишоварзӣ ва таъмини амнияти ғизо барои аҳолӣ хоҳад буд.

Бо таҳлили равандҳои муҳимми рушди соҳаи кишоварзии кишвар, метавон хулоса сохт, ки дар солҳои охир шоҳиди болоравии навъҳои асосии

дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, инчунин афзоиши теъдоди чорво ва беҳтар шудани ҳосилнокии кишоварзӣ будем.

**Ҷадвали 2.7. - Фоида, зарар (-) аз рӯйи доираи корхонаҳои ба қайд гирифташуда**

| Солҳо<br>Номгӯй | **2021** | **2022** |
|---|---|---|
| Фоидаи тавозунӣ, зарар (-) | -3326087,9 | 7192147,4 |
| кишоварзӣ | -21437,8 | 2643263,3 |
| саноат | -3807560,0 | 2885908,2 |
| сохтмон | -47272,4 | 261983,0 |
| савдо | 357963,0 | 638307,0 |
| нақлиёт ва алоқа | -69227,8 | 33525,6 |
| соҳаҳои дигар | 261447,1 | 729160,3 |

**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф аз рӯйи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Молия. –Душанбе,2023. –С.83.

Дар солҳои охир, дар ҷумҳурӣ диққати асосӣ ба рушди шаклҳои хурди фермерӣ равона шудааст, бахусус дар соҳаи кишоварзӣ. Дар ин замина, сармоягузорӣ дар асоси қарзҳои корхонаҳои хурди кишоварзӣ дар соли 2022 761,4 миллион сомонӣ ташкил дод.

Ҳаҷми фурӯши маҳсулоти асосӣ аз ҷониби ташкилотҳои кишоварзӣ дар соли 2022 нисбат ба соли 2018 афзоиш ёфтааст. Хоҷагиҳои хусусии ёрирасон ба таври васеъ инкишоф ёфта, дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ бештар аз 90%-ро ташкил медиҳанд. Соҳаи нисбатан сердаромадтарини хоҷагии қишлоқ - ин зироаткорӣ мебошад.

Равандҳои манфии дар КАС-и ҷумҳурӣ ба таъсири бухрони умумии иқтисодӣ марбут мебошанд. Динамикаи мусбӣ, ки дар солҳои охир мушоҳида шудааст, наметавонад тағйироти назаррасро ба вуҷуд орад: на дар ифодаи арзиш ва на дар истеҳсоли намудҳои алоҳидаи маҳсулот, сатҳи соли 1990 то ҳол барқарор нашудааст.

Ҳаҷми сармоягузорӣ дар сармояи асосии сохтори соҳавии ҷумҳурӣ хеле кам буда, тақрибан ба 2-3% баробар аст. Нишондиҳандаи ҳосилнокии меҳнат ва музди меҳнат дар соҳаи кишоварзӣ дар Тоҷикистон хеле паст мебошад.

Ҳосилнокии аёнан кам ва музди меҳнат ба омилҳои муназзам вобаста

аст, аз ҷумла:

- сатҳи пасти механиконии корҳои кишоварзӣ;
- нокифоягии таъминот бо хӯроки чорво ва тухмӣ;
- норасоии заминаи дурагагардонӣ.

Истеҳсоли замонавии коркард, ки бо истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ҳамкории фаъол намоянд, вуҷуд надорад. Тамоми маҳсулот дар шакли вазнӣ дар доираи нархҳои бо арзиши паст ҷойгир шудаанд, ки ин факти бешубҳа ба тафаккури тиҷорат таъсири манфӣ мерасонад.

Таҳлили анҷомдода иқтидори дар оянда нишондиҳандаҳои баланди рушди соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъкид мекунад. Тарҳрезии такмили комплекси агросаноатӣ имконият дорад, ки дар решакан сохтани проблемҳои иқтисодӣ, молиявӣ ва иҷтимоии мамлакат, ки ба баланд будани фоизи аҳолӣ дар деҳоти манотиқ, кам будани шуғл ва маоши паст мусоидат мекунад.

Бо такя ба афзоиши маҳсулнокии чорводорӣ ва шомили технологияи навини кишоварзӣ дар парвариш ва коркарди зироатҳои кишоварзӣ, имкониятҳои баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти КАС-ро имконпазир мегардад.

Мо бар ин боварем, ки истеҳсоли гушт ва шир, ҳамчунин меваю сабзавот, бахшҳои муҳим барои пешрафти кишоварзӣ мебошанд, ки бояд бо мантиқии тамоюлҳои дарозмуддати рушди кишвар ва талаботи глобалии бозор мувофиқ бошанд. Ин самтҳо дар раддабандии афзалиятҳо ҷой доранд.

Хусусиятҳои табиии ҷумҳурӣ барои рушди соҳаи кишоварзӣ имкониятҳои хуб фароҳам менамояд. Ин зерсоҳа метавонанд ба як қатор самтҳои муҳим, махсусан дар рушди чорводорӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ, табдил ёбад.

Таҳлили равандҳои ҷараёни инкишофи музди меҳнати дар бахши кишоварзӣро таҳқиқот мекунад, ки музди меҳнати воқеии ин соҳа дар ҷумҳурӣ бо назар ба дигар соҳаҳо ба тарзи камтар заметар рушд мекунад.

Сабаби чунин ҳолат пеш аз ҳама бо афзоиш ёфтани хароҷоти истеҳсолӣ

(нурӣ, сӯзишворӣ, қисмҳои эҳтиётӣ ва ғайра) алоқаманд мебошад.

**Ҷадвали 2.8 – Ҳисоби миёнаи моҳонаи музди меҳнати кормандон аз рӯйи кирояи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ ба ҳолати моҳи декабри соли 2022**

| Номгӯҳо | Музди меҳнати миёнаи моҳонаи ҳисобшуда | | Нисбат ба умумиҷумҳуриявӣ |
|---|---|---|---|
| | 2021 | 2022 | Нисбат ба сатҳи умумиҷумҳуриявии музди меҳнати миёна, дар соли 2022, бо % |
| Ҳамагӣ аз рӯйи фаъолияти иқтисодӣ | 118,2 | 112,9 | 100,0 |
| аз он ҷумла: | | | |
| Сохаи воқеӣ | 114,4 | 119,4 | 123,8 |
| Хоҷагии қишлоқ, хоҷагии ҷангал ва моҳидорӣ | 116,9 | 110,8 | 41,3 |
| Истихроҷи канданиҳои фоиданок | 104,4 | 104,6 | 1,7 маротиба |
| Саноати коркард | 1 05,8 | 123,7 | 124,7 |
| Таъмини неруи барқ, газ, оби гарм ва ҳавои кондитсиронидашуда | 120,2 | 130,2 | 2,1 маротиба |
| Обтаъминкунӣ, поксозӣ, коркарди пасмондаҳо ва ба даст овардани ашёи хоми дубора | 106,5 | 102,0 | 56,2 |
| Сохтмон | 122,8 | 111,5 | 1,6 маротиба |

**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф аз рӯйи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Вазъи иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2023. –С.219.

Сармоягузориҳои хориҷӣ инчунин нишондиҳандаи муҳими фаъолиятҳои инвеститсионӣ мебошанд, зеро онҳо бо таъсиси имкониятҳои молиявӣ барои таҷдид ва рушди иқтисодиёт, бояд маблағҳоро аз бозори ҷаҳонӣ ҷалб кунанд. Аммо, дар ҳоле ки онҳо хеле муҳим мебошанд, сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ махсусан дар соҳаи кишоварзӣ то андозае ночиз ба назар мерасанд.

Дар ин тадқиқот, мо мафҳуми иқтисодии категорияҳои “сармоягузорӣ” таҳлил карда, онҳо ба гурӯҳҳои гуногун тақсим шудаанд. Давраҳои асосии фаъолиятҳои сармоягузорӣ муайян гардида, ифодаи мафҳумҳои “фаъолияти сармоягузорӣ”, “сиёсати сармоягузорӣ”, “фазои сармоягузорӣ”, “ҷолибияти сармоягузорӣ” ва “иқтидори сармоягузорӣ” пешниҳод шудааст. Инчунин, хосиятҳои механизми ҷалби сармоя ба соҳаи кишоварзӣ баррасӣ шудааст. Ҳамзамон, манбаҳои аслӣ, ки сармоягузорӣ ба истеҳсолоти кишоварзиро таъмин мекунанд, таҳлилу омӯзиш шудаанд.

Ҳамин тариқ, барои арзёбии хатарҳои молиявию амалӣ фишангҳои молиявию амалӣ хизмат мерасонад. Дар рафти идоракунии корхона фишангҳои амалӣ ба фоидаи корхона таъсиррасонидани нарх ва ҳаҷми фурӯшро инчунин тағйирёбии хароҷотро ифода мекунанд. Фишангҳои молиявӣ дар баробари худ ҳаҷми қарздорӣ, фоида ва арзиши корхонаро ифода мекунад.

Дар навбати худ тайғир намудани хафвҳо, қабули қарори сармоягузорӣ ҳангоми таҳлили манбаҳои ҳавфо бо назардошти намудҳои он сурат мегирад. Аён аст, ки ҳангоми таснифоти муфассалтар риоя кардани принсипи тақсимоти пурраи хавф аз рӯи намуд нисбат ба принсипи хавфи маҷмуӣ хеле мушкилтар мешавад.

Ҳамин тариқ, аз маълумоти болозикр, доир ба сатҳи баланди сармояталабӣ ва мутаносибан даромаднокию бозпасгардии пасти сармоягузорӣ, бевосита аз омилҳои зиёд инчунин вобастагии кишоварзӣ аз омилҳои инсоният идора нашаванда чунин, ки соҳаро дар қиёс ба соҳаҳои дигар барои сармоягузорон нисбатан камтар ҷолиб менамояд, чунин хулоса баровардан мумкин аст. Дар дигаргуногунсозии муносибатҳои иқтисодӣ ва ташаккули механизмҳои бозоргонӣ илова бар номутаносибии сахти нархҳо ва тағйирёбии онҳо ифода мегардад, мушкилоти ҷалби сармоя ба сохаи кишоварзӣ боз ҳам тезу тунд мегардад, ки дахолати ҷиддии давлатро талаб мекунад. Барои таъсири самарасохаи воситаҳои танзимкунанда, ҳолати воқеии фаъолияти сармоягузорӣ, сатҳи тафриқаи ҷолибияти сармоягузорӣ аз рӯи соҳаҳо ва омилҳои асосии муайянкунандаи онҳо, бояд дар миқёси иқтисодиёт ва соҳаҳои алоҳида арзёбӣ карда шавад.

Ҳоло дар ҷои аввал масъалаи беҳсозии шаклҳои самараноки истифодаи сармоя ки аз муҳити кунунии институтсиалӣ вобастагӣ дорад, дар феҳрести вазифаҳои сармоягузорӣ бояд дар ҷои аввал истад. Ин муассисаҳо заминаи асосии рушди бомуваффақияти сармоягузорӣ дар кишварро ташкил медиҳанд, ва барои ин, интихоби шеваҳои самарабахш аҳамият калон дорад.

Барои чунин муассисаҳое, ки ба онҳо пешниҳод мешаванд, метавон гуфт, ки инҳо гурӯҳҳои молиявии саноатӣ (ГМС) мебошанд, ки як ё якчанд корхонаҳои бузурги аз ҷиҳати технологӣ алоқамандананд. Инчунин, сохтори

бонкӣ бо шабакаи рушдёбандаи филиалҳо ва дигар «иттиҳодияҳои касбӣ», ки боиси баландшавии самаранокии манфиат ва масъулияти муштарак дар байни субъектҳои идорӣ ва истеҳсолӣ буда дар раванди қабул ва иҷрои қарорҳо таъсири мегузоранд.

Ташкил кардани гурӯҳҳои молиявӣ ва саноатӣ бо мақсади ҷалби сармоя, ба афзоиши имкониятҳои иловагӣ ва амалӣ намудани барномаҳои сармоягузорӣ мусоидат мекунад. Ин раванд яке аз унсурҳои асосии мустаҳкам намудани иқтисодиёт ва боло бурдани самаранокии истеҳсолот мебошад.

Аъзоҳои гурӯҳҳои саноатӣ-кишоварзӣ дар самти фаъол намудани фаъолият имкониятҳои дохилии худро мутамарказ месозанд.

Дар истеҳсолот лоиҳаҳои дарозмуддат ба воситаи бонкҳои сармоягузории махсусгардонидашуда бояд амалӣ шаванд.

Барои таъмини рақобатпазирии байнибонкӣ давлат бояд стандартҳои имтиёзноки андозиро таъмин намояд. Дар се соли охир богзори қоғазҳои қиматнок бо дастгирии сармоягузорӣ бо иштироки давлат ба муваффақиятҳои назаррас расиданд.

Рушди минбаъдаи таъминоти худ ба маблағгузории иловагӣ ва аз ҷиҳати қонуни ҷалби сармоя шароити назаррас таъмин гардидааст.

Мукамал гардидани сиёсати давлат дар самти дастгирии сармоягузории хусусӣ, ки ба вазъи умумии иқтисод вобастаанд ба қоҳиш додани меёри фоиз, паст намудани гаронии андоз ва хатарҳо мусоид менамояд.

Аз ин лиҳоз бо сабаби муайан намудани меъёри маблағгузорӣ дар ҳаҷми се фоизи ММД аз ҷониби Хазинаи Байналмиллалии асъор маблағгузории барномаҳо маҳдуд гардид, ки дар навбати худ ба имкониятҳои идоракунии маблағҳо монеъа эъҷод намуд.

Сатҳи пардохти қарзи хориҷӣ дар ин раванд рушди перспективии сармоягузории давлатӣ ба имкониятҳои институтсионалӣ вобаста аст.

Самти ояндаи сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ (Барномаи сармоягузории давлатӣ) дар соҳаҳои зерин амалӣ мешаванд:

-ислоҳоти замин;

-сандуқи қарздиҳӣ;

-барқарор намудани системаҳои ирригатсионӣ ва заҳкашҳо;

-таҷдиди институтсианалии идоракунии захираҳои обӣ.

## 2.2. Арзёбии ҳолати ҷалби сармоя ба соҳаи кишоварзӣ

Мақомоти назораткунандаи фаъолияти сармоягузорӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҷумҳурӣ мебошад.

Мақсади асосии сиёсати сармоягузории минтақавӣ таъмини рушди иқтисодии ҷумҳурӣ тавассути ҷалби сармоя ба истеҳсолоти самаранок ва рақобатпазир мебошад. Ҳадафҳои стратегии сармоягузорӣ аз тарафи дигар чунинанд:

- ташкили соҳаҳои рақобатпазир дар фаъолияти иқтисодии мамлакат:
- таъмини рушди иҷтимоию иқтисодӣ;
- баландшавии рақобатпазирии системаи иқтисодӣ.

намудҳои афзалиятноки фаъолияти иқтисодии ҷумҳурӣ:

Барои татбиқи стратегияи сармоягузорӣ воситаи асосӣ ин «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030» ва як қатор барномаҳои ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ мебошанд.

Вазифаи ҷалби сармоя ба кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амвол вогузор карда шудааст.

Соли 2013 бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Фонди дастгирии соҳибкорон» таъсис дода шуд, ки ҳадафи он ҳамоҳангсозии амалҳо дар доираи татбиқи сиёсати сармоягузории ҷумҳурӣ ва мусоидат ба сармоягузорӣ мебошад. фаъолият. Ин фонд хамчун органи машваратии коллегиалй амал мекунад.

Ташкили  марҳилаҳои гуногун мониторинги ҳадафҳои асосӣ ба фонд назардршти таҳия ва пешниҳодҳо барои ҷалби сармояи хориҷӣ вогузор карда шудааст. Фонд инчунин дар баррасии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид

ба масъалаҳои сармоягузорӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии сармоягузорон машғул аст.

Яке аз самтҳои афзалиятноки пешравии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин дастгирии соҳибкории хурд ва миёна мебошад.

Дар тамоми сохторҳои минтақавии ҷумҳурӣ фондҳои дастгирии соҳибкорӣ таъсис дода шудаанд. Ташкили муассисаҳои кредитӣ фаъолона ташвиқ карда шуда, фонди кафолат барои кӯмак ба соҳибкорони хурд дар гирифтани қарз таъсис дода шудааст. Илова бар ин, дар байни соҳибкорони ҷавон озмуни ҷумҳуриявӣ барои беҳтарин бизнес-идея баргузор мегардад, ки дар он ба иштироки занон таваҷҷӯҳи хоса зоҳир карда мешавад.Инчунин, ширкатҳо, ташкилотҳо ва муассисаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои гуногун – аз ҷумла савдо, сохтмон, илму маориф ва фарҳанг бо шарикони хориҷии худ ҳамкорӣ мекунанд.Дар мамлакатҳое чун Федератсияи Русия, Қазоқистон, Эрон ва дигар кишварҳо, бо намояндагони диаспораҳои хориҷӣ робитаҳои амиқ, хусусан дар соҳаи фарҳанг, вуҷуд дорад. Беш аз нисфи гардиши савдои хориҷии ҷумҳурӣ (70 фоиз) ба давлатҳои дури хориҷӣ марбут аст, ки дар миёни онҳо бахши аслӣ ба Чин, Русия, Туркия ва кишварҳои Осиёи Марказӣ тааллуқ дорад.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон афзоиши мунтазами сармоягузорӣ ба фондҳои асосӣ хос мебошад, ки он бо рушди босуръати аксари бахшҳои иқтисодиёти минтақавӣ алоқаманд аст (ҷадвали 2.9).

**Ҷадвали 2.9. - Воридоти сармоягузорӣ дар моҳҳои январи соли 2022-2023 аз рӯйи минтақаҳо**

| Минтақаҳо | Сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ, млн. сомонӣ | | Вазни қиёсӣ (ҳисса)-и минтақаҳо дар ҳаҷми умумии сармоя бо % ба ҳолати моҳи январ | |
|---|---|---|---|---|
| | 2022 | 2023 | 2022 | 2023 |
| Ҷумҳурии Тоҷикистон | 530,8 | 761,4 | 100,0 | 100,0 |
| ВМКБ | 14,9 | 0,8 | 2,8 | 0,1 |
| Вилояти Хатлон | 106,5 | 100,6 | 20,1 | 13,2 |
| Вилояти Суғд | 80,8 | 88,6 | 15,2 | 11,6 |
| ш.Душанбе | 215,9 | 215,4 | 40,7 | 28,3 |
| НТҶ | 112,7 | 356,0 | 21,2 | 46,8 |

**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф аз рӯйи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Вазъи иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. –С.172.

Воридгардии сармоягузорӣ дар моҳи январи соли 2023 аз рӯи минтақаҳо ташкил медиҳад: ВМКБ – 2,8 млн. сомонӣ ё 0,1%, вилояти Хатлон – 100,6 млн. сомонӣ (13,2%), вилояти Суғд – 88,6 млн. сомонӣ (11,6%), Душанбе – 215,4 млн. сомонӣ (28,3%), НТҶ – 356,0 млн. сомонӣ ё худ 46,8%-и ҳаҷми умумии маблағгузориҳо дар ҷумҳурӣ мебошад.




**Диаграммаи 2.2. - Воридоти сармоягузориҳо аз рӯйи минтақаҳо**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси Кишоварзии ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2023. -С.172.

Дар моҳи январи соли 2023 маблағгузорӣ ба фондҳои асосӣ аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ ба маблағи 761,4 миллион сомонӣ ё ин ки дар муқоиса ба ҳолати моҳи январи соли 2022 144,3 фоизро ташкил дод (бо нархҳои муқоисашаванда). Ҳаҷми сармоягузорӣ ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ аз соли 2023 то ин ҷониб 0,6 баробар афзудааст.

Дар замони ҳозира, Ҷумҳурии Тоҷикистон бо 38 субъектони Федратсияи Русия шартномаҳои фарогир ва созишномаи ҳамкориҳоро ба имзо расонида аст. Бо такя ба ин ҳуҷҷатҳои имзошуда ва таъсиси намояндагиҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва масъалаҳои савдо ва иқтисод, ҳамкориҳо бо як қатор минтақаҳои Русия, ба монанди Шимолу Ғарби, Ҷанубӣ, Волга ва округи федералии Сибир амалӣ гаштааст. Тақвияти ҳамкорӣ асосан дар соҳаи табодули маҳсулот (хизматрасонӣ) ва таъсиси корхонаҳои муштарак ҷараён мегирад.

Дар кишвар асосҳои аслӣ барои меъёрсозӣ ва механизми танзими давлатии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ бо инкишоф ва такмили ниҳодҳои нави дар робита ба талаботҳои иқтисоди бозаргонӣ муҳайё гаштааст.

Тақрибан аз се як ҳиссаи муомилоти савдои хориҷии ҷумҳурӣ ба давлатҳои хориҷи наздик рост меояд. Дар тӯли чандин солҳо аз ин миёни онҳо шарики нисбатан устувортар Федератсияи Русия мебошад.

Қобили зикр аст, ки соли 2023 мушоҳидаи афзоиши назаррас 1,6 маротиба дар ҳаҷми сармоягузорӣ ба қайд гирифта шуд. Дар ин давра, ба фондҳои асосӣ 530,8 млн. сомонӣ ду маротиба зиёд равона карда шуд, ки ин нишондиҳанда ба рушди иқтисодӣ таъсири шунаво дорад. Соли 2023, арзиши сармоягузорӣ ба ҳар сокини кишвар зиёда аз 1,5 ҳазор сомонӣ боло рафт, ки ин музаффарият давоми тамоюли устувори афзоиши сармояи асосиро нишон медиҳад (ҷадвали 2.10).

**Ҷадвали 2.10. – Сохтори сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ аз рӯйи шакли моликият дар соли 2023**

| Номгӯй | Январи соли 2023 | | |
|---|---|---|---|
| | *млн. сомонӣ* | Вазни қиёсии шакли моликият дар ҳаҷми умумии сармоягузорӣ бо % нисбат ба моҳи январи соли 2023 | Вазни қиёсии шакли моликият дар ҳаҷми умумии сармоягузорӣ бо % нисбат ба моҳи январи соли 2022 |
| Сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ | 761,4 | 100,0 | 100,0 |
| *аз ҷумла* аз рӯйи шакли моликият: | | | |
| давлатӣ | 400,4 | 52,6 | 42,8 |
| хусусӣ | 194,7 | 25,6 | 33,0 |
| муштарак | 24,2 | 3,2 | 0,2 |
| хориҷӣ | 142,1 | 18,6 | 24,0 |

**Сарчашма::** ҳисоби муаллиф аз рӯйи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Вазъи иҷтимоию иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2023. -С.173.

Таҳлили сохтори сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ аз рӯйи шаклҳои фаъолияти иқтисодӣ нишон дод, ки ба самтҳои зерин ҷудо карда мешавад: зироаткорӣ ва сабзаваоткорӣ; парандапарварӣ (гушт/тухм). Ҳаҷми солонаи сармоягузорӣ 3653 млн. сомониро ташкил дода, дар қиёс ба соли 2022 он нисбатан баландтар аст. Ин нишондиҳандааз он шаҳодат медиҳад, ки сармоягузорӣ ба кишоварзӣ нисбатан камтар мебошад ва аз ин лиҳоз, бояд роҳҳои нави ҷалби сармоя ҷустуҷӯ карда шавад.




**Диаграммаи 2.3. -** Ҳаҷми умумии сармоягузории сармояи асосӣ дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ

**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф аз рӯйи маълумоти Кишоварзии ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2023. -С.173.

Ба ҳолати моҳи январи соли 2023 аз ҳаҷми умумии сармоягузории ҷумҳурӣ аз рӯйи объектҳои таъиноти истеҳсолӣ дар ҳаҷми 506,4 млн. сомонӣ ё худ 66,5% ва аз рӯйи объектҳои таъиноти ғайриистеҳсолӣ дар ҳаҷми 255,0 млн. сомонӣ ё худ 33,5% сармоягузориҳо аз худ карда шудааст.

**Ҷадвали 2.11. – Маълумот доир ба сармоягузории хориҷӣ аз рӯйи шаклҳои фаъолияти иқтисодии корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022**

| **Номгӯйи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ** | Ибтидои соли ҳисоботии сармоягузории мустақим | Воридоти сармоягузории мустақим | Сармоягузории мустақим бозпасгардида | Арзиши сармоягузориҳо дар интиҳои дарвараи ҳисоботии |
|---|---|---|---|---|
| ***ҳамагӣ:*** | 3653794,6 | 342245,9 | 157083,6 | 3789144,2 |
| Аз он ҷумла: | | | | |
Худтанзимкунӣ на балки зуҳуроти стихивӣ асоси иқтисоди бозоргонӣ мебошад. Бо мақсади рушди босамар ва такмилдиҳандаи қувваҳои истеҳсолӣ, дар самти давлат фароҳам овардани муҳити ҷалбкунандаи иқтисодӣ муҳим аст. Он бояд ба субъектҳои хоҷагидорӣ имкони сармоягузорӣ ва ҳавасмандкуниро бо мақсади навсозии сармояи асосӣ ва афзоиши ҳаҷми он ба вуҷуд оварад. Ин раванд бо истифода аз манбаъҳои молиявии дохилӣ ва қарзӣ, инчунин сармояи хориҷӣ сурат мегирад. Ташаккули ин муҳити мусоид метавонад дар рушди иқтидорҳои нав ва такмили маҳорати истеҳсолкунанда нақши муҳим гузорад.

Агар мавқеи танзими давлатӣ аз истифодаи механизмҳои иқтисодии нав муайян шуда бошад, дар ин раванд он ба натиҷаҳои назаррас ноил шавад.

Бо мақсади таъмини рушди иҷтимоию иқтисодии давлат сиёсати сармоягузорӣ дар чорчубаи танзим ваташвиқи равандҳои сармоягузорӣ таҳия гардад.

Ҳамкорӣ байни мақомоти давлатӣ дар сатҳи марказ ва маҳал аз он ҷумла мақомоти худидоракунии шаҳрӣ дар сиёсати рушди сармоягузории мамлакат амалӣ карда шавад, ки ин ҳамкориҳо дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби Парлумон, Президент ва Ҳукумати ҷумҳурӣ қабул гардидаанд, аз он ҷумла созишномаҳои ҳамкорӣ амалӣ карда мешаванд.

Барои муваффақ шудан дар фаъолияти сармоягузорӣ, зарур аст , ки сиёсати сармоягузории маҳаллӣ ва ҳолати санадҳои мавҷуда таваҷҷуҳи зиёдтар дода шавад. То давраи ба муваффақият ноил гардидан ва оғози таъсири мутипликативии дахолати давлат зарур аст.

Ҳукумати Тоҷикистон ба ақидае он аст, ки барои рушди соҳаи

кишоварзӣ, муҳим аст, ки муҳити мувофиқ барои ҷалби сармоягузорӣ таъмин карда шавад. Нави корӣ ва беҳтар намудани шароити зисти мардуми деҳот аз дастгирии воридшавии сармояи дохилию хориҷӣ вобастагии калон дорад.

Амалисозии сиёсати сармоягӯзорӣ якдафина набуд он мудати тулонӣ ва пурмарҳиларо дар бар гирифта таҳавуллоти амиқи ҳуқуқӣ, сохтори ва институтсионалӣ аз он ҷумла рушди инфрасохтори зарурӣ, истеҳсолӣ ва иҷтимоиро чи хеле, ки аён аст дар бар мегирад.

Нуқтаҳои асосӣ ва равиши сиёсати сармоягузории давлат солҳои охир дар мамлакат дар як зумра ҳуҷҷатҳои муҳим дарҷ гардидаанд.

Кам намудани монеҳои идоракунӣ, ҳимояи соҳибкории дохили хусусӣ, кам намудани хароҷотҳои сармоягузорӣ дар санадҳои меъёри ҳуқуқии мазкур ба инобат гирифта шудаанд.

Соли 2003 оиди намудҳои андози ягона ,андозҳо дар соҳаи кишоварзӣ дар кодекси нави андоз аҳамияти муҳим пайдо намуданд.

Қонуни «Дар бораи гарави молу мулки манқул ва бақайдгирииуҳдадориҳои таъминшуда», ки соли соли 2019 дар МОМН қабул гардидааст, фароҳам овардани кафолатҳои қарзии банки, ки рушди минбадаи қарздиҳиро тақвият медиҳад. Бақайдгирии молу мулки ба гарав гузошташуда, ки дар низоми нави электрони пешбари шудааст сабаби зииёд гардидани ҳаҷми зиёд қарздиҳи хоҳад шуд.

Ба рушди муносибатҳои иқтисодӣ ва ҳифзӣ ҳуқуқи қарзгирандагон қабули қонуни ҶТ “дар бораи муфлисшавӣ мусоидат намуда,он ба ҳавасмангардонии сармоягузори ва принсипҳои асосии тафаҷуҳи сол ва рушди соҳаи кишоварзӣ мусоидат менамояд.

Муайян намудани афзалиятҳои соҳа дар раванди арзёбии дараҷаи техникӣ-технологӣ дар истеҳсолот дар раванди коркарди лоиҳаҳо ва барномаҳои сармоягузорӣ тақвият мебахшад.

Ба мақсади инъикоси манфиатҳои дохилӣ манбаҳои молиявӣ дар ҷалби сармоягузории асоснокиро талаб намуда , аз он ҷумла муайян намудани механизмҳо ва тадбирҳои сиёсати сармоягузори аз он ҷумла манфиатҳои

ҳамкорӣ бо истеҳсолкунандагон таъмин кардан бо назардошти эътибори мутавозини онҳо ва таъсири он ба самаранокии сармоягузорӣ зарур аст.

Зиёд намудани сармояҳои дохилӣ бо мақсади пасандоз ва маблағгузории лоиҳаҳо ва ташаккули шаклҳои гуногуни моликиятро тақозо мекунад.

Ба воситаи маблағгузории маркозӣ бо назардошти маблағҳои бебозгашти буҷавӣ ва ниҳодҳои қарздиҳи бо шартҳои бозпардохт ва пулӣ бо дастгирии давлат дар соҳаи кишоварзи амалӣ мегардад.

- объектҳои, ки хусусияти иҷтимои ва ғайритиҷорати доранд ва мавқеи молиявиашон устувор .ҳаст аз тарафи буҷаи давлатӣ маблағгузорӣ мешаванд

- бо назардошти хусусиятҳои истеҳсолӣ ва равандҳои сармоягузорӣ равона намудани сармоягузориҳои мутамарказ.

- роҳ надодан ба монополистҳо ва сохторҳои миёнарав,тавассути ҳавасмандгардонии усулҳои фурӯши маҳсулот;

- таъсис ва иштироки сохторҳои манфиатдор гурӯҳҳои молиявӣ-саноатӣ ба воситаи такмили низоми молиявию-бонкӣ ва дастгирии лоиҳаҳои калонӣ сармоягузорӣ;

- дастгирии самарабахши сармоягузории давлатӣ ба воситаи санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ;

- ҳавасманд ва ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ, таъмини шароити мувофиқ бо мақсади васеъ намудани манбаҳои ғайрибуҷавӣ

Бо мақсади рушди истеҳсолӣ гузориш аз системаи саҳмгузории давлатӣ ба озмунҳои сармоягузорӣ аз он ҷумла мукамалгардонии таҷрибаи ҳамкориҳои давлат ва тиҷорат;

Пурзур намудани назорат ба тарзи маблағгузории бебозгашт ва бозгардонда тавасути такмили назорати харидҳои боэтимод ва мақсадноки маблағгузориҳҳои бучетӣ;

Барои пурзур намудани фаъолияти сармоягузорӣ ва барномаҳои марбут,васеъ намудани фаъолиятӣ суғуртакунонӣ ва кафолати давлатӣ

Муқаррар намудани вазифаҳои мақомоти ҳокимиятӣ давлатӣ ва

маҳалли дар самти ҷалби сармоя, ... дар самтҳои зерин мувофиқи мақсад

мебошад:

- таъмини ваколат ва манбаҳои устуворӣ маблағгузорӣ;

такмили санадҳои меёрӣ-ҳуқуқӣ.

Муқаррар намудани ҳадди ақали хароҷоти корӣ ва сармоя аз буда, дар асоси таҳия ва ба эътидол овардани меёрҳои таҳсилоти ҳама намудҳои даромад, ҳадафи асосии ҳама намудҳои даромад, ҳадафи асосии ҳалли масъала мебошад.

Айни ҳол сармоягузории хориҷӣ асосӣ сиёсати сармоягузориро ташкил медиҳад. Бояд қайд намуд, ки сармоягузории хориҷӣ на манфиатҳои давлатҳои қарзгиранда байни манфиатҳои ҳимоя мекунанд,. ки ин талабест на танҳо аз ҷиҳати институтсионали, лекин ҷиҳат саҳмҳо низ дар сиёсати дохили сармоягузорӣ низ бояд шароит фароҳам оварда шавад. Аз ҷониби шохаҳои ҳокимият Ҳукумат, Президент, парлумон, ҳукумати марказӣ, соҳибкорон шарикон ва иттиҳодияҳои онҳо ва иттифоқҳои касаба ба муҳаё намудани чунин имтиёзҳое, ки сиёсати давлатии сармоягузориро танзим менамояд лозим аст.

На фақат имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ дар ҷалби сармоя, ки сармоягузорони хориҷӣ манфиати худро дар манфиати мо “бинанд” ба даст овардани ин ё он намуди молҳо, гузоштани сармояи зиёдатӣ, ба даст овардани фоида ва Ва дигар нишондиҳандаҳо дар асоси механизмҳои ҳавасмандкунии имтиёзи ба даст меоянд. Дар иқтисодиёт таъсис додани як қатор сохторҳои нави истеҳсолии босифат аз лиҳози истеъмолкунанда ва сармоягузорӣ хориҷӣ ба рушди иқтисодиёт мусоидат менамояд.

Сармоягузорӣ ба лоиҳаҳои зерин муҳим мебошанд:

Афзуннамоии ҳаҷм ва самараи баланд:

—Таъмини бехатарии озуқавории мамлакат;

—мусоидат ба таъмини шуғли аҳолии кишвар;

—пешниҳод намудани қарорҳои нави технологии самарабахш ва сарфакорона.

Сармоягузориҳо бояд интихобшавандагии сиёсати содиротиро ташвиқ

кунанд. Содироти ашёи хом ва масолеҳ бояд маҳдуд карда шавад. Дар ин самт назорати давлатӣ зарур аст. Тавaҷҷуҳи асосӣ бояд ба содироти маҳсулоти тайёре равона шавад, ки онҳо қобилияти рақобатро дар бозорҳои мамлакатҳо талабот дошта бошанд. Таъсиси соҳаҳои “.....” ва “маблағоваранда” дар мамлакатҳои Осиёи марказӣ ҳамчун самтимуҳим арзёби мегардад.

Тадбирҳои аз ҷониби ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти дахлдори давлатии ҷумҳурӣ оид ба муътадилгардонӣ ва рушди минбаъдаи мусбати истеҳсолоти кишоварзӣ андешидашавандаро аз рӯйи таъминоти молиявии мувофиқи онҳо ба амал баровардан мумкин аст, чунки вобаста ба шароити касри захираҳои молиявӣ он дар аксар корхонаҳои кишоварзӣ метавонад мушкилӣ оварад.

Роҳи ҳалли ин масъала асоснок намудани он барномаҳои дахлдори ҷумҳуривӣ мебошад, ки тибқи онҳо лоиҳаҳои сармоягузории рушди соҳаҳои алоҳида, истеҳсолот ва ғайра дар корхонаҳои мушаххаси кишоварзӣ тартиб дода мешаванд ва мувофиқи онҳо дар асоси озмун барои сармоягузорӣ воситаҳои пулӣ дар ҳаҷми зарурӣ ҷудо карда мешавад.

Дар ҳақиқат сарчашмаи воқеӣ ва бузурги сармоягузории мустақим ба сармояи асосӣ ва гардони корхонаҳои кишоварзӣ - ин сармоягузории хориҷӣ аз Чин, Русия, кишварҳои Осиёи Марказӣ ва дигар кишварҳо мебошад, ки ба ҳалли масъалаи сармоягузорӣ бо назардошти даромаднокии сармоягузории захираҳои худӣ мусоидат мекунад. Намуди асосии ҷалби маблағҳои сармоягузорони хориҷӣ ин таъсис додани корхонаҳои муштарак ё корхонаҳое мебошад, ки қисман (51%) ба сармояи хориҷӣ тааллуқ доранд. Аммо, чуноне ки маълум аст, сармоягузориҳои хориҷӣ ба соҳаҳои нисбатан манфиатовари иқтисодиёт, ки бозори муносиби дохилӣ доранд, ворид мегарданд ва ба корхонаҳои саноати хурокворию коркард, соҳаҳои алоҳидаи истеҳсолоти кишоварзии (сабзавоткорӣ дар гармхонаҳо, парандапарварӣ ва баъзе дигарҳо) комплекси агросаноатӣ бартарӣ дода мешавад.

Стратегияи барномаҳои сармоягузории ҷумҳурӣ аз ҳамбастагии

сармоягузории мустақим ва қарзҳо иборат мебошад. Сармоягузориҳои мустақим, бо роҳи маблағгузорӣ ба таҷдиди сохтор ва навсозии истеҳсолоти амалкунанда (махсусан кишоварзӣ), инчунин маблағгузорӣ ба корхонаҳои нав, ба ҳалли масъалаҳои стратегии рушди комплекси агросаноатӣ мусоидат мекунанд. Дар раванди ба кор даровардани иқтидорҳои нави истеъмолӣ қарзҳое, ки барои такрористеҳсолӣ васеъ ҷудошуда, барои ташкили истеҳсолот, дар асоси дигарсозии техногӣ, хариди ашёи хом, масолеҳ ва дигар захираҳои модди-техникӣ, пардохти маблағи лизинги таҷҳизоти технологӣ, машинаҳои кишоварзӣ ва чорвои зотпарварӣ истифода бурда мешаванд.

Ҳама лоиҳаҳо, аз давраҳои аввали таҳия ва татбиқи онҳо (муайянкунии лоиҳа, таҳияи ҳуҷҷатҳо ва ғайра) бо истифода аз нақшаҳои гуногуни ҳамкорӣ, ба масъалаи ба кор ҷалб намудани шарикони хориҷӣ равона карда шудаанд.

Тибқи Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ҳоло таҳияи барномаҳои сармоягузорӣ дар панҷ самт, ки бо ҳалли мушкилоти аслии фаъолияти сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатӣ дахлдорад, амалӣ гардида истодааст:

-таҳияи барномаҳо ва лоиҳаҳои мақсадноки аз рӯи хосиятҳои соҳавӣ ва ҳудудӣ муттаҳид гардида;

-дар асоси таҳлили ҷалби сармоя ва ҳалли проблемаҳо, таъминоти илмии рушди комплекси агросаноатиро ташаккул додан лозим аст;

-бо мақсади таъсиси системаи шаффофи маблағгузории барномаҳо, такмили инфрасохтори комплекси агросаноатӣ;

-таъмини шуғл ва кардӣ.

-танзими давлатию ҳуқуқӣ ва дастгирии соҳибкории кишоварзӣ.

Дар соҳаи кишоварзӣ таҳияи дурномо ва амалгардонии барномаҳои мақсадноки махсуси истеҳсолкунандаи мол ва дигар субъектҳои бозорӣ, ба мақсади амалишавии бардавоми шароити иқтисодӣ ва фаъолияти сармоягузорӣ муҳим ҳисобида мешавад.

Шакли мувофиқи ҷалби сармояи молиявии соҳибкорони маҳаллӣ ва байналмилалӣ ин аст, ки дар асоси созмонҳои кишоварзии дорои имконияти пасти пардохт, корхонаҳое бо ҳамроҳии сармояи хориҷӣ таъсис дода шаванд.

Дар корхонаҳои кишоварзии давлатӣ ва коллективӣ шаклҳои гуногуне, ки ба шакли ибтидоии онҳо мувофиқ аст ба шаҳрвандон ва субъектҳои ҳуқуқӣ харидории молу мулк бо нархи бозорӣ ба иҷора дода мешаванд.

Манфиатҳои коргарон ва нафақахурон ҳангом додани моликияти корхонаҳои коллективӣ ва замин ба назар гирифта шавад. Ба иҷора додани амвол ва саҳми замин, фурӯши он, дар замини худ пешбурди истеҳсолоти худӣ ё аъзо шудан ё навтаъсис бо ризояти сармоягузорон, ҳуқуқи интихоб кардани яке аз ин роҳҳо пешбинӣ намудан зарур аст.

На танҳо намудани манфиатҳои давлат балки сармоягузорӣ истеҳсолӣ, ба ивази дастгирии мунтазами хоҷагиҳои зараровар, давлат имкон андоз аз шахсони ҳуқуқӣ ва вокеъа пур намоянд.

Дар шароити бозоргонӣ ҳангоми амалӣ намудани истеҳсоли замин ба киштгардон ворид намудани заминҳо мувофиқи мақсад аст ва ҳамчун манбаи асосии сармоягузорӣ мекунад.

тавқия додани ҳуқуқи моликият ва истифодаи заминҳо ба гарав гузошташуда, ислоҳот на танҳо дар тақсимот балки арзиши он ва васеъ намудани ҳуқуқи моликият бозори заминро рушд менамоянд, ки ин раванд соҳаи кишоварзии ҷумҳуриро барои сармоягузорон, алалхусус хориҷи ҷолибнок номояд.

Қарзи ипотекӣ, ки дар он замин ҳамчун таъмини кафолати қарз пешниҳод мешавад, дар ҷаҳони имрӯз хеле маъмул гаштааст. Зеро он манбаи тақвиятдиҳандаи қарзҳои баландшавандаи пардохтпазириро фароҳам меорад.

Набудани заминаи васеъ ҳуқуқӣ ва механизмҳои муосир дар шароити ҳозира далели номуккалии қарзиҳӣ мебошад, ки дар ин раванд ипотека ҳамчун манбаи асосии сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ баромад мекунад.

Барои гирифтани қарзҳои хориҷи барои ташкилотҳои кишоварзии

сердаромад (то 25%), ҳуқуқи истифодаи заминро ба гарав гузоштан ба фикри мо иҷозат дода шавад.

Ба баланд бардоштани сифати маҳсулот, рақобатпазирӣ ва ҳосилнокии меҳнат, таъмини босуръати техникӣ-техналогӣ мусоидат намояд.

Таъсис ва рушди корхонаҳои муштарак бо ҷалби сармояи хориҷӣ дар амал тадбиқ намудани техналогияҳои пешрафтаи глобалие, ки маҳсулоти рақобатпазириро истеҳсол мекунад нақши муҳим дорад.

Ин раванд барои беҳтар гардидани самаранокии умумӣ ва молиявии истеҳсолот дар кишвар мусоидат мекунад. Пешбурди ин иқтидорҳо имкон медиҳад, ки истеҳсолот барои бозорҳои ҷаҳонӣ рақобатпазир шавад ва боиси рушди устувори иқтисодӣ гардад.

Аз ҷиҳати дигар, имконпазир аст, ки таҷҳизоти техникии қаблӣ, ки ҳанӯз пурра фарсуда нашудаанд истифода шаванд.

Дар соҳаи кишоварзӣ ва ҷалби сармояи иловагӣ аз он ҷумла хориҷи пеш аз ҳама тавқият додани фаъолияти лизингӣ мебошад.

Барои татбиқи васеъ барномаҳои давлатии сармоягузорӣ пешрафти лизинг имконият медиҳад, ки истифодаи бехавфи сармоя ва роҳҳои мувофиқи истифодаи он шароит фароҳам оварад.

Дар истеҳсолоти кишвар барои таъмини назорати бо муҳлат оид ба ташаккули инфрасохтори технологӣ ва таҳкими заминаҳои иқтисодии кишвар лизинг шароит фароҳам меоварад.

Системаи кафолати давлати ва тиқоратӣ, яке аз омилҳои ҷалби маблағҳои қарзӣ ба маблғгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ мебошад.

Ташаккули раванди суғуртакунонӣ бо дастгирии давлат, сохторҳои бузурги молиявиро ба ин самт ҷалб намуда, кафолатҳои иловагӣ ва афзалиятҳоисоҳаи суғуртакунонии сармоягузориро рушд кунад ва асосҳои методологии онро таҳия намояд.

Дар таъмини муҳими муосири институтсионалӣ, дар феҳрасти вазифавии рушди фаъолияти сармоягузорӣ, масъалаҳои ташаккули шаклҳои муосирба воситаи ташкилотҳои сармоягузор, ҷойи аввалро ишғол баланди молиявӣ,

саноатӣ, инноватсионӣ ва ташкилиро зарур аст, ки ба ин шанклҳо такя намояд.

Дар атрофи корхонаҳои азими истеҳсолӣ ва аз ҷиҳати техникӣ алоқоманд ташкилнамуда, аз он ҷумла сохтори бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар “корпоратсияҳои касбӣ”- ки масъулияти муштараки субъекноки роҳбарикунанда ва истеҳсолии хеле баландро ба вуҷуд меоранд, ки гуруҳҳои молиявию-саноати (ГМС), дохил мешаванд.

Яке аз омилҳои устувории суботи иқтисодӣ ва баланд бардошатни самаранокии истеҳсолӣ, ташаккули гуруҳҳи молиявию-саноатӣ дар самти ҷалби сармоя ба татбиқи барномаҳои сармоягузорӣ ба ҳисоб меравад.

Имконияти сармоягузории дохилиро назаррас рушд намудан, ин мутаҳид намудани захираҳои молиявии иштирокчиёни гуруҳҳои молиявии сармоягузорӣ мебошад, ки он имкон медиҳад, ки ин фаъолият мутамарказ гардонида шавад.

На танҳо ба лоиҳаҳои дарозмуддат, балки мутамарказ намудани захираҳои молиявӣ дар истеҳсолот ба воситаи таъсис додани бонкҳои махсусгардонидашудаи сармоягузорӣ ангезаи қудратманд доранд. Шароити фароҳам ва рақобатпазирии сатҳи байнибонкиро давлат ба воситаи меъёрҳои имтиозноки аксари андозаҳо дастгирӣ намояд.

Дар самти ҳавасмандгардонии раванди сармоягузорӣ дар давоми се соли охир давлат оид ба инкишофи бозори қоғазҳои қимматнок қадамҳои устувор гузошта истодааст.

Вобаста ба самаранокии истифодаи минбадаи маблағҳои иловагӣ дар солҳои оянда лоиҳахое, ки имкониятиҳуқуқии сармояҳои воридшавандаро фароҳам меоварид зарур аст.

Яке аз масъалаҳои афзалиятноки сиёсати дастгирии сармоягузории хусусӣ дар давраи муосир паст намудани меёрҳои фоиз, гаронии андоз ва хатарҳои вобаста ба вазъи умумии иқтисодиёт, ҳамчун сиёсати пешбурди санҷидашуда ва мақсадҳои сармоягузории давлат бояд эътироф шавад.

**Ҷадвали 3.1. - Сохтори тақсимоти сармоягузории ҷалбшаванда, ки ба дастгирии соҳаи кишоварзӣ нигаронида шудаанд, барои давраи солҳои 2018-2022**

| Созишномаҳое, ки дар давраи солҳои 2018-2022 ба имзо расидаанд | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| № созиш-нома | Номгӯи лоиҳаҳо | Ташкилоти сармоягузор | Арзиши умумии лоиҳа | | Аз он ҷумла: | | | | | | Санаи ба имзо расидан |
| | | | | | Қарз | | Грант | | Ҳиссаи Ҳук. ҶТ | | |
| | | | млн.долл. ИМА | млн. сомонӣ | млн.долл. ИМА | млн. сомонӣ | млн.долл. ИМА | млн. сомонӣ | млн.долл. ИМА | млн. сомонӣ | |
| 1 | Дастгирии сохаи кишоварзӣ дар заминаи ҳамгироӣ | Хазинаи байналмилалии рушди созаи кишоварзӣ (IFAD) | 35,56 | 320,04 | 15,33 | 137,97 | 0,00 | 0,00 | 4,90 | 44,10 | 08.02.2018 |
| | | | | | 0,00 | 0,00 | 15,33 | 137,97 | | | |
| 2 | «Идоракунии захираҳои обӣ дар хавзаи дарёи Панч», маблағгузории алоҳида | Бонки осиёии рушд | 11,50 | 103,50 | 0,00 | 0,00 | 5,00 | 45,00 | 0,00 | 0,00 | 03.08.2018 |
| 3 | | Бонки осиёии рушд (хазинаи махсус) | | | 0,00 | 0,00 | 6,50 | 58,00 | | | |
| 4 | Лоиҳаи миллии «Идора-кунии захираҳои обии Сирдарё», марҳилаи 2 | Хукумати Конфедератсияи Швейдсария (CEKO) | 6,71 | 65,1 | 0,00 | 0,00 | 6,71 | 65,1 | 0,00 | 0,00 | 02.12.2019 |
| 5 | Лоиҳаи «Рушди иқтисодиёти деҳот» | Бонки ҷаҳонӣ | 30,0 | 306,0 | 0,00 | 0,00 | 30,6 | 306,0 | 0,00 | 0,00 | 15.01.2020 |
| 6 | Кӯмаки техникӣ барои таҳияи Лоиҳа оид ба таъмини устувории ландшафтҳо ва фаъолияти кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | Бонки ҷаҳонӣ | 37,0 | 377,4 | 0,00 | 0,00 | 37,0 | 377,4 | 0,00 | 0,00 | 10.03.2020 |
| 7 | Лоиҳаи «Идоракунии захираҳои обӣ дар ҳавзаи дарёи Панҷ, маблағгузо-рии иловагии дубора» | Бонки осиёии рушд | 15,0 | 153,0 | 0,00 | 0,00 | 15,0 | 153,0 | 0,00 | 0,00 | 15.12.2020 |
| 8 | Лоиҳа оид ба баланд бар-доштани устувории кишо-варзӣ дар Тоҷикистон | Бонки ҷаҳонӣ | 58,0 | 638,0 | 0,00 | 0,00 | 58,0 | 638,0 | 0,00 | 0,00 | 21.06.2021 |
| 9 | Маблағгузории иловагӣ барои электриконидани деҳот | Бонки ҷаҳонӣ | 10,0 | 110,0 | 0,00 | 0,00 | 10,0 | 110,0 | 0,00 | 0,00 | 25.06.2021 |

**Сарчашма:** Маълумоти Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023.

Аз ҷадвали 3.1. мушоҳида мегардад, ки дар оянда маблағи асосии сармоягузорӣ ба дастгирии истеҳсолоти кишоварзӣ дар заминаи рушди ҳамгироӣ 35,36 миллион доллари ИМА равона карда мешавад. Самти дигари тақсими сармоягузориҳо то соли 2022 – ин дастгирии барқарорсозии ландшафтҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи умумии 37 миллион доллари ИМА мебошад. Дар оянда барои амалигардонии лоиҳаҳои баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ҳаҷми назарраси маблағҳо пешбинӣ карда мешавад. Дар сатҳи давлатӣ ва маҳаллӣ бо вуҷуди саҳми соҳаи кишоварзӣ ба ММД, хараҷоти солонаи давлат ба соҳа дар сатҳи паст қарор дорад, ки гуфтаҳои болозикгардидаро (ҷадвали 3.1.2) тасдиқ мекунад.

Айни замон сармоягузории давлатии сармоягузорӣ (“БСД” ва “Барномаи давлати мутамаркази сармоягузорӣ “БДМС”), аз ҷониби давлат маблағгузоришаванда мебошад, ки сандуқи он мутаносибан 300 ва 200млн. Доллари ИМА-ро ташкил медиҳад.

Ҳамчун умумии қарзҳо ва воситаи БСД, БДМС, ки соли 2024 27% маҷмӯи маҳсулоти дохиларо ташкил доранд, ки сабаби пасти ҷамоварии даромади буҷаи давлатиро ташкил дод, ки он дар навбати худ қобилияти идоракунӣ ва ҷалби маблағҳоро афзун менамояд.

Сатҳи хизматрасонии қарзи беруна ва имкониятҳои институтсионалӣ ба зидшавии манбаҳои сармоягузории давлатӣ ва афзоиши ММД вобастагии калон дорад.

Барномаи сармоягузории давлати дар соҳаи кишоварзӣ ба самтҳои зерин равона шудааст:

-идомаи ислоҳоти замин;

-таъмини дастрасӣ ба қарзҳо;

-азнавсозии инфрасохторӣ ирригатсионӣ;

-дигаргунсозии институтсионалӣ дар соҳаи идораи об;

-таъсиси асосиатсияҳои истифодабарандагони об.

Дар соҳаи кишоварзӣ ва идораи захираҳои оби нақши асосӣ “Барномаи сармоягузории давлатӣ” барои солҳои 2018-2025, ки дар ҷадвали 3.1.1 оварда

шудааст.

Мувофиқ намудани хароҷоти давлатӣ дарсармоягузорӣ ба ҳадафҳои Стратегияи милли рушд то давраи 2030, мутаҳидсозии барномаҳои самроягузории давлатӣ ва барномаҳои дигар бо назардошти бартараф намудани камбудиҳо дар баланд бардоштани сармоягузории давлати афзалияти асосӣ ба ҳисоб меравад.

**Ҷадвали 3.2. - Хароҷоти солонаи давлат ба соҳаи кишоварзӣ (ҳамаи вазорату муассисаҳо, ҳазор сомонӣ)**

| № | Номгӯй | 2020 | 2021 | 2021/2020 бо сомонӣ | 2021/2020 бо % | 2020 нисбат ба ММД | 2021 нисбат ба ММД |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | **Маблағҳои буҷетӣ, аз он ҷумла** | 211,4 | 222,1 | 10,7 | 5,0 | 0,2 | 0,2 |
| 2 | Пардохти музди меҳнат | 55,7 | 64,0 | 8,3 | 14,9 | 0,1 | 0,1 |
| 3 | Срмоягузории марказонидашуда | 17,9 | 17,9 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| 4 | Хизматрасонии коммуналӣ | 41,2 | - | -41,2 | -100 | 0,0 | 0,0 |
| 5 | Дигар хароҷотҳо | 96,6 | 140,2 | 43,6 | 45,1 | 0,1 | 0,2 |
| 6 | **Барномаи давлатии сармоягузорӣ** | 548,9 | 492,7 | -56,2 | -10,2 | 0,6 | 0,5 |
| 7 | **Фондҳои махсуси ташкилотҳои буҷетӣ** | 25,2 | 26,4 | 1,2 | 4,9 | 0,0 | 0,0 |

**Сарчашма:** Маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати молия.

Фароҳам овардани шароити муосид, қонунгузорӣ ва амалиятҳои сармоягузорӣ барои ташаккули иқтисодӣ устуворро таъмин намудан мусоидат менамояд. Бе иштироки сармоягузорони иттилоотӣ рушди устувор ва муътадилро таъмин намудан ғайримкон аст.

Барои ба эъмидол овардани рушди минбадаи сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва рушди минбадаи он рушди иқтисодӣ кишоварзӣ ва фаъолияти соҳибкориро дар ин соҳа нақши назаррас дорад.

Сармоягузории самаранок метавонад воридоти маводи зарурӣ, беҳтар кардани технологияи истеҳсолот ва мусоидат ба рушди идоракунии дурустро таъмин кунад, ки ҳамаи ин ба пешрафти соҳа равона мешавад. Бо ин роҳ, имкониятҳои нави кор ва истеҳсоли маҳсулот дар кишоварзӣ ба вуҷуд меоянд, ки барои устувории иқтисодӣ ва инкишофи пайвастаи соҳа хеле муҳим

мебошанд.

Аз ин лиҳоз, сиёсати мутавозин ва санҷидашудаи давлатии сармоягузории соҳаи кишоварзӣ дар рушди иқтисодиёти миллӣ аҳамияти калидӣ дорад.

## §3.2. Роҳҳои асоси ва механизмҳои ҷалби сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ

Мазмун ва самти асосии механизми татбиқи барномаи сармоягузории минтақавӣ аз асоснок кардани маҷмӯи тадбирҳо оид ба ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорие иборат мебошад, ки онҳо ба ҳалли мушкилоти муайяни минтақа нигаронида шудаанд.

Муносибатҳои методии пешниҳодшуда таҳлили самтҳои анъанавӣ ва наверо ифода мекунанд, ки солҳои охир дар асоси таҳлили натиҷаҳо ва мушкилоти рушди маҷмӯии сармоягузории ватанӣ ва омӯзиши хусусиятҳои ташаккули он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инкишоф ёфтаанд.

Ҳавасманд гардонидани фаъолияти сармоягузории соҳибони захираҳо ва воситаҳои муваққатан озод, ҷалби сармоя ба намудҳои гуногуни фаъолият, соҳаҳои иқтисодиёт ва минтақаҳо се шарти нисбатан муҳими ба даст овардани натиҷаҳои мусбатро дар назар дорад:

- мавҷуд будани захираҳои молиявӣ дар низоми иқтисодии таҳқиқшаванда (аз он ҷумла минтақа), бо афзалиятҳои ҷалби сармоя амали намуданмумкин аст;
- маблағгузории минтақаҳои рушди афзалиятнок аз ҷиҳати назари ҷамъиятӣ муаяйн намудани самтҳои он;
- коркарди маҷмуи тадбирҳое (имтиёзҳо ва бартариятҳо), ки ба ҳавасмандгардонии воқеии соҳибони сармоя дар самти маблағгузорӣ ба бахш ва соҳаҳои мазкур мусоидат мекунанд.

Таҳлили паҳлуҳои гуногуни муносибатҳои назариявии рушди сармоягузорӣ дар КАС имконият фароҳам меоварد, то ки барои таъсис додани механизми иқтисодии назорати равандҳои сармоягузорӣ дар КАС асоси консептуалӣ муайян карда шавад (расми 3.1).




**Расми 3.1. - Асосҳои консептуалии ташаккули механизми иқтисодии танзими равандҳои сармоягузорию инноватсионӣ дар соҳаи кишоварзӣ**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Мақсади ниҳоии консепсияи мазкур барқарорсозӣ ва тақвияти иқтидори сармоягузории КАС бо таъмин намудани рақобати устувор дар он мебошад. Дар соҳаи кишоварзии мамлакат раванди сармоягузорӣ, дар асоси консепсияи пешниҳодшуда ва механизми танзими иқтисодӣ таснифоти зеринро дар бар мегирад:

-таҳлили бозорӣ маҳсулоти кишоварзӣ ва ҷанбаҳои сармоягузории он дар минтақаҳо;

- муаяйн намудани омилҳои ҳавасмандкунӣ ва монеаҳоро дар фаъолиятӣ самроягузорӣ ба миён меоранд;

-дар сатҳи минтаҳо амали намудани системаи рушди инноватсионии соҳа;

– паст кардани хавфҳои сармоягузорӣ ба воситаи ташаккули кластерҳои истеҳсолии мамлакат ва таҳияи тадбирҳои ба ҳавасмандгардонии рушди ба онҳо нигаронидашуда;

– муфидгардонии тартиби арзёбии самаранокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ;

– вобаста ба шароити бозоргонӣ асосноккунӣ ва мутобиқгардонии стратегияи сармоягузории рушди кишоварзии мамлакат.

Ҳамин тавр, механизми иқтисодии танзими равандҳои сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзии мамлакат – ин низоми ҳамкории байни мақомоти идораи давлатӣ, соҳаҳо ва корхонаҳои кишоварзӣ буда, он барои васеъгардонӣ ва навсозии истеҳсолоти ҷойдошта ё истеҳсолоти комилан нав тавассути технологияҳои инноватсионӣ ва тавлиди шаклҳои нави маҳсулот ҷалби сармоягузоронро таъмин менамояд.

Дар 15 соли охир бори аввал дар бахшҳои хоҷагии халқи мамлакат, махсусан дар соҳаи кишоварзӣ шароите ба вуҷуд омад, ки ба ҷалби захираҳои молиявӣ ба саноат мусоидат мекунад. Дар баробари ин, технологияҳои мавҷудаи кишоварзӣ иқтидори худро амалан аз даст додаанд ва барои ҷалб намудани таваҷҷуҳи сармоягузорон мувофиқ намебошанд, зеро онҳо наметавонанд, ки дар мӯҳлатҳои муайяншуда баргардонидани сармоя ва сатҳи хавфҳои сармоягузориро якҷоя бо дигар соҳаҳо таъмин намоянд. Маълум мегардад, ки имрӯз барои комёб шудани ташкилотҳои муосири кишоварзӣ, бидуни маҷмӯи пурраи тадбирҳои илмӣ, техникӣ, ташкилӣ ва молиявӣ, ки хусусиятҳои инноватсиониро дар истеҳсоли кишоварзӣ таъмин мекунанд, эътимод бастан хеле душвор аст.

То чӣ андоза воқеӣ будани имкониятҳои ба соҳаҳои иқтисодиёт ҷалб намудани сармояи иловагӣ, бояд дар доираи арзёбии иқтидори молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шавад. Маблағҳои озоди корхонаҳо ва аҳолӣ, интиқоли сармоя аз дигар соҳаҳои иқтисодиёт ё ҷалби онҳо аз бозорҳои молиявии минтақаҳои гуногун ва аз хориҷи кишвар метавонанд

ҳамчун сарчашмаҳои сармоягузорӣ баромад кунанд.

Гарчанде, ки манбаъҳои маблағгузории буҷетӣ дар солҳои охир майли афзоиш доранд, аммо ин нокифоя аст. Имконияти истифодаи маблағҳои худии корхонаҳо ва аҳолӣ, фондҳои ғайрибуҷетӣ нисбатан аҳамиятнок ба назар мерасанд. Аммо онҳо низ ҳаҷман начандон бузург буда, ҳатто талаботи ҳадди ақали сармоягузориро таъмин намекунанд.

Аз ин рӯ, ҷалби сармоя аз хориҷи кишвар ва таҳияи тадбирҳои самаранок гардонидани фаъолияти сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатии мамлакат, мутамарказ намудани захираҳои дохилии он дар самтҳои муҳимтарини рушд, аз вазифаҳои асосӣ арзёбӣ мегарданд.

Имкониятҳои ҷалби сармоя барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ низ дар робита ба идеяи оғозёфтаи ташкили гурӯҳҳои молиявию саноатӣ ба вуҷуд омаданд. Фаъолияти гурӯҳҳои молиявию саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори Ҳукумат «Дар бораи гурӯҳҳои молиявию саноатӣ» аз соли 1999 амалӣ карда мешавад. Дар он гурӯҳи молиявию саноатӣ ҳамчун маҷмӯи шахсони ҳуқуқие муайян карда мешавад, ки ба сифати ҷамъиятҳои асосӣ ва фаръӣ амал мекунанд ё дороиҳои моддию ғайримоддии худро дар асоси шартнома дар бораи таъсиси гурӯҳи молиявию саноатӣ, бо мақсади ҳамгироии технологӣ ё иқтисодӣ ҷиҳати татбиқи барномаҳои сармоягузорӣ ва дигар барномаҳо пурра ё қисман муттаҳид кардаанд. Дар байни иштирокчиёни гурӯҳи молиявию саноатӣ мавҷуд будани ташкилотҳои дар истеҳсоли молу хизматрасонӣ амалкунанда, инчунин бонкҳо ё дигар ташкилотҳои қарзӣ ҳатмӣ мебошад.

Гурӯҳҳои молиявию саноатӣ ба ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ ба иқтисодиёт метавонанд кӯмак расонанд. Онҳо дар пояи ба гурӯҳи ягона муттаҳид шудани муассисаҳои истеҳсолӣ ва молиявӣ, дар роҳи ба даст овардани захираҳои молиявӣ барои фаъолияти сармоягузорӣ мустаҳкамӣ ба вуҷуд оварда, аз ҳисоби ягонагӣ ва алоқамандии тамоми равандҳои такрористеҳсолкунӣ самаранокии сармоягузориро ба истеҳсолот таъмин менамоянд. Созмон додани гурӯҳҳои молиявию саноатӣ яке аз роҳҳои саҳеҳ

ва фоидаовар ташкил намудани фаъолияти истеҳсолӣ ва маркетингии фаъолияти корхона, ҳамчунин ба даст овардани даромади бештар дар мӯҳлати кӯтоҳ аз ҳисоби низоми тақсимоти хирадмандонаи ӯҳдадориҳо, самтҳои фаъолият дар байни иштирокчиён ва нақшаи муназзами воридоти пулӣ мебошад.

Гурӯҳи молиявию агросаноатӣ сохтори ба гурӯҳҳои молиявию саноати монандро таҷассум мекунад ва фарқияти ягона дар он аст, ки афзалияти ҷалби сармояи молиявӣ дар он ба корхонаҳои кишоварзӣ ва агросаноатӣ дода мешавад. Банкҳои тиҷоратӣ, ки дар сармояи оинномавиашон то 35%-и ҳиссаи молу мулкро доранд ва ба гуруҳҳои молиявию саноатӣ дохил мегарданд, масъалаи: оқилона истифода бурдани имкониятҳои ба онҳо барои маблағгузорӣ додашударо, ҳал мекунанд.

Ташкил намудани гуруҳҳои молиявию саноатӣ дар соҳаи кишоварзӣ барои ҳамгироии молистеҳсолкунандагони деҳот, корхонаҳои коркарди маҳсулот ва хизматрасонӣ зарур шуморида мешавад. Дар ташаккули чунин гурӯҳҳо ин ду самт нисбатан маъмуланд:

-дар миқёси худии маҳдуд, фаъолияти иттиҳодҳои истеҳсолӣ, коркард ва фуруши маҳсулоти озуқаворӣ;

-истеҳсолот, коркард ва фуруш як намуд маҳсулот дар иттиҳодҳои истеҳсолӣ, коркард ва фуруши нисбат калон.

Ҷиҳати хоси фаъолияти гурӯҳҳои молиявию саноатӣ дар он аст, ки маҳсулоти кишоварзӣ то давраи ниҳоии ба истеъмолкунанда фурӯхтани он моликияти истеҳсолкунандагони маҳсулот мебошад. Таъмини ҳуқуқ ба моликият яке аз вазифаҳои асосии ширкати марказии гуруҳҳои молиявию саноатӣ мебошад.

Вазифаҳои ширкати марказии гурӯҳҳои молиявию саноатиро ба тарзи зерин зикр кардан мумкин аст:

– идоракунии корҳои мавҷуда; баҳисобгирии фаврӣ ва омории раванди истеҳсолот, коркард ва фурӯши намудҳои маҳсулоте, ки фурӯши онҳо тавассути ширкати марказӣ сурат мегиранд; иҷрои амалиёти муосир бо

истифода аз маблағҳои ба суратҳисоби ширкатҳои марказӣ воридгардида, ки аз фурӯши навъҳои махсулоти ба таври муштарак истеҳсолшуда дар байни корхонаҳои гурӯҳ ба даст омадаанд;

– ҷустуҷӯи бозори фурӯши аз ҷиҳати иқтисодӣ манфиатовар ва роҳҳои таъминоти моддию техникӣ, бастани созишномаҳои тиҷоратӣ дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ.

Механизми иқтисодии муносибатҳои ҳамгироӣ байни корхонаҳои кишоварзии гурӯҳи молиявию саноатӣ аз рӯйи истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ бо назардошти саҳми хар як корхона вобаста ба ин натиҷа ташаккул меёбад.

Дигар самти муҳим ва самарабахши тадбирҳои иқтисодии ҳавасмандгардонии татбиқи сиёсати сармоягузории минтақавӣ ин кӯмаки молиявӣ, суғуртаи қарз ва хавфҳо, танзими андоз ва имтиёзҳои андозӣ мебошад.

Кӯмаки молиявӣ ҳавасмандгардонӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ, пешниҳоди ӯҳдадориҳои кафолатнок барои захираҳои қарзии аз ҷониби бонкҳои ваколатдор ҷалбшуда ва суғуртаи қарзҳо аз хавфҳои эҳтимолии тиҷоратӣ ва сиёсиро ифода менамояд. Дар доираи барномаи мақсадноки ҷумҳуриявӣ ва ҳам дар доираи барномаҳои маҳаллӣ маблағгузории сармоявиро амалӣ кардан имконпазир аст.

Низоми суғуртакунӣ, бо истифода аз механизми қаблан гурӯҳбандӣ гардидаи хавфхо, бояд дар байни ташкилотҳои суғуртавӣ ҳаҷми бозпардохти қарзҳои давлатӣ, минтақавӣ ва маҳаллиро афзоиш диҳад. Барои заминагузории рушди сохторҳои бозор дар нақшаи суғурта дигаргуниҳои куллие, ки дар мамлакати мо ба амал меоянд мусоидат мекунанд.

Яке аз самтҳои муҳими дастгирии барномаҳои минтақавии сармоягузорӣ ба андешидани чораҳои танзими андоз алоқаманд аст. Вобаста ба ин, дар доираи такмили низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пурзӯр намудани таъсири ҳавасмандгардонии он дар муносибат ба комплекси сармоягузорӣ, коркард ва татбиқи шаклҳои имконпазири ҳавасмандгардонии андозӣ барои субъектҳои фаъолияти сармоягузорӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ба мақсад

мувофиқ аст.

Шаклҳои зерини таъсирасони мустақим ва ғайримустақимро дар бозори захираҳои сармоягузорӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлати бояд истифода баранд:

- ташаккули имтиёзҳои андозӣ дар буҷаҳои марказӣ ва маҳаллӣ;
- паст кардани меъёри пардохти иҷораи замин;
- ба фурӯши имтиёзноки мондавни иншооти сохтмони нотамом ва амволи ғайриманқули дигар.

Гаронии андоз носанҷида ба фаъолияти сармоягузорӣ дар самти воридшавии захираҳои нави сармоягузорӣ ба ҷумҳурӣ монеаи ҷиддӣ эҷод мекунанд. Бояд принсипҳоеро дида бароем, ки мақомоти идоракунии ҷумҳуриявӣ ҳангоми татбиқи усулҳои андозии ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ онҳоро риоя кунанд. Вобаста ба ин, дигаргунӣ дар андозбандӣ набояд ҳаҷми даромадҳои умумии андозиро ба буҷетҳои ҳамаи сатҳҳо кам кунад.

Тафриқабандии меъёрҳои андозӣ вобаста ба ҳаҷми фоидаи ба даст овардашаванда ва миқёси маблағгузорӣ, бояд сармоягузоронро ба амалигардонии маблағгузории нисбатан азим ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ ҳавасманд гардонад.

Имтиёзҳои андозӣ бояд барои сармоягузорон дар вусъат бахшидани объектҳои инфрасохтори иҷтимоии ғайритиҷоратӣ алоқаманд гардонида шаванд.

Аз усулҳои андозӣ истифода намуда, бояд сармоягузорӣ ба иншоот ва истеҳсолот, ки барои кишвар аҳамияти аввалиндараҷа доранд, ҳавасманд карда шаванд.

Асосноккунии имтиёзҳои андозӣ дар асоси муқоисаи норасоии пардохтҳои андозӣ ба буҷет аз ҳисоби манбаҳои андозӣ дар натиҷаи кам шудани маблағҳои аз андоз муҳофизатшаванда ва ба вуҷуд омадани шароити ҳавасмандгардонӣ барои васеъ намудани доираи фаъолият, масъалаи муҳим ба шумор меравад.

Барои ҷалби соҳибони захираҳои озод, пеш аз ҳама, бояд принсипи андозбандии сармоягузорон тағйир дода шавад. Агар маблағгузории истеҳсолӣ шарти ба даст овардани даромад бошад, он гоҳ қисми даромади ба сармоягузор тааллуқдошта бояд бидуни нигоҳ доштани андоз аз даромад аз истеҳсолкунанда ба ӯ дода шавад.

Барои ҳавасмандгардонии сармоягузории истеҳсолӣ, то замони пурра аз буҳрон баромадани ҷумҳурӣ, аз андози даромад озод кардани даромади сармоягузорони хусусӣ, ки аз сармоягузорӣ ба коғазҳои қиматноки корпоративӣ, азбаски даромади буҷет аз андоз аз дивидендҳо аз рӯи саҳмияҳо ниҳоят ночиз аст, ба мақсад мувофиқ мебошад.

Дар як қатор давлатҳои хориҷӣ имтиёзҳои андозие таҷриба карда мешаванд, ки ба баназаргирии воқеъбинонаи талафоти муваққатии молиявӣ ҳангоми азнавсозии сохторӣ (азнавташкилдиҳӣ)-и объектҳои истеҳсолӣ ва ҳайриистеҳсолии барои шаҳр аҳамияти назаррасдошта асос ёфтаанд. Имтиёзҳо дар он ифода меёбад, ки сармоягузор, бахусус агар ӯ соҳиби нави амволи ба даст овардааш бошад, бояд ҳуқуқи коҳиш додани фоидаи андозбандишавандаи соли ояндаро дошта бошад, ин ҳам дар ҳоле, ки агар ӯ дар соли ҷорӣ (бо сабаби таъхири вақти байни сармоягузорӣ ва даромад) зарар дида бошад.

Бо назардошти афзоиши пешбинишудаи даромадҳои объектҳои сармоягузорӣ, мо тавсия медиҳем, ки зарари расонидашуда дар се соли минбада ба назар гирифта шавад.

Ба назар гирифтани мушкилоти муваққатии молиявӣ ҳангоми муайян кардани манбаи андозӣ барои солҳои минбаъда дастрасии корхонаҳоро ба захираҳо дар бозори қарз осон мегардонад, зеро кобилияти онҳоро дар баргардонидани қарзҳои гирифташуда ва пардохти маблағи фоизи онҳо баланд мебардорад.

Тадбирҳои пешниҳодшуда, дар ҳолати ба амал омадани зарарҳо аз рӯйи ҳисобҳои нодурусти фаъолияти хоҷагидорӣ ва риоя нагардидани шартҳои барномаи сармоягузории бо ҳокимияти ҷумҳуриявии (минтақавӣ)

мувофиқагардида, набояд татбид карда шаванд.

Ба андешаи мо, имкони коҳиш додани андозбандии фоидаи бонкҳои тиҷоратӣ, ки аз қарздиҳӣ ба лоиҳаҳои муҳимтарини инвеститсионӣ барои минтақа ба даст меоранд, муҳим арзёбӣ мегардад. Пешниҳоди имтиёзҳо миёни бонкҳо барои ҳуқуқи додани қарз ба лоиҳаҳои дахлдор рақобатро ба вуҷуд меорад ва меъёри асосии интихоби ғолибон дар ин озмун метавонад сатҳи меъёри фоизи барои қарзҳо пешниҳоднамудаи бонкҳо бошад. Чӣ қадаре ки сатҳи меъёрҳои пешниҳодшуда паст бошад, ҳамон қадар имкониятҳо ба бонкҳо барои қарздиҳии лоиҳаҳо васеътар мешаванд.

Ба сифати усули дигари баланд бардоштани дастрасии сармоя-гузорон ба қарзҳои бонкии ба онҳо пешниҳодшуда метавонад - ба бонкҳо додани ҳуқуқи иштирок дар фоидае, ки баъдан аз лоиҳаҳои сармоягузории аз ҷониби онҳо маблағгузоршаванд (қарз додашаванда) ба даст меоранд, баромад кунад.

Ҳавасмандии бештари бонкҳоро нисбат ба пешниҳоди қарз ба лоиҳаҳои сармоягузорӣ инчунин тавассути коҳиш додани меъёри андоз аз фоидаи бонкҳо дар қисми ба буҷети минтақавӣ воридшаванда таъмин кардан мумкин аст. Ин имтиёз метавонад ба бонкҳои тиҷоратӣ дар шакли ҷуброн барои қарзҳои имтиёзнок дода шавад. Андозаи имтиёзро тавассути муқоисаи арзиши захираҳои қарзӣ ва нархи имтиёзноки муқарраршуда (меъёри фоиз) барои корхона ё ташкилоти сармоягузор муайян кардан мумкин аст.

Натиҷаҳои таҳқиқот ба мо фурсат фароҳам меорад, ки стандартҳои асосии ташаккули механизмҳои сармоягузории соҳаи агросаноатиро муайян созем. Механизҳои сармоягузорӣ бо назари мо бо ду тарз таҳлил шаванд:

-рушди молиявии сармоягузорӣ;

-истифодаи лизинг, ҳамчун шакли “сармоягузорӣ”;

Самти якуми рушди бозори сармоягузорӣ (расми 3.2.) бояд ба механизми таъсис ва ташаккули баста (пакет), тақсим ва татбиқи сармоягузории молиявӣ дар шакли коғазҳои қиматнок асос ёбад. Ин равиш ташкили иштирокчиёни бозори сармоягузориро дар бар мегирад, ки вазифаи

мақсадноки онҳо ба бозори кишоварзӣ нигаронида шудааст.




**Расми 3.2. - Механизми чалби захираҳои сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф.

Ба чунин сохторҳо дохил мешаванд:

- ташкилоти сармоягузории кишоварзӣ;
- хазина (фонд)-и сармоягузории кишоварзии ҳиссавӣ.

Дар нақшаи дар боло овардашуда сармоягузориҳои молиявӣ сохторҳои мазкур дар робитаи диалектикӣ ва ҳамгиро қарор доранд. Дар ташкилоти сармоягузории кишоварзӣ ҳаммаи он корхонаҳои комплекси агросаноатӣ, ки дорои шаклҳои гуногуни моликият мебошанд, метавонанд иштирок намоянд. Шаклҳои саҳми иштирокчиён дар марҳилаи аввал метавонанд гуногун бошанд: моддӣ, пулӣ ва дар шакли коғазҳои қиматнок. Ҷамъоварӣ намудани маблағҳо дар асоси ташкилотҳои сармоягузорӣ кишоварзӣ тавассути табиқи амалҳои

зерин амалӣ шавад:

А) самти пулии воридотии (иштирокчиён);

Б) Ба гардиши баровардани қоғазҳои қимматнок.

Захираҳои сармоягузории болозикр аз рӯи шартҳои самтгирӣ, нақтавӣ, маҷмӯӣ, импулсивӣ, баргардонидашавӣ ва самаранокӣ истифода буда мешаванд. Сатҳи (зерқисм) навбатии механизми сармоягузорӣ фонди минтақавии сармоягузории саҳҳомии кишоварзӣ бонкҳо мебошад. Муассисон ва иштирокчиёни он ширкатҳои суғуртавӣ, фондҳои нафақа, Бонки амонатӣ, Саноатсодиротбанк ва дигар бонкҳо мебошанд. Тахмин меравад, ки дар баробари таъмин гардидани даромаднокии баланди фонд, иштирокчиёни он низ метавонанд истеҳсолкунандагони бевоситаи маҳсулоти кишоварзӣ гарданд.

Ҳамин тарик, корхонаҳо ба ғайр аз манбаъҳои худии маблағгузорӣ манбаъҳои иловагии захираҳои воқеии сармоягузориро ба даст меоранд.

Ҳисоби вазъи ҳозираи бuҳронӣ дар раванди сармоягузорӣ самти сеюми ташаккул ва рушди механизми сармоягузорӣ ин истифодаи лизинг ҳамчун шакли сармоягузории воқеӣ мебошад, ки бартариҳои он дар боби мазкур оварда шудаанд.

Вазифаи асосии мақсадноки мамлакат аз амалиёти фаъол дар бозори саҳҳомӣ бо коғазҳои қиматнок, - ҳам бо коғазҳои қиматноки худӣ ва ҳам бо коғазҳои қиматноки корхонаҳои начандон маълумгаштаи ояндадор, иборат мебошад. Маблағҳое, ки дар натиҷаи амалиёт дар бозори саҳомии мамлакат ба даст омадаанд, дар реҷаи сармоягузорӣ ба сохаи кишоварзӣ равона карда мешаванд, дар чунин ҳолат самти мушаххаси сармоягузорӣ аз ҷониби Шӯрои директорон муайян карда мешавад.

Албатта, маҷмӯи тадбирҳои пешниҳоднамудаи мо имкони баланд бардоштани таъсири минтақаро ба фаъолияти сармоягузорӣ маҳдуд намекунад. Вале истифодаи онҳо воридоти сармояи дохилию хориҷиро ба кишоварзии ҷумҳурӣ афзоиш дода, ҳамзамон ба эҳёи заминаи воқеии молиявӣ баҳри ташаккул ва татбиқи сиёсати сармоягузории минтақавӣ мусоидат менамояд.

Дар шароите, ки маблағгузории хусусӣ ба соҳаи кишоварзӣ ниҳоят нокифоя аст, ягона манбаи воқеии сармоя, ки ба рушди соҳа такон дода метавонад, - ин маблағҳои давлатӣ мебошанд. Дастгирии давлатии соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ, ба андешаи мо, бояд аз рӯйи якчанд самт амал намояд. Ҳавасманд намудани хариди давлатӣ ва амалсозии сиёсати протексионӣ бо назардошти талаботи самарабахши дохилӣ ба маҳсулоти миллӣ аз он ҷумла бояд кафолатҳо барои нархи маҳсулоти кишоварзӣ, имтиёзҳо ва ҷуброни хароҷоти баланди манбаъҳои сӯзишворию энергетикӣ ба назар гирифта шаванд.

Кишоварзӣ ҳамчун яке аз намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ барои ба даст овардани даромад нигаронида шудааст. Аз ин рӯ, барои истеҳсоли фоидаовар шароитҳои иқтисодӣ лозим аст. Ҳукумат бояд бо мақсади азнавсозии истеҳсолот равона кардани як қисми қарзҳо ба бозорҳои ҷаҳонӣ ба сохторҳои махсуси сармоягузорӣ барои корхонаҳою аҳолӣ инчунин фароҳамсозии пасандозҳо барпо намудани муассисаҳои молиявии ғайрибонкӣ мусоидат намояд.

Самти асосии сиёсати давлат дар соҳаи кишоварзӣ барои муқобилат бо буҳрон бояд ба пешбурди сиёсати инноватсионию сармоягузорӣ равона карда шавад. Ин раванд на танҳо ба такмили истеҳсолот кӯмак мекунад, балки инчунин дар ҳамгироии инфрасохтори моддӣ ва техникии соҳа бо стандартҳои ҷаҳонии муосир нақши муҳим мебозад.

Ин имкон медиҳад, ки арзиши аслии махсулот коҳиш дода шуда, дар баробари ин истеҳсоли он зиёд карда шавад. Айни замон дар ҷумҳурӣ татбиқи сиёсати солим гардонии молиявии корхонаҳои соҳа ва дар амалия дастгирии давлатии комплеси агросаноатӣ тағйирот ворид карда шавад ва моҳияти пешниҳоди мазкур дар он ифода меёбад, ки ҳангоми тақсими маблағҳои буҷетӣ андозаи истеҳсоли маҳсулот дар корхонаҳои кишоварзӣ ба назар гирифта шавад (расми 3.3).




**Расми 3.3. - Низоми тадбирҳои дастгирии давлатии рушди соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Азалиятноки сиёсати давлатӣ оид ба дастгирии комплекси агросаноатии минтақавӣ дар соҳаи зироаткорӣ (ва аз ҷумла соҳаи чорводорӣ) бояд аз инҳо иборат бошанд: ташаккули заминаи меъёрию ҳуқуқӣ, ҳавасмандгардонии ҳамгироии бозорӣ ва кооператсияи корхонаҳои кишоварзӣ, коркард ва савдо, ташаккули низоми ба таври амудӣ муттаҳидшудаи кооператсияи истеъмолӣ дар самти фурӯш ва коркарди маҳсулот, лизинги таҷҳизот ва ҳайвонот, маблағгузории хизматрасонии байторӣ; хизматрасониҳои иттилоотию машваратӣ, рушди кооперативҳои қарзӣ ва суғуртавии деҳот, маблағгузории меъёри фоизи қарзҳо ва ғайра (расми 3.3).

Бо истифода аз тадбирҳои ҳавасмандгардонии рушди инноватсия, кооператсия ва ҳамкории онҳо бо корхонаҳои соҳаҳои алоқаманд низоми мазкур дар танзими фаъолияти истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ тавассути дастгирии давлатии ин соҳа ба иштироки мақомоти худидоракунии

маҳаллӣ дар назар мебошад.

Дар асоси татбиқи технологияҳои навтарин аз нав муҷаҳҳаз гардондани кишоварзӣ, ки вазифаи аввалиндарачаи давлат мебошад, ниҳоят муҳим арзёбӣ мегардад. Дар соҳа ба ҳар воҳиди арзишии навтаъсис дар муқоиса ба соҳаи саноат хароҷоти нисбатан зиёд талаб

Бештари мушкилоти ҷалби маблағҳои сармоягузорӣ ба сохаи воқеии иқтисодиёт, аз ҷумла кишоварзӣ, ҳалли худро меёфтанд, агар ба давлат муяссар мегардид, ки пасандозҳои пулии аҳолиро ба амал барорад. Барои ин бояд меъёрҳои пасандозҳои дарозмуддате муқаррар карда шавад, ки аз сатҳи таваррум зиёд буда, дар баробари ин кафолати баргардонидани маблағҳои гузошташуда таъмин гардад. Аз нигоҳи мо, ба пасандозҳои пулии аҳолӣ муқаррар намудани меъёрҳои фоизӣ дар сатҳи наздик ба меъёрҳои бонкҳои тиҷоратӣ ба мақсад мувофиқ аст. Дар баробари ин, ҳифзи сирри пасандозҳо, даст кашидан аз эъломияи даромад, таъмини кафолатҳои давлатӣ ҷиҳати баргардонидани саривақтии маблағҳои гузошташуда, қонунӣ гардонидани даромади аҳолӣ ва ба ин васила барқарор намудани боварии онҳо ба муассисаҳои молиявӣ ва дар маҷмуъ ба давлат муҳим арзёбӣ мегардад.

Фаъолгардонии сармоягузорӣ бояд ташаккули бозори коғазҳои қиматнокро, ки ҳамчун воситаи ҷалби сармоя ва тақсимоти манобеи молиявӣ ва инчунин амалӣ намудани лоиҳаҳои калон мусоидат намояд.

Суръат бахшидан ба дастгирии ипотекӣ, истифодаи самаранокӣ захираҳо, ташкили низоми кооператсияи қарзӣ, таъсиси ширкатҳои кишоварзӣ бо сармоягузории хориҷӣ, самтҳои ояндаи дастгирии давлатӣ ба соҳаи кишоварзӣ инчунин афзун намудани нақши манбаъҳои молиявии дохилии ташкилотҳои кишоварзӣ имкониятҳои зиёд барои ҷалби сармояи иловагӣ ба иқтисодиёти кишоварзӣ фароҳам оварда метавонанд.

Консепсияи таҳияшудаи беҳтарсозии муносибатҳои молиявӣ ва қарзӣ дар соҳаи лизинги кишоварзӣ бо мақсади кам кардани таъсири манфии факторaҳои беруна, таҳкими мизони ҳавасмандии дохилӣ ва бартараф кардани оқибатҳои бӯҳрони молиявӣ дар кишоварзии ҷумҳурӣ мусоидат

менамояд.

Ҳамин тариқ, дар таҳқиқоти диссертатсионӣ натиҷаҳои пешниҳодшуда ба афзоишдодани самаранокии идораи стратегияи равандҳои сармоягузорӣ дар соҳаи аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудаанд.

### 3.3. Инкишофи лизинг хамчун шакли самаранокии сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ

Бо фаъолгардонии равандҳои самроягузорӣ дар бахшҳои муҳими иқтисодӣ мамлакат ва ислоҳотисоҳаи кишоварзӣ имкон пазир нест. Воситаҳои асосии истеҳсолот дар соҳаи кишоварзӣ ба аз нав созӣ ниёз дорад, дар хоҷагиҳо зиёда аз 95% парки мошину-тракторӣ фарсуда шудаанд, ва тағиротҳо ба талаботи муосир ҷавобгӯъ нестанд. Як навъи дастгирии давлатии молистеҳсолкунандагони кишоварзӣ лизинг ба ҳисоб меравад,ки он ҳамчун маҷмӯи тадбирҳо дар раванди маблағгузории давлатӣ бо шароитҳои шартномаҳои лизингӣ бо иштирокчиён танзим мешавад.

Сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ дар самти модернизатсия ва таҷдиди техникии истеҳсолот самтҳои зеринро бояд дар бар гирад:

-зиёд намудани амалиётҳои лизингӣ;

-истифодаи маблағҳои буҷаҳои маҳаллӣ барои рушди иқтисодӣ аграрӣ;

-коркарди шартҳои имтиёзнок барои соҳибкорон;

-Муқаррар намудани боҷҳои устувор, ки сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ равона шудаанд.

Аз он ыумла маблағгузории даватӣ ва худсармоягузорӣ ва истифодаи имкониятҳо барои намуданӣ сармоягузории аҳмиятнок. Муайян намуданимеханизмҳои асосии маблағгузории молиявӣ ба истеҳсолот бо воситаи лизинг бо назардошти талаб накардани гарав, назардошти шарикон ва самаранокии истифодаи таҷҳизот.

Қабули қонун “Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)”, ки соли 2003 қабул шуд муносибатҳои зеринро танзим менамоянд:

- Ҷалби сармояи бонкӣ;

- Ташаккули лизинги байнидавлатӣ ва дастгирии қарзии давлатӣ;
- Рушди фаъолияти суғуртавӣ;
- Коҳиш додани боҷҳои гумрукӣ;
- Андоз бандии иҷора;
- Бехсозии ташхиси сифати таҷҳизот;
- Рушди системаи баҳисобгирии муҳосибии лизингӣ ва хизматрасонӣ;
- Коркарди заимнаҳои меёрӣ-ҳуқуқӣ оиди таъсиси сохторҳои лизингӣ.

Яке аз усулҳои муҳим ва муосири таъмини молиявӣ барои равандҳои сармоягузорӣ, лизинг мебошад. Ин механизм имконият медиҳад, ки проблемаҳои асосии марбут ба вазъияти бӯҳронии соҳаи кишоварзӣ дар Тоҷикистон ба марҳалаи муосир бартараф шаванд (таъминоти нокифояии воситаҳои истеҳсоли кишоварзӣ бо таҷҳизоти зарурӣ ва набудани муҳити мувофиқ барои ҷорӣ кардани технологияи пешрафти истеҳсоли маҳсулот мебошанд). Лизинг, ҳамчун як воситаи молиявӣ, метавонад барои ҳарчи беҳтар кардани шаклҳои истеҳсолоти кишоварзӣ ва маҳдудияти мавҷударо, ки монеаҳои ҷиддие дар ин соҳа эҷод мекунад, бартараф намояд.

Аз ҳамин сабаб то 60 фоизи корхонадои кишоварзӣ наметавонанд фаъолияти комили хоҷагидориро пешбарӣ намоянд.

Лизинг (бо анг. leasing аз анг. to lease - ба иҷора додан гирифта шудааст) як намуди хизматрасониҳои молиявӣ, яъне шакли қарздиҳӣ барои ба даст овардани воситаҳои асосӣ аз ҷониби корхонаҳо мебошад.

Ба истифодаи муваққат додани амволӣ лизингдиҳанда, ки онро фурушавандаи аз ҷониби иҷорагиранда ба даст омадаст.

Аксар вақт ин барои мақсадҳои соҳибкорӣ анҷом дода мешавад. Лизинггиранда ё худ иҷорагиранда аз ибтидо метавонад соҳиби амвол бошад.

Қонунгузории кишварҳои гуногун оқибатҳои андозии лизингро ба таври гуногун баррасӣ мекунад. Дар Қазоқистон лизинг имкон медиҳад, ки аз амортизатсияи тезонидашуда истифода бурда шуда, дар баробари ин аз нав тақсимбандии мӯҳлати пардохти андоз аз арзиши иловашуда имконпазир аст.

Предмети лизинг тамоми намудҳои моликияти ғайриистеъмолиро аз ҷумла биноҳо, техника ва ғайраро дар бар мегирад.

Қитъаҳои замин ва объектҳои дигаре, ки ба табиат тааллуқ доранд, инчунин моликиятҳое, ки тибқи қонун ба гардиши озод манъ гардида ё барои онҳо тартибҳои махсуси гардиш таъйин шудааст, наметавонанд мавзӯи лизинг бошанд.

Предмети лизинг, ки барои соҳибӣ ва истифодаи муваққатӣ ба иҷорагир дода шудааст, моликияти иҷорадеҳ мебошад. Предмети лизинг, ки тибқи шартномаи лизинги молиявӣ ба лизинггиранда дода шудааст, бо созиши тарафҳо дар тавозуни лизингдиҳанда ё лизинггиранда ба ҳисоб гирифта мешавад.

Предметҳо лизинг ба ин ё он гурӯҳи соҳавӣ таалуқ доранд. Вобаста ба мансубият доштан ба гурӯҳи соҳавӣ нишондиҳандаи хавфи амалиёти лизингӣ ҳисоб карда мешавад. Дар шароити ноустувории иқтисодӣ хатарҳои ҷуброни арзиши боқимонда дар сохаи лизинги мошинҳо хеле каманд.

***Намудҳои лизинг.***

Вобаста ба муҳлати истифодабарии самарасохаи объекти лизингӣ ва моҳияти иқтисодии шартномаи лизингӣ инҳо фарқ мекунанд:

**Лизинги молиявӣ** (иҷораи молиявӣ). Муҳлати шартномаи лизингӣ бо муҳлати истифодаи самарасохаи объекти лизингӣ баробар мебошад. Ҳангоми ба охир расидани шартномаи лизингӣ иҷрогирӣ лизингӣ боқимондаи лизинг ба сифр наздик шавад пардохти соҳиби моликият шавад. Дарвоқеъ, ин яке аз роҳҳои ҷалби маблағгузории мақсаднок барои иҷорагиранда (бо мақсади ба даст овардани объекти лизингӣ) мебошад.

**Лизинги баргардонидашаванда** -яке аз намудҳои лизинг, ки дар он фурӯшанда ба лизингдиҳанда предмети лизингиро аз рӯйи шарти ба сифати лизинггиранда гирифтани ин предмети лизингӣ мефурӯшад.

Дар СБҲМ истилоҳи «лизинг» истифода бурда намешавад, яъне дар он иҷораи молиявӣ ва иҷораи амалиётӣ вуҷуд дорад. Иҷораи молиявиро лизинг меноманд.

Дар шартномаи лизинг мумкин аст, ки таъмири техникии таҷҳизоти ба иҷора додашаванда, таълими кадрҳо ва ғайра пешбинӣ карда шавад. Мутобиқи муқаррарот оид ба ҳуқуқ (ӯҳдадорӣ)-и Шартнома, лизинггиранда пас аз ба охир расидани муҳлати иҷора метавонад моле ба лизинг гирифта шударо харидорӣ намояд.

Ҳолати махсус ин лизинги баргарданда мебошад, ки дар он фурӯшандаи амволи лизингӣ ҳамзамон гирандаи лизинг маҳсуб меёбад. Дарвоқеъ ин як шакли гирифтани қарз бо гарави фондҳои истеҳсолӣ ва ба даст овардани самараи иловагии иқтисодӣ аз фарқияти андозбандӣ мебошад.

*Нақшаи пардохтҳои лизингӣ.*

Нақшаи асосии дар амлия мақбули пардохтҳои лизингӣ инҳоянд:

– регрессивӣ (пардохтҳои моҳона дар давраҳои муҳлати лизинг коҳиш меёбад);

– аннуитетӣ (пардохтҳои моҳона дар давраҳои муҳлати лизинг якранг боқӣ мемонад);

– мавсимӣ (нақшаи пардохтҳо ба мавсимӣ будани тиҷорати лизинггиранда пайванд карда мешавад).

*Қобилияти иқтисодии лизинг.*

Дар шакли лизинг ба даст овардани воситаҳои асосӣ имкон медиҳад, ки сарбории андози корхона кам карда шавад. Аз ҷумла, пардохтҳо аз рӯи шартномаҳои лизингӣ манбаи андозбандишавандаи андоз аз даромадро (ки онҳо хароҷот мебошанд) коҳиш медиҳанд. Илова бар ин, амортизатсияи тезонидашуда (бо коэффисиенти 3) ба нигоҳдорандаи тавозун имкон медиҳад, ки заминаи ҳисоби андози амволро коҳиш дода, илова бар ин заминаи ҳисоби андоз аз фоидаро низ кам кунад. Банақшагирии ҷараёнҳои андоз аз арзиши иловашуда дар ҳолати лизинг мутобиқ ба ҳуҷҷатҳои меъёрии амалкунанда муносибати эҳтиёткоронаро талаб мекунад ва баъзан метавонад барои лизинг имтиёзҳои иловагӣ фароҳам орад.

Ҳолати махсус ин лизинги баргарданда мебошад, ки дар он фурӯшандаи амволи лизингӣ ҳамзамон гирандаи лизинг маҳсуб меёбад. Яъне, ташкилот

таҷҳизот (ё дигар амвол)-еро ба иҷора мегирад, ки аз ибтидо ба худи он тааллуқ дошт. Дар сурати лизинги баргарданда дар байни иҷорадиҳанда (ширкати лизингӣ) ва ташкилот ду шартнома баста мешавад: дар бораи хариду фурӯши амвол ва ба иҷора додани он. Ин ду ҳуҷҷат дар як замон ба имзо мерасанд.

Лизинги баргарданда ҳеҷ гуна тағиротро дар раванди истеҳсолот дар назар надорад. Он барои пӯшондани камомад дар воситаҳои гардони корхона пешбинӣ шудааст, ки барои амволи «фурӯхташуда» маблағи якдафъаина ба даст меорад. Ин муомилотро метавон бо додани қарз таҳти гарав муқоиса кард. Танҳо барои иҷорагиранда хароҷоти шартномаи лизингӣ одатан нисбат ба фоизи қарзҳои бонкӣ камтар аст. Сохтори дигари андоз ва амортизатсия метавонад лизингро боз ҳам ҷолибтар гардонад.

*Арзёбии созишномаи лизингӣ.*

Дар амалия одат шудааст, ки дар шартномаи лизингӣ болоравии нархи амволи ба иҷора гирифташуда (меъёри афзоиш) нишон дода шавад. Одатан, меъёри болоравии нарх ҳамчун фоизи солона ҳисобида шуда, ба сифати фарқият аз рӯйи фоиз дар байни маблағи кулли пардохтҳо аз рӯи шартномаи лизингӣ ва арзиши амволи ба иҷора гирифташуда ҳисоб карда мешавад, ки дар меъёри солона бо назардошти мӯҳлати шартномаи лизингӣ оварда шудааст.

Истифодаи меъёрҳои болоравии нархҳои маводҳои таблиғотӣ лизинггирандагонро дар масъалаи муайян намудани арзиши воқеии маблағгузории хориҷии тавассути лизинг ҷалбшуда дар муқоиса бо он, ки қарзи бонкӣ бо маблағи шабеҳи қарз ва ҷадвали баргардонидани он чӣ қадар арзиш дорад, метавонад дучори нофаҳмиҳо кунад.

Мисол: предмети лизинг 1 000 000 доллари ИМА арзиш дорад. Шартнома ба муҳлати 5 сол баста шудааст. Болоравии нархҳо 12% дар як солро (тибқи таҷрибаи солҳои 2017-2018) ташкил медиҳад. Дар шароити пардохти ниҳоии арзиши амвол ба андозаи 1 000 000 доллари ИМА дар охири муҳлати шартномаи лизингӣ, ин маънои онро дорад, ки ҳаҷми умумии

пардохтҳо аз рӯйи шартномаи лизингӣ ба муҳлати 5 сол 590 000 доллари ИМА-ро (бо роҳи аз ҳисоб баровардани арзиши харид, чун қоида 1% - дар навбати мо 10 000) ташкил медиҳад. Ҳисоб - (1 000 000 * (12 / 100)) * 5 + 1 000 000 = 1 590 000 + 10 000 (1 % арзиши харид) = 1 600 000 доллари ИМА.

Чун қоида, пардохти аввал (пешпардохт) 30% буда, дар ҳолати мо ба 300 000 доллари ИМА баробар мебошад. Захираҳои воқеии иловагии аз ҷониби лизингдиҳанда пешниҳодшуда 700 000 доллари ИМА-ро ташкил медиҳанд. Пас аз 5 сол, иҷорагиранда ба иҷорадиҳанда илова дар ба пардохти аввал маблаҳи умумии 1 300 000 доллари ИМА (700 000 доллари ИМА маблағи асосӣ бо иловаи болоравии нарх 600 000 доллари ИМА) пардохт менамояд.

Ҳамин тариқ, меъёри эъломиявии болоравии нарх дар мисоли мазкур 12% буда, шабеҳи ҷалби маблағгузории беруна дар ҳаҷми 17,14% дар як сол мебошад.

Агар шартномаи лизингӣ ҳисоби фоизҳо (афзоиши нарх)-ро танҳо аз рӯи қисми боқимондаи қарз бо назардошти аз ҳисоб баровардани пардохтҳои аллакай иҷрошуда (пешпардохтҳо, пасандозҳо ва ғайра) пешбинӣ намояд, пас он нишондиҳандаи меъёри афзоишро ба арзиши самарасохаи маблағгузорӣ наздик мекунад.

Лизинги кишоварзӣ ҳамчун шакли вижаи маблағгузории муддати тӯлонӣ дида мешавад, ки хусусияти он бо моликияти иҷорагӣ муайян мегардад.

Дигар олотҳои техникӣ аз он ҷумла объектҳои биологӣ ҳам ба лизинг дода мешаванд.

Маҳсулоте, ки ба воситаҳои лизингӣ истеҳсол мешавад, дар ҳолати коҳиш ёфтани ҳолати молиявии лизинг гиранда хусусияти ҷубронкунанда дошта бошад.

Пардохтҳои лизингӣ бояд ба таври марҳилавӣ, мутобиқи давомнокии истеҳсоли маҳсулот ҳамчунин боназардошти хусусиятҳои мавсимии онҳо муайян шаванд

Дастгирии молиявии давлат барои лизинг дар доираи маҷмӯи агросаноатӣ, ки ба истеҳсолоти кишоварзӣ, ҳамчун соҳаи асосии

таъминкунандаи амнияти озуқаворӣ, барои мамлакат аҳамияти муҳим дорад.

Паст будани сатҳи худтаъминкунии корхонаҳои кишоварзӣ, вобастагии онҳо аз омилҳои табиӣ ва ба андозаи зарурӣ кифоя набудан ва самаранокии пасти бозори қарзии соҳа, талабот ба дастгирии давлатии соҳаро дорад.

Амали намудани механизми кофии маблағгузории кишоварзӣ бо мақсади таъмин бо техникаи муосир, технологияҳои истеҳсолӣ ва инноватсионӣ лизингӣ давлатӣ метавонад аз як паҳлу ба муносибатҳои озодӣ бозоргонӣ монеъа эъҷод намояд.

Лизинг на танҳо ба рушди иқтисодии кишоварзӣ мусоидат мекунад, балки заминаи маърифати ҳосилнокии дорандагони заминро низ такмил медиҳад. Яке аз манфиатҳои асосии лизинг ин аст, ки он ба кам кардани хатар барои кишоварзон кӯмак мерасонад. Дар натиҷа, сиёсати давлатӣ бояд ин механизми замонавиро ҳавасманд гардонад, то ки кишоварзон бо муҳити байналмилалӣ мусодира накунанд ва ба самтҳои самараноки технологӣ гузарад.

Ҷалби сармояи хусусӣ ва тадбиқи барномаҳои иҷтимоииаҳамияти стратегӣ дошта, яке аз афзалиятҳои давлат дар раванди лизинг тавассути шарикии давлати ва бахши хусусӣ ифода меёбад.

Лизингҳои кишоварзӣ ба сарфаи маблағ ва масрафи калони якдафъаина ниёз надоранд, балки ба ниҳодҳои кишоварзӣ имконият медиҳанд, ки таҳлили марҳилавии объектҳоро риоя намоянд:

Корхонаҳои кишоварзӣ дар ҳолати риоя намудани талабот оиди сарфаи талаботҳои яквақтаи лизингӣ шартҳои зеринро риоя кунад:

-харидории тухмии хушсифат ва чоравои зотӣ барои таъмини иқтидорӣ баландӣ биологӣ;

-Иштирок дар пешбурди техникӣ-инноватсионӣ;

-дастрас шудаги олотҳои ҳозирамони чорадорӣ.

Доираи васеъи иштирокчиён ва имкониятҳоро хусусиятҳои дарозмуддат ва эътимоднокии муносибатҳои лизингӣ, барои пайваст намудани агро-лизинг бо шартномаҳои муҳлаташон дароз таъмин мекунад.

Ба ин васила, ҳар як харидории моликият тавассути лизинг нисбат ба харид бо қарз ё истифодаи маблағҳои шахсӣ хеле арзонтар аст, зеро иҷорагиранда метавонад барои коҳиш додани андозҳо ба таври муассир амал кунад, ва ин ҳуқуқи онҳо бо қонун таъмин гардидааст.

3. Мавҷудияти шартномаи чандир – дар муқоиса бо шартномаи қарзӣ, барои тарафҳо имкониятҳои чандири бештаре фароҳам меорад. Ин намуди шартнома имкон медиҳад, ки ҷонибҳо як нақшаи пардохтро бо шартҳои муфид роҳандозӣ намоянд.

4. Имконияти ҳисобгирии ғайритавозуниро метавон ҳамчун яке аз фазилатҳои беназир ва оқилонаи лизинг донист. Арзишҳои лизинг на фақат қарзи кредиториро дар ҳисоботи молиявии лизинггиранда зиёд мекунад, балки ҳамзамон таносуби қарзӣ ва сармояи шахсиро низ тағйир намедиҳад. Ин омили муҳим, барои дигар сармоягузорон, шароити муносиб ва ҷолибро барои омӯзиши вазъи молиявӣ ҳосил менамояд, инчунин имкони ташаккулёбии таърихи мусоид ва боэътимодро фароҳам мекунад, ки чунин вазъият на дар вақти қарзгирӣ ва на дар замони харидории мустақим дастрас мешавад.

5. Ҷадвали мусоиди пардохтҳо – пардохти лизингӣ бо роҳи мувофиқ ба лизинггиранда тақсимбандӣ карда мешавад, ки ба давраҳои муайян мутобиқат мекунад. Ин давраҳо замонеро дар бар мегиранд, ки дар онҳо ширкат истифодаи дороии лизингиро оғоз намуда, фоида ба даст меорад ва ин фоида аллакай мавриди амал қарор мегирад.

Пардохти лизингӣ (ҷадвали пардохти лизингӣ) дар созшиномаи тарафайн на зиёда аз як маротиба дар семоҳа таъгир дода мешавад.

6. Муҳлати шартномаи лизингӣ дар муқоиса бо шартномаҳои қарзӣ метавонад тулонитар бошад.

7. хафҳои бозгашти маблағи сармоягузрӣ аз корҳои пулӣ бо фарқ мекунад, ки иҷорагир ҳуқуқи моликияти иҷора додашударо ҳифз мекунад, зер пул ҳамчун гарав амал мекунад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муассисаи КВД “Тоҷикагролизинг”

баромад менамояд (Қарори Ҳукумати ҶТ аз 30.10.2007 №591).

Оинномаи корхонаи мазкур ва фаъолияти он дар асоси Конститутсияи ҶТ, Кодекси мадании Тоҷикистон ба роҳмонда шуда, сармояи оинномавии он 8 млн. Сомонӣ (2.3 млн.$ США) ташкил медод.

Айни замон сармояи оинномавӣ 160 миллион сомонӣ (14,1 миллион доллари ИМА)-ро ташкил медиҳад.

Бо мақсади аз ҷиҳати иқтисодӣ таъмин намудани Корхона, рушди амалиёти лизингӣ ва бо захираҳои зарурии техникӣ таъмин намудани истеҳсолкунандагони кишоварзӣ аз буҷети давлатии ҷумҳурӣ ҳар сол, аз ҷумла солҳои 2008-2013, 2016-2022 ва 2023 маблағ дар ҳаҷми 236 миллион сомонӣ ҷудо карда мешавад. Маблағгузории ҳифзи сохтори идоракунӣ ва дигар хароҷоти ғайриистеҳсолӣ аз ҳисоби маблағҳои фаъолияти худмаблағгузории ҶСК «Тоҷикагролизинг» сурат мегирад.




**Расми 3.4. Сохтори корхонаи воҳиди давлатии ҷумҳуриявии «Тоҷикагролизинг»**
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф.

Дар асоси шартномаҳои лизингӣ барои хариди техника, комбайн, нақлиёт ва дигар мошиноолотҳо барои ХДФ ва корхонаҳои соҳа сурат

мегирад. Ин амал то он даме, ки маблағи арзиши ин техника дар доираи шартҳои муайяншудаи шартномаҳои лизингӣ баргардонида шавад, идома меёбад. Инчунин, ба назар гирифта мешавад, ки техника пас аз анҷоми шартнома ба моликияти хусусӣ интиқол дода мешавад;

– таъсиси Марказҳои хизматрасонии техникӣ барои мошинҳо ва тракторҳо (МХТМТ-Машинно-Тракторные Станции) бо тарзи муносибатҳои лизингӣ хизматрасонии зиёди техникиро ташкил менамоянд.

Дар корхона дар дастгоҳи марказӣ дар маҷмӯъ аз рӯи ҷадвали штатӣ 42 нафар ва аз рӯи шартнома 30 нафар кор мекунанд, илова бар ин, дар филиалҳо 14 нафар коргарони доимӣ ва 6 нафар тибқи шартнома, инчунин 60 нафар сардорони Манказҳои хизматрасонии техникӣ ва механизаторон ба ҳисоби 218 нафар дар асоси шартнома, дар маҷмуъ дар корхона бо назардошти кормандони шартномавӣ 350 нафар корманд кору фаъолият мекунанд.

Дар корхона аз рӯйи ихтисос зиёда аз 22 нафар муҳандисони касбии дорои маълумоти олӣ, зиёда аз 16 нафар дорои маълумоти олии иқтисодӣ ва зиёда аз 25 нафар дорои маълумоти миёнаи техникӣ кор мекунанд.

Дар кӯтоҳтарин муддат, дар минтақаҳои гуногуни кишвар, 60 Маркази хизматрасонии техникӣ (МХТ) таъсис ёфт, ки аз он 24 адад дар вилояти Хатлон, 14 адад дар вилояти Суғд, 8 адад дар Кӯҳистони Бадахшон ва 14 адад дар Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҷойгир шудаанд. Ин марказҳо ба хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва бахшҳои хусусӣ дар самти истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ хизмат мерасонанд.

Бо қарори Президенти ҶТ 130-трактор ва130дастгоҳи техникӣ бо арзиши 10,9млн сомони дар давраи таъсиси марказҳо ҷудо карда шудааст.

Тавассути инкорхона ба марказҳои таъсисёфта техника ва таҳҷизоти кишоварзӣ бамаблағи 37 млн. Сомонӣ (1,2 млн $ ИМА корҳои техникӣ иҷро шудаанд, ки ин хидматҳо аз марҳилаи коркарди замин то ҷамъоварии ҳосилро фаро мегирад.

Бо ҳадафи таъмини кишоварзон бе назардошт аз шакли моликияташон,

бо техникаҳои зарурӣ, доир ба амалӣ намудани амалиёти лизингӣ корҳои фаъолгардонӣ идома доранд.

Дар раванди фаъолияти худ корхона зиёда аз 560 шартнома оид ба таъминоти техника ва таҷҳизоти кишоварзӣ бастааст. Аз ҷумла ба маблағи 491,4 млн сомонӣ, 104 адад комбайни ғалладарав, 2348 тракторҳо ва 66779 адад техникаи гуногун харидорӣ карда шудаанд.

Корхона дар давраи фаъолияти худ бо таъминкунандагон оид ба таъминоти техника ва таҷҳизоти кишоварзӣ зиёда аз 560 шартнома бастааст. Инчунин 2348 адад тракторҳои универсалӣ, 104 адад комбайнхои галладарав, 6779 адад техникаи гуногуни кишоварзӣ ба маблаги 491,4 миллион сомонӣ харидорӣ карда шудаааст.

Барои давраи 01.01.2023 сол ба КВД "Тоҷикагролизинг" зиёда аз 2750 дархост аз тарафи ХДФ барои харидори кардани техника ва таҳҷизоти кишоварзӣ ба маблағи 6,5 млн. Сомонӣ (6,5 млн. $ США) ворид гардидааст.

Ҳоло ба техника ва таҳҷизоти кишоварзӣ 270 ҳазор хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар ҳаҷми 4,6 млр. сомонӣ (460 млн $ США)-ро ташкил медиҳад. Дар ҷумҳури норасогии тракторҳои унверсалӣ 18337 адад, комбайнҳои ғалладарав 1773 ададро ташкил медиҳад.

Ҷиҳати қонеъ гардонидани талаботи хоҷагиҳои деҳқонии дар боло номбаршуда КВДҶ «Тоҷикагролизинг» дар ҳама самтҳо, аз ҷумла дарёфти қарзу кумак корҳои пурсамарро ба роҳ мондааст.

Корхона дар солҳои 2009 ва 2011 ду маротиба ба Агентии Ҷопон оид ба ҳамкории байналмилалӣ (JICA) лоиҳаи кумаки ройгон ба хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)-и камдаромадро ба маблағи 4 миллион доллари ИМА пешниҳод намуд. Аз тарафи Ҳукумати Ҷопон барои лизинг чунин таҳҷизотҳо ба 184 ХДФ дода шуд:

-тракторҳои универсалӣ 161 адад;

-комбайнҳои ғалладарав 23-адад;

- плугҳои трактори ба маблағи млн $ ИМА.

Пешбурди корҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар асоси Қонуни Ҷумҳурии

Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ» аз соли 1999, ки мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон №212 аз 26 ноябри соли 2006 тағйирот ворид карда шудааст, танзим карда мешавад.

Бо мақсади баланд бардоштани сифат ва шаффофияти бахисобгирии муҳосибӣ фароҳам овардани низоми автоматонидашуда пешбинӣ карда шудааст.

Лизинг, ҳамчун як усули махсуси маблағгузории сармоя, то ҳол бо сабаби чанд монеаи рушд он бо амалия пайваст нагардидааст.

Мо бар инем, ки ислоҳоти низоми андозбандӣ ва меёрҳои фоизи кредитҳои бонкӣ метавонанд барои рушди ин усулҳои ғайримуқаррарии сармоягузории кишвар самаранок бошанд.

Дар мамлакатҳои пешрафта нисбати дигар давлатҳо бо назардошти камбуди ва норасиҳои сармоягузорӣ, миёни бонкҳои тиҷоратӣ, ширкатҳои лизингӣ ва дигар ташкилотҳои молиявии ғайрибонки рақобати комил вуҷуд надорад.

Дар ташкили лизинги молиявии соҳаи кишоварзӣ мушкилотҳои зерин ҷой доранд:

-дар иштирокчиёни муносибатҳои лизингӣ рост наомадани манфиатҳо;

-дастгирии давлатии фаъолияти лизингӣ соҳаи кишоварзӣ;

-дар раванди такрористеҳсол беҳтар намудани механизми лизинги кишоварзӣ (агролизинг).

Дар соҳаҳои воқеъии иқтисод густарии додани маҳдудиятҳо оид ба қарздиҳии муҳлаташ миёна ва дарозмуддат, ва дар ин замина ҷорӣ намудaниусулҳои алтернативии ғайритавозинии маблағгузории сармоя байни лизинг гиранда ва лизингдиханда.

Арзиши молҳое, ки харидори шуда ба тавозун гирифта мешаванд, ки харидори шуда ба тавозун гирифта мешаванд, ки дар он арзиши амвоз, баъдан аз андози супоридашуда ва амортизатсия ҳисоб карда мешавад, меъёрҳои ҷорӣ андозаи арзиши иловашуда ва боҷҳои гумрукӣ зиёд мешаванд.

Ба партохти лизингӣ ба лизингиранда дар рафти муомилоти лизингӣ

ҳаҷми маблағи андоз аз арзиши иловашуда, ки он 1/5 ҳиссаи муомилоти лизингиро ташкил медиҳад сарбории иловагиро ба вуҷуд меорад.

Дар ин ҳолат иҷорадиҳанда дар ҳаҷми 1/5 ҳиссаи муомилоти лизингро, ки дар он ААИ дохил мешавад бояд пардохт намояд. Дар ҷумҳурӣ ҳангоми ҳисобӣ хурдашавӣ амал мекунад, ки ин усул бо зиёд шудани таснифоти арзиши амортизатсия бо гузаштани вақт вобаста аст.

Истифодаи амортизатсияи суратбахш тибқи қонунгузории ҷорӣ на зиёда аз ду маротиба иҷозат дода мешавад ва бояд қайд намуд, ки ҳисоби амортизатсионии аз меъёри барзиёд ба манбаи андозашанда дохил шуда, барои онҳо андоз муқаррар карда мешавад.

Аз ин ҷо барои гаронии андози ААИ ва андоз аз фойда, иҷорагир ҳангоми ҳисоб ва пардохт намудани пардохти лизингӣ уҳдадор мешавад. Асосҳои ҳуқуқи механизмҳои иқтисодӣ, барои иҷроиши амалиётҳои лизингӣ дар малакат дар интихоб бояд мувофиқат намоянд.

Дар ин раванд омилҳои зиринро ба назар гирифтан зарур аст:

- амалинамоии механизми муосири ҳифзи молистеҳсолкунандагони кишоварзӣ, дар чорчубаи ҳуқуқии муносибатҳои лизингӣ, истеҳсол-кунандагони таҳҷизот бояд дар ҷойи аввал истад;

- бо сабаби вайрон нашудани принсипҳои нархгузории бозорӣ ва баланд шудани нархи таҳҷизотӣ лизингӣ, имконияти аз фондҳои иҷоравӣ ба корхонаҳои таъминотӣ захираҳои мақсадноки молиявӣ ҷудо карда шавад.

- аз тарафи инфлятсия мущофизат намудани фонди лизинг ва индексатсияи он;

- тағйир додани усул ва шаклҳои таъмини захираҳо дар соҳаи кишоварзӣ, ки коҳиш ёфтани таъминоти техникиро дар минтақаҳои деҳот бо назардошти беҳтар намудани муносибатҳо байни истеҳкунандагон таъминкунандагон ва истифодакунандагони воситаҳои техникӣ бояд шароити нав ташкил кард.

Дар соҳаи кишоварзии Тоҷикистон шартҳои имтиёзноки лизингро бо мақсади дастгирии хоҷагиҳо ташкили лизигӣ давлатӣ ба роҳ монда шудааст, ки ба онҳо самтҳои зерин мешаванд:

- паст намудани ҳаққи иҷораи лизинг то 5% арзиши боқимонда;

- вобаста ба арзиши воситаи техникӣ, ҷорӣ намудани пардохти хоҷагиҳои ибтидоии тафривақавӣ;

- бидуни таваррум амалисозии пардохтҳои нархҳои лизингӣ.

Дар хариди таҳҷизоти лизингие, ки аз ҳисоби маблағҳои давлатии амали мешаванд, бояд дар асосии озмун ва ғолибият дар он ба воситаи Агентии хариди назди Ҳукумати ҶТ ба роҳмонда шудааст.

**Ҷадвали 3.3. - Маълумот дар бораи хариди техника ва таҷҳизот дар КВДҶ «Тоҷикагролизинг» дар давраи солҳои 2008-2022 ва дар моҳи декабри соли 2022**

| 1. Аз хисоби маблағҳои буҷетӣ | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| **Солҳо** | **Техника** | | **Таҷҳизот** | | **Ҳамагӣ (сомонӣ)** |
| | **Микдор (адад)** | **Арзиш (сомонӣ)** | **Микдор (адад)** | **Арзиш (сомонӣ)** | |
| 2008 | 67 | 4961056 | 182 | 2116852 | 7077908 |
| 2009 | 23 | 2875290 | 86 | 624710 | 3500000 |
| 2010 | 39 | 3167490 | 27 | 332510 | 3500000 |
| 2011 | 61 | 6265300 | 23 | 238725 | 6504025 |
| 2012 | 32 | 3496800 | - | - | 3496800 |
| 2013 | 31 | 3470970 | - | - | 3470970 |
| 2016 | 52 | 15000000 | - | - | 15000000 |
| 2017 | 209 | 46486772 | 121 | 3513228 | 50000000 |
| 2018 | 138 | 30000000 | | | 30000000 |
| 2019 | 53 | 10840318 | 115 | 4159682 | 15000000 |
| 2020 | 46 | 9694490 | 208 | 5305510 | 15000000 |
| 2021 | 67 | 16758200 | 198 | 7523742 | 24281942 |
| 2022 (декабр) | 51 | 17810450 | 12 | 1189550 | 19000000 |
| **Дар маҷмуъ:** | **869** | **170827136** | **972** | **25004509** | **195831645** |

**Сарчашма:** Маълумоти фаврии КВДҶ «Тоҷикагролизинг»

Баланд будани фоизҳои меёрии иҷораи воситаҳои техникӣ ба сохторҳои тиҷоратӣ дахл доранд, ки сабаби асосии пешрафти сармоягузории дароз муддат дар бонкҳои тиҷоратӣ ва ширкатҳо дар амалиёти лизингӣ мебошанд ва муҳлаташон аз 3-5сол ё бештар аст, ки сабаби ноустуворӣ дар иқтисодиёт ва сатҳи таваррум дар ҷумҳурӣ мебошанд.

Ин ҳолат метавонад боиси пароканда шудани фонди давлатӣ барои лизинг, барнагардонидани маблағҳо ва нобуд шудани назорати дар хусуси самаранокӣ истифодаи онҳо гардад.

Соли 2008-2022 КВД "Тоҷикагролизинг" ба маблағи 195831645 сомонӣ барои ХДФ ба зиёда аз 120 дархост барои харидорӣ намудани техника ва таҳҷизоти кишоварзӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷавӣ (ҷадвали 3.3.1.) қисми таъмин карда шуданд.

Амалиёти лизингӣ ва иштирокчиёни он бо иштироки муаллиф дар асоси низомнома дар барои харид ва тартити он бороҳи озмун бо мақсади лизинги таҷҳизот барои комплекси агросаноатӣ, ба сохторҳои бонкӣ аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ ҷудо намудани воситаҳои пулӣ ва шартҳои имтиёзноки болозикри лизинги давлатиро пешбинӣ менамояд.

Дар марҳилаи аввали сармоягузорӣ, ҷалби сармояи тиҷоратӣ ва ширкатҳои хусусии комилан душвор мебошад.

Пардохти лизингӣ дар соҳаи кишоварзӣ дар шароити нокифоягии молиявӣ ва дороиҳои пардохтшавандаи лизингирандагон, ки хусусияти ҷубронкунанда аз истифодаи воситаҳои лизингии маҳсулот истеҳсол мекунад хусусиятҳои қубронкунанда дошта бошанд.

Ба андешаи мо ҳамчун манбаи ягона истифодаи маблағҳои буҷавӣ ва муассисаҳои молиявии тиҷоратӣ (бонкҳо), ҳамчун манбаи маблағгузории лизинг нодуруст аст.

Ба андешаи мо барои таъмини рақобатнокӣ дар бозори хизматрасони лизингӣ, новобаста аз он, ки лизингт давлатӣ шакли муҳими дастгирии истеҳсолкунандагони деҳот мебошад, ҳамчун ташкилотҳои алоҳида фаъолият намояд.

**Ҷадвали 3.4. - Лизинги техника аз ҷониби «Тоҷикагролизинг» аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ дар соли 2021**

| № | Номгӯи техника | Шумора адад | Нарх сомонӣ | Ҷамъ сомонӣ |
|---|---|---|---|---|
| | **КК «ТоҷИрон»** | | | |
| **1** | Трактори «ТоҷИрон 285 2 WD» | 10 | 87560 | 875600 |
| **2** | Трактори «ТоҷИрон 2854» | 8 | 121880 | 975040 |
| **3** | Плуг (омоч) | 16 | 5680 | 90880 |
| **4** | Алафдарав | 7 | 3757 | 26299 |
| **5** | Грейдер | 10 | 4017 | 40170 |
| **6** | Окучник (ҷуйкаш) | 10 | 3432 | 34320 |
| **7** | Комбайни ғаллағункунанда | 5 | 204930 | 1024650 |
| **8** | Дастгоҳи фишордиҳанда (пресс-подборщик) | 2 | 48110 | 96220 |
| | **Ҳамагӣ:** | **3163179** | | |
| | **КК «Новселмаш»** | | | |
| **8** | Чизел-култиватор ЧКУ | 10 | 4380 | 43800 |
| **9** | Датгоҳи ҳамворкунӣ (Борона – зигзаг) | 50 | 438 | 21900 |
| | **ҶС «Сомон-Кулоб таҷҳизот»** | | | |
| **10** | Датгоҳи ҳамворкунӣ (Борона – зигзаг) | 100 | 4380 | 438000 |
| | **ҶС «Авторем»** | | | |
| **11** | Ғалладонакунанда | 10 | 14454 | 144540 |
| | **ҶС Таҷиктекстилмаш»** | | | |
| **12** | Култиватор-окучник | 21 | 3942 | 82782 |
| | **Ҳамагӣ** | **3894201** | | |

**Сарчашма:** Маълумоти фаврии КВДҶ «Тоҷикагролизинг»

Шартҳои асосии рушди муносибатҳои лизингӣ ин баргардонидаи пардохтҳоилизингӣ мебошад. Чӣ хеле, ки нишондиҳандаҳои ҷадвали 3.3.3 нишон медиҳад арзиши трактори МТЗ-82 16,7 ҳазордоллари ИМА, пардохти аввала -20%, ҳақи иҷора 12% аришро ташкил медиҳад.Аз ҳисоби маблағҳои худи “Тоҷикагролизинг” 5529 тракторро харидорӣ намуда онро ворид намудааст.

Сатҳи бо техника таъмин намудани ХДФ аз ҳисоби буҷа ва маблағҳои худии КВД “Тоҷиклизинг”, мувофиқи талаботҳои ҷадвал 2/3 ё ин, ки 66,3% ташкил медиҳад, ки талаботи воқеъи нисбат ба воситаҳои техникии воридшуда зиёдтар мебошад.

**Ҷадвали 3.5. - Лизинги техникаи «Тоҷикагролизинг» аз ҳисоби воситаҳои худӣ**

| Солҳо | Техника | | Таҷҳизот | | Ҳамагӣ (сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| | Шумора (адад) | Арзиш (сомонӣ) | Шумора (адад) | Арзиш (сомонӣ) | |
| 2008 | 28 | 2045588 | 37 | 130200 | 2175788 |
| 2009 | 32 | 2494625 | 45 | 365382 | 2860007 |
| 2010 | 49 | 4265723 | 91 | 839886 | 5105609 |
| 2011 | 62 | 5809270 | 206 | 2709481 | 8518751 |
| 2012 | 66 | 7225610 | 156 | 2898379 | 10123989 |
| 2013 | 80 | 9454505 | 145 | 2112280 | 11566785 |
| 2014 | 109 | 12210468 | 90 | 2116518 | 14326986 |
| 2015 | 111 | 15672063 | 279 | 5201492 | 20873555 |
| 2016 | 125 | 13348820 | 581 | 8442938 | 21791758 |
| 2017 | 48 | 12486348 | 1325 | 8660717 | 21147065 |
| 2018 | 79 | 15489476 | 689 | 10771754 | 26261230 |
| 2019 | 78 | 14778702 | 415 | 9481973 | 24260675 |
| 2020 | 90 | 16941430 | 353 | 8597233 | 25538663 |
| 2021 | 85 | 13979440 | 429 | 10509118 | 24488558 |
| 2022 (декабр) | 105 | 14187190 | 688 | 24883187 | 39070377 |
| **Дар маҷмуъ:** | **1147** | **160389258** | **5529** | **97720538** | **258109796** |

**Сарчашма:** маълумоти КВДҶ «Тоҷикагролизинг» ва ХДФ

Ба фикри мо тарифи баргардонии пардохти лизингӣ (моҳона, семоҳа, нимсола) ба фармони солона бо назардошти давраҳои истеҳсолӣ бояд тағир дода шавад, ки партохтҳои лизингӣ мӯҳлати истеҳсоли маҳсулоти нигоҳӣ ва хосиятҳои молиявии онро дар бар мегирад.

Онҳо талаботҳои конвенсияи байнаймиллалии лизингиро дар самтҳои зерин дар бар мегирад:

- ҳисоб (тарз)-и пардохтҳои лизингӣ;
- амалиятҳои ҷаримавӣ дар ҳолати пардохт нанамудани шартҳои капитализатсияи амволи лизинг (ба ҳисобгирии амвол дар тавозуни) гирандаи лизинг;
- суғуртакунонии амволи лизингӣ;
- барои рушди амалиятҳои лизингӣ ва татбиқи таҷрибаи байналмиллалӣ оид ба омода намудани санадҳои меёрӣ, ҳуқуқӣ ва маводҳои

методологӣ хело муҳим мебошад.

Яке аз шароитҳои муҳими таъмини бозпардохти лизингӣ ин мавҷуд будани механизми мазкур мебошад, ки он дар ҷадвали 3.3.4 нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 3.6. - Шумораи воситаҳои техникие, ки тавассути манбаҳои грантӣ дар соли 2022 ба даст оварда шудаанд (Лоиҳаи рушди соҳибкорӣ IMG-JICA)**

| Солҳо | Техника | | Таҷҳизот | | Ҳамагӣ (сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| | Миқдор (адад) | Арзиш (сомонӣ) | Миқдор (адад) | Арзиш (сомонӣ) | |
| 2022 | 6 | 1540030 | 4 | 51900 | 1591930 |
| **Дар маҷмуъ:** | **6** | **1540030** | **4** | **51900** | **1591930** |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф аз рӯйи маълумоти Лоиҳаи рушди соҳибкорӣ IMG-JICA

Таҳлили шароити маблағгузории амалиётҳои лизингӣ бо назардошти вазъи молиявии харидорони эҳтимолӣ, имтиёзҳо, равандҳои беқурбшавӣ дар ҶТ такя намуда, мо пешниҳод менамоем, ки фоизи иҷора (лизинг) 8-10%-и солона зиёд набошад, ки он ба ширкатҳо ҷуброни 12%-солонаро дар фаъолияти лизингӣ таъмин менамояд.

Масъалаҳои ба баланси истеҳсолкунанда ворид намудани амволи манқул ва ғайри манқул, барои беҳтар намудани шароитҳои лизингӣ байналлмилалӣ ва дохилӣ ба назари мо бо назардошти ариши андозаи иловашуда ва андози қарзиро тарҳ намудан, ҳал карда шавад. Бо мақсади ба вуҷуд овардани муҳими рақобатӣ дар байни қарзҳои бонкии муқаррарӣ, бояд дар раванди қарздиҳии бонки ба ивази фоизҳои муқаррарӣ фоизҳои дисконтии шинокунанда пешниҳод шавад. Барои ин як қатор масъалаҳои макроиқтисодӣ ва инфрасохтори ташкили амалиёти лизингиро зарур аст, ки ташкил дода шавад.

Бо мақсади таъмини рушди устуворӣ иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар мамлакат маҷмӯи сиёсати давлатии сармоягузорӣ ва равандҳои он такмил дода шавад.

## Хулоса оид ба боби сеюм

Дар шароити нави сиёсати иқтисодӣ ташкил додани принсипҳои сиёсати сармоягузорӣ зарурият дорад, то замоне, ки дар мамлакат то марҳилаи рушд ва марҳилаи мултипликативӣ ноил шавад, дахолати давалтӣ зарур аст.

Таҳия ва амалӣ намудани сиёсати мазкур тариқи ҳамкории мақомоти идораи давлатӣ ба роҳ гузошта шудааст.

Дар шароити нави сиёсати иқтисодӣ ташкил додани принсипҳои сиёсати сармоягузорӣ зарурият дорад, то замоне, ки дар мамлакат то марҳилаи рушд ва марҳилаи мултипликативӣ ноил шавад, дахолати давалтӣ зарур аст.

Дастгирии воридоти сормояи дохилӣ ва хориҷӣ бо мақсади таъсиси ҷойҳои навӣ корӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум дар деҳот бо шароити фароҳам овардани шароити мувофиқи идоракунӣ ва ҷалби сармоя ба соҳаи кишоварзиро Ҳукумати мамлакат хуб дарк менамояд.

Аз назари мо, захираҳои сармоягузорӣ дар кишоварзӣ бояд ба лоиҳаҳое равона карда шаванд, ки – зуд самара меоранд амн;ияти озуқаворӣ ва шуғлварзӣ дар соҳаро таъмин менамоянд;

чорӣ намудани иқтисоди самаранок дар асоси истифодаи техналогияҳои нав таъмин мегирад.

Дар корхонаҳои кишоварзӣ истифодаи сармояи хоричӣ ва ҷалби василаҳои молиявии маҳаллӣ бо итмон аст.

Дар корхонаҳои кишоварзие, ки сатҳи пардорхпазириашон паст аст, меъёрҳои мувофиқ барои ҷалби сармояи хориҷӣ ва ҷалби воситаҳои молиявии маҳаллӣ, истифода бурдан зарур аст.

Пешравии фаъолияти лизингӣ, яке аз самтҳои асосии рушди фаъолияти сармоягузорӣ ва ҷалби маблағҳои иловагӣ мебошад.

Дар навбати аввал фароҳам овардани муҳити муосири институт-сионалӣ, масъалаҳои ташаккули шаклҳои самаранокӣ истифодаи самроя, яке аз воситаҳои муҳими фаъолиятӣ сармоягузорӣ мебошад.

Муносибатҳои методии механизмҳои ҷалби сармоягузорӣ таҳлили самтҳои анъанавӣ ва навинро ифода мекунанд, ки ин самтҳо солҳои охир дар

асоси таҳлили натиҷаҳо ва мушкилоти рушди комплекси сармоягузории дохилӣ ташаккул ёфтаанд.

Дар амалисозии маблағгузории давалатии лизинг ва танзими муносибатҳо дар соҳаи кишоварзӣ, иштироки давалатиро ҳамчун маҷмӯи муносибатҳо баррасӣ намудан зарур аст.

Заминаи меёри ҳуқуқӣ ва механизмҳои пешбурди амалиётҳои лизингӣ дар ҶТ ба фикри мо омилҳои зеринро бояд дар бар гирад:

- Дар бозори лизингӣ ташкил додани заминаҳои ҳуқуқӣ;

– коркарди тадбирҳо оид ба пешгирӣ намудани инфлятсия ва индексатсия намудан дар рафти амалиёти лизингӣ.

# ХУЛОСА

## Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

1. Сармоягузорӣ нақши асосӣ мебозад ва шарти зарурии пешрафти иктисодиёт мебошад. Зеро онҳо ҷанбаҳои бунёдии фаъолияти иқтисодиро фаро гирифта, ба раванди умумии рушди иқтисодӣ таъсири назаррас мерасонанд.

Иқтидори истеҳсоли соҳаи кишоварзии кишвар, нишондиҳандаи самаранокии кори он, ҳамчунин сохтори ширкатҳои соҳавӣ ва давраҳои такрористеҳсолии истеҳсолот - ин ҳама ба хусусиятҳои сифатӣ ва миқдории сармоягузорӣ ва шиддатнокии равандҳои сармоягузорӣ алоқаманд мебошанд. Дар асоси маълумотҳои пешниҳодшуда, комилан равшан аст, ки барои амалисозии тағйиротҳои мусбӣ дар комплексҳои агросаноатӣ бе сармоягузорӣ кардан имконнопазир мебошад.

Дар доираи тадбирхои тараккиёти комплекси агросаноатй зиёд кардани хачми маблаггузорй ахамияти калон дорад. Рушди самараноки соҳаи кишоварзӣ, пеш аз ҳама, кишоварзӣ, васеъ намудани сармоягузориҳои мустақимро дар бар мегирад, ки ба равандҳои такрористеҳсолӣ мусоидат мекунанд. Дар ин шароит аҳамияти истифодаи оқилонаи тамоми манбаъҳои маблағгузорӣ хеле меафзояд. Дар шароити хозира имкониятхои маблаггузории худмаблаггузорй махдуд аст. Аз ин рӯ, барои таъмини рушди устувори онҳо зарур аст, ки манбаъҳои иловагии маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ, махсусан дар шакли маблағҳои қарзӣ фаъол карда шаванд.

2) Бояд қайд кард, ки илова бар ин, заминаи консептуалии ташкили механизми танзими иктисодии раванди сармоягузори дар комплекси агросаноатй тартиб дода шудааст. Мақсади асосии консепсияи пешниҳодшуда барқарор ва рушди нерӯи сармоягузории комплекси агросаноатӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ мебошад.

Бо такя ба консепсияи пешниҳодшуда, механизмҳои барои танзими иқтисодии равандҳои сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатии кишвар

чунин ҷиатҳоро дар бар мегирад: омода кардани системаи низоми инноватсионӣ барои кишоварзии ҷумҳурӣ; асоснок намудани элементҳои стратегияи тағйирот дар сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатии кишвар; ташхиси фаъолияти комплекси агросаноати минтақавӣ ва бозори маҳсулоти кишоварзӣ; ташаккули кластерҳои истеҳсолии минтақавӣ; муайян намудани омилҳое, ки дар соҳаи кишоварзии мамлакат имкониятҳои фаъолияти самроягузориро таъмин менамоянд; паст намудани эҳтимолияти хатарҳо, беҳтар намудани қарорҳои идоракунии дар баҳодиҳии лоиҳаҳаи сармоягузорӣ таъмин менамоянд.

3. Соҳаи кишоварзии мамлакат иқтидори назарраси онро таҳлилҳо нишон медиҳад. Тараккиёти комплекси агросаноатӣ ба халли проблемахои молиявй, иктисодй ва ичтимой, аз кабили фоизи баланди ахолии дехот, паст будани дарачаи бо кор ва музди кор ёрӣ расонда метавонад. Ба воситаи баланд бардоштани маҳсулотнокии чорводорӣ дар истифодаи маҳсулоти кишоварзӣ имконпарзир аст.

Мо чунин мешуморем, ки истедсоли гушту шир, меваю сабзавот самтдои перспективии тараддиёти соҳаи кишоварзӣ мебошанд, ки ба тамоюлдои дарозмуддати бозори минтакавй мувофиканд. Шароити табиии республика ба тараккй додани истехсоли кутос мусоидат мекунад, ки он метавонад яке аз сохахои перспективаноки чорводории районхои кухсор гардад.

4. Бояд гуфт, ки дар шароити омузиши равандхои сармоягузори дар Точикистон, сарфи назар аз ахамияти аввалиндарачааш дар истехсолоти минтакави фаъолияти инвеститсионии корхонахо, махсусан дар комплекси агросаноати паст ба назар мерасад. Солҳои охир ҷумҳурӣ яке аз минтақаҳои ҷолиби нокифояи сармоягузорӣ ва сатҳи баланди таваккалӣ ба ҳисоб меравад, ки ба вазъи иқтисодии он таъсири манфӣ мерасонад.

5. Равандҳои ба ҳамдигарзиҷро ҳамчун шакли муосири тиҷорат дар замони ҳозира лизинг, ки хусусиятҳои қарзиро бо вазифаҳои сармоягузории молиявӣ ва иҷора пайваст мекунад, баланд шудани натиҷа ва саранокии баланди низоми истеҳсолӣ аз фоидае, ки аз фаъолияти лизингӣ дар раванди

такрористеҳсол ба вуҷуд меоянд вобастагӣ дорад.

Лизинг ҳамчун маҷмӯи муносибатҳои молиявӣ, қарзи иҷора сармоягузорӣ мустақим ва ғайримустақим баромад намуда, ин имкониятҳои системавӣ ташаккули имкониятҳои қарзӣ, молиявӣ ва сармоягузориро таъмин менамоянд суръат бахшидан ба рушди иқтисодӣ ва таъмини моддӣ ва барқарор намудани иқтидорӣ техналогӣ ва техникӣ-лизинг саҳми калон дорад.

Ин муносибатҳо бо мизоҷон ва таъминкунандагон, шарикон ва ғайридавлатӣ робита қарор медиҳанд, ки дар натиҷа, барои рушди муназзам ва устувори иқтисод равандҳо ва лоиҳаҳои муҳимро таҳия мекунанд.

Лизинг дар соҳаи кишоварзӣ як шакли хосии маблағгузории дарозмуддат мебошад, ки хосияти он объекти иҷорагирӣ шудааст, ки он на танҳо таҳҷизотӣ техникӣ балки биологиро таъмин менамояд:

- Сари вақт дастрас намудани объекти иҷора;

- Ҷуброн намудани хараҷоти истеҳсоли маҳсулоти ба воситаҳои лизингӣ истеҳсолшуда бо назардошти имкониятҳои пардохтпазирии иҷорагирандагон дар соҳаи кишоварзӣ;

-ба эътибор гирифтани давраи истеҳсолии маҳсулот ва хусусиятҳои мавсимӣ дар механизми пардохти лизингӣ.

Амалгарди механизми ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ дар лизинги кишоварзӣ, бо диққат ба миқёси васеи маблағгузории давлатӣ ба комплекси агросаноатӣ, дар контексти таҳкими муҳити рақобатӣ, асолат додаат ба асосҳои молиявӣ ва зеҳнӣ ва чандирии равандҳои тиҷоратии ширкатҳои лизингӣ имконият фароҳам меорад.

Имкониятҳои ҳамгироии лизинги кишоварзӣ дар шартномаи франчайзинг инкос шуда аст, ки дар он гирандаи лизинг на фақат техника ё технологияи нав, балки инчунин хизматрасониҳои таъмири техникӣ, суғуртакунӣ, машваратӣ ва миёнаравиро низ дастрас менамоянд.

6. Лизинг хусусиятҳои кредит, фаъолияти сармоягузории молиявӣ ва иҷораро муттаҳид намуда, модели ягонаи тиҷоратро ташкил медиҳад.

Натичахое, ки бо ичора дар як мархалаи процесси истехсолот ба даст оварда шудаанд, ба дигар мархалахои он таъсир расонда, самараи умумии системаи истехсолотро баланд мебардоранд.

Системаи шарикии давлат ва хусусиро дар агролизинг метавон ба шарофати маблағгузории назарраси давлатӣ ба соҳаи кишоварзӣ ва фазои рақобатпазир фаъол кард. Имконияти ҳамгироии агролизинг бо франчайзинг кафолат медиҳад, ки иҷорагир на танҳо таҷҳизоти нав, балки хидматҳои иловагӣ ва хизматрасонии машваратӣ низ мегирад.

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот:**

1. Сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ - ин маблағгузорӣ дар шакли пулӣ, Истифодаи пурраи табиӣ-иқлимӣ ва иқтисодӣ ба воситаи сармоягузории соҳаи кишоварзӣ (шакли пулӣ ва моддӣ) расидан ба натиҷаи мусбии молиявӣ дар соҳаи кишоварзиро таъмин менамояд.

2. Интихоби самтҳо ва сатҳҳои нисбатан оқилонаи сармоягузорӣ ба истеҳсолоти кишоварзӣ маҳз дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи ҳислатҳои ҳамгирои ҳолати объекти сармоягузорӣ бо роҳи мушаххаснамоии минбаъдаи самаранокии раванди сармоягузорӣ, чӣ аз ҷиҳати умумишуда ва чӣ аз рӯйи нишондиҳандаҳои хусусии дарбаргирандаи хусусиятҳои сармоягузорӣ ва натиҷаҳои татбиқи онҳо дар соҳаи кишоварзӣ, муайян карда мешавад.

3. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди истеҳсолот ва раванди сармоягузории корхонаҳои кишоварзӣ дар ҳолати пеш аз бухронӣ тавсиф карда мешавад, ки ки он бо коҳиши якбораи истеҳсолот, нобудшавии тамоми унсурҳои иқтидори захиравӣ, бад гардидани вазъи молиявии аксарияти корхонаҳои кишоварзӣ ва коҳишёбии ҳаҷми сармоягузориҳои дарозмуддат ифода меёбад.

4. Коҳиш додани сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ аз ҳисоби буҷетҳои ҳамаи сатҳҳо ва зуд кам кардни ҳаҷми сармоягузории маҷмуӣ ҳангоми ба амал омадани тақвиятёбии нақши маблағҳои худии истеҳсолкунандагоне, ки манбаи афзалиятноки кулли сармоягузориҳо ба корхонаҳои кишоварзӣ гардидаанд, ба мақсади рушди мусбат ва баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ ҷустуҷӯи манбаъҳои иловагиии сарммоягузориро талаб мекунад.

5. Самаранокии истеҳсолот дар соҳаи кишоварзӣ табиатан ҳам аз сатҳи сармоягузорӣ ва ҳам аз муфидгардонии сохтори онҳо, яъне самтҳои асосӣ ва ҳамчунин аз махсусгардонии истеҳсолот, инкишофи робитаҳои кооператсионию иттиҳодиявӣ ва дигар шароитҳои раванди такрористеҳсолкунӣ дар соҳаи кишоварзӣ вобаста мебошад.

6. Норасоии захираҳои молиявӣ корхонаҳои кишоварзиро водор мекунад, ки доираи ҷустуҷӯи сармоягузорони эҳтимолии ба сармоягузории истеҳсолоти нисбатан самаранок омодаро васеътар намоянд, аз ин лиҳоз, маҷмӯи тадбирҳо барои фаъолгардонии раванди сармоягузорӣ дар ҳама сатҳҳои хоҷагидорӣ, махсусан дар ҳар як корхонаи кишоварзӣ, зарур шуморида мешавад.

7. Барои раҳоӣ аз бухрони сармоягузорӣ бояд тавассути коҳиш додани гаронии андоз ҳам барои корхонаҳои кишоварзӣ ва ҳам барои ташкилотҳое, ки ба кишоварзӣ сармоягузорӣ мекунанд, иштироки давлат пурзӯр карда шавад. Ғайр аз ин, бояд маблағгузории буҷетӣ дар комплекси агросаноатӣ тафриқабандӣ карда шуда, афзалиятҳои воқеии рушди соҳаи кишоварзӣ дар низоми комплекси агросаноатӣ фароҳам оварда шавад.

8. Муносибати амалии ояндадор дар самти ҷалби сармоягузорӣ – ин ташаккули ширкатҳои ба таври амудӣ муттаҳидшудаи кишоварзӣ аз рӯйи занҷири технологии «истеҳсоли ашёи хом - коркард - фурӯш» мебошад. Чунин муносибат фароҳам овардани муносибатҳои баробарҳуқуқи иқтисодии байни истеҳсолкунан-дагони махсулоти кишоварзӣ ва коркардро таъмин намуда, ба аз нав тақсим кардани воситаҳои сохаи сеюми комплекси агросаноатиро ба кишоварзӣ тавассути сармоягузории мустақим, лизинги таҷҳизот, қарзи молӣ ва ғайра мусоидат мекунад.

9. Тамоюли зиёдшавии сармоягузории маҷмӯи, ки ба зиёд шавии истехсол ва самаранокӣ, аз он ҷумла афзоиши маҳсулот, даромад, фоидаи миёнаи коркард аз 1га ба ҳисоби миёна 1000 сомонӣ, арзиш (фондҳои асосӣ, ойномавӣ) ба зиёдшавии даромаднокии истеҳсолот мусоидат намуд.

10. Аз ин рӯ, корхонаҳои кишоварзиро зарур аст, ки раванди сармоягузориро ҳамчун самти афзалиятноки баланд бардоштани самаранокии кишоварзӣ фаъол гардонанд.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

## Санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ


**1.** Барнома оид ба беҳтар намудани вазъи мелиоративии заминҳои обёришавандаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2023.

**2.** Барномаи давлатии сармоягузориҳо барои солҳои 2021-2025.

**3.** Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 13 декабри соли 1996, №327). – 44 с.

**4.** Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 28 декабри соли 2016, №678) дар бораи «Барномаи миёнамӯҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2026 (БМР 2021-2026)». – 202 с.

**5.** Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 1 августи соли 2012, №383) дар бораи «Барномаи ислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2026». – 44 с.

**6.** Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 1 октябри соли 2016, №392) дар бораи «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030». – Душанбе, 2016. – 89 с.

**7.** Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 3 марти соли 2014, №144) дар бораи «Консепсияи пешрафти инноватсионии комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон».

**8.** Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 31 августи соли 2012, №450) дар бораи «Барномаи давлатии азхудкунии заминҳои нави обёришаванда ва барқарорсозии заминҳои аз гардиши кишоварзӣ берунмонда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2026». – 16 с.

**9.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бонки миллии Тоҷикистон» (аз 28 июни соли 2011, №722). – 32 с.

**10.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дастгирии давлатии соҳаҳои комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 5 марти соли 2007, №241).

**11.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 3 августи соли 2018, №1544)». – 8 с.

**12.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ипотека» (аз 20 марти соли 2008, №364). – 20 с.

**13.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ислоҳоти замин» (аз 5 марти соли 1992, №594). – 7 с.

**14.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи омори давлатӣ» (аз 12 январи соли 2010, №588). – 6 с.

**15.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ» (аз 15 марти соли 2016, №1299). – 9 с.

